# РОҲНАМОИ ФАННИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ БАРОИ СИНФИ 4-УМ

## барои омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ

**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ТАВСИЯ КАРДААСТ**

**ДУШАНБЕ**
**МАОРИФ**
**2016**

**ББК 82.33+82.3 (0)**

**К-90**

**К-90.** М. Зувайдуллозода, Ш. Гурезов, М. Ҳамидова, П. Лутфуллоева, Шораҳимова. **Роҳнамои фанни забони англисӣ барои синфи 4-ум барои омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ.** Душанбе, «Маориф», 2016. 36 саҳ.

**ISBN 978-99947-1-421-6**

**© «Маориф», 2016**

## Мундаричa


**МУҚАДДИМА ..................................................................................................................................... 5**

**1. ТАШКИЛИ РАВАНДИ ТАЪЛИМИ САЛОҲИЯТНОКӢ АЗ ФАННИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ БАРОИ СИНФИ ЧОРУМ ..................................................................................................................................... 5**

**2. ҶАДВАЛИ САЛОҲИЯТҲО ВА НИШОНДИҲАНДАҲОИ ФАННИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ БАРОИ СИНФИ 4 ..................................................................................................................................... 6**

**3. НАМУНАИ НАҚШАҲОИ ДАРСҲОИ ФАННИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ БАРОИ СИНФИ 4 ................ 8**

LESSON 1. ДАРСИ 1. МАВЗӮЪ: AT SCHOOL AGAIN – БОЗ ДАР МАКТАБ ..................... 8
LESSON 2. ДАРСИ 2. МАВЗӮЪ: THE A B C ..................... 8
LESSON 3. ДАРСИ 3. МАВЗӮЪ: HUMAN BODY ..................... 9
LESSON 4. ДАРСИ 4. МАВЗӮЪ: HUMAN BODY ..................... 10
LESSON 5. ДАРСИ 5. HUMAN BODY ..................... 10
LESSON 6 ДАРСИ 6. МАВЗӮЪ: HUMAN BODY ..................... 11
LESSON 7. ДАРСИ 7. МАВЗӮЪ: A CLASSROOM ..................... 12

**UNIT III. CLOTHES. WHAT DO WE WEAR ..................... 12**

LESSON 8. ДАРСИ 8 CLOTHES (ЛИБОС) ..................... 12
LESSON 9. ДАРСИ 9. МАВЗӮИ ДАРС: CLOTHES ..................... 13
LESSON 10. ДАРСИ 10. МАВЗӮИ ДАРС: CLOTHES ЛИБОСҲО ..................... 13
LESSON 11. ДАРСИ 11. МАВЗӮИ ДАРС: CLOTHES ЛИБОСҲО ..................... 14
LESSON 12. ДАРСИ 12. МАВЗӮИ ДАРС: CLOTHES ..................... 14
LESSON 13. МАВЗӮЪ: CLOTHES ЛИБОСҲО ..................... 15
LESSON 15. ТАКРОР ВА ҶАМЪБАСТИ МАВЗӮИ «ЛИБОС» CLOTHES ..................... 16
LESSON 16. ТАКРОР ВА ҶАМЪБАСТИ МАВЗӮИ «ЛИБОС» CLOTHES ..................... 16
LESSON 17. ТАКРОР ВА ҶАМЪБАСТИ МАВЗӮИ «ЛИБОС» CLOTHES ..................... 17

**UNIT IV. SHOPPING – AT THE GROCERY ..................... 17**

LESSON 18-19. ДАРСҲОИ 18 – 19 МАВЗӮЪ: SHOPPING - ХАРИДУ ФУРӮШ ..................... 17
LESSON 20 ДАРСИ 20. МАВЗӮЪ SHOPPING - ХАРИДУ ФУРӮШ ..................... 18
LESSON 21. ДАРСИ 21. МАВЗӮЪ: FOOD (ХӮРОК) ..................... 18
LESSON 22-23. ДАРСИ 22 – 23. МАВЗӮЪ A GROCERY (ДӮКОН - БОЗОРЧА) ..................... 19
ДАРСИ 24 – 25. LESSON 24-25. МАВЗӮЪ: SPORTS ..................... 19
LESSON 26-27. ДАРСИ 26 – 27. МАВЗӮЪ: THINGS AND CLOTHES ..................... 20

**UNIT Y. FRUIT AND VEGETABLES МЕВА ВА САБЗАВОТ ..................... 20**

LESSON 28. ДАРСИ 28 LESSON TWENTY-EIGHT ..................... 20
LESSON 29. ДАРСИ 29 ..................... 21
LESSON 30. ДАРСИ 30 ..................... 22
LESSON 31. ДАРСИ 31. ..................... 22
LESSON 32. ДАРСИ 32. ..................... 23
LESSON 33. ДАРСИ 33. ..................... 23
LESSON 34. ДАРСИ 34 ..................... 24
LESSON 35. ДАРСИ 35. ANIMALS – ҲАЙВОНОТ ..................... 24
LESSON 36. ДАРСИ 36 ..................... 25
LESSON 37. ДАРСИ 37. ..................... 25

**UNIT 6. AT SCHOOL ..................... 26**

LESSON 38. ДАРСИ 38. AT SCHOOL – ДАР МАКТАБ ..................... 26
LESSON 39. ДАРСИ 39 ..................... 26

**UNIT VII. HOUSE – FLAT – ХОНА, ХОНАИ БИСЁРОШЁНА ..................... 26**

LESSON 40. ДАРСИ 40 ..................... 26
LESSON 41. ДАРСИ 41 ..................... 27

Lesson 42. Дарси 42 ... 27
Lesson 43. Дарси 43 ... 27
Lesson 44. Дарси 44 ... 27
Lesson 45. Дарси 45 ... 28
Lesson 46. Дарси 46 ... 28
Lesson 47. Дарси 47. Our sitting-room ... 28
Lesson 48. Дарси 48. Our sitting-room ... 28
Lesson 49. Дарси 49. Our sitting-room ... 29
Lesson 50. Дарси 50. Let's learn Grammar ... 29
Lesson 51. Дарси 51. "My Mummy"' ... 29
Lesson 52. Дарси 52 Lets learn Grammar ... 29
Lesson 53. Дарси 53. Navrouz ... 29
Lesson 54. Дарси 54. On duty ... 30
Lesson 55. Дарси 55. Language Practice ( ... 30
Lesson 56. Дарси 56. You must come to school early ... 30
Lesson 57. Дарси 57. Project Our house ... 30

**UNIT 8. SPORTS AND ENTERTIMENT ... 31**

Lesson 58. Дарси 58. Sports I go in for football ... 31
Lesson 59. Дарси 59. Games. Sports makes people strong and healthy ... 31
Lesson 60. Дарси 60. In the kitchen.We prepare food in the kitchen ... 31
Lesson 61. Дарси 61. Where is the refrigerator? It's in the kitchen ... 32
Lesson 62. Дарси 62. The kitchen ... 32
Lesson 63. Дарси 63. In the kitchen ... 32
Lesson 64. Дарси 64. A bathroom ... 33
Lesson 65. Дарси 65. ' We wash with the soup and water' ... 33
Lesson 66. Дарси 66. ' You brush your teeth with it' ... 34
Lesson 67. Дарси 67. 'This is the way I wash my hands so early in the morning' ... 34
Lesson 68. Дарси 68. 'What do we use to clean the room?' ... 34
Project work. Lessons 64-67 Our bathroom ... 35

## Муқаддима

Соҳаи маориф аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки рушди мамлакат эътироф гардида, дар ин самт ҳамасола тадбирҳои зиёд андешида мешаванд. Илова ба бунёди муассисаҳои таълимии нав, таҷдиди инфрасохтор, инчунин ба сифат, мазмуну самарабахшии мундариҷа ва ҷараёни таълим низ таваҷҷуҳи қобили назар зоҳир мегардад. Таҳияи стандарт ва барномаҳои нави таълимӣ метавонанд сатҳу сифати таҳсилоти миёнаи умумиро баланд бардоранд.

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади баланд бардоштани сифати таълим ва натиҷабахшии раванди он таҳияи стандартҳои фанниро ба роҳ мондааст, ки Стандарти фанни забони англисӣ барои синфи чорум аз ҷумлаи онҳост. Вазорати маориф ва илм натиҷа ва дастовардҳои ислоҳоти соҳаро, ки тайи солҳои охир татбиқ гаштаанд, эътироф карда, дар асоси ба эътибор гирифтани таҷрибаи ҷаҳонӣ стандарт ва барномаҳои навро ҳамчун як ҷузъи таркибии ислоҳоти пурраи мундариҷаи таҳсилот таҳия намудааст.

Стандарти фанни забони англисӣ барои синфи чорум ҷузъи таркибии силсилаи стандартҳои фанни забони англисӣ дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ аст. Стандарти мазкур дар асоси салоҳият таҳия шуда, талаботи стандартҳои давлатии таҳсилоти миёнаи умумиро ба эътибор мегирад.

Сохтор ва услуби пешниҳоди стандарт тарзе интихоб шудааст, ки паҳлуҳои гуногуни раванди таълими фанни забони англисӣ-ро дар синфи чорум фаро мегирад ва ба ин васила фаъолияти омӯзгорро дар ҷараёни банақшагирӣ ва таълиму арзёбӣ осон мегардонад.

Тавре ки таҷрибаи байналмилалӣ ва шароити кунунии Тоҷикистон нишон медиҳад, вобаста ба талаботи бозори меҳнат, инкишофи босуръати муносибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарогирии ҳар чӣ бештари воситаҳои иттилоот (интернет, телевизион ва ғайра) имрӯз танҳо бо дониш мусаллаҳ шудан кифоя набуда, дар амал истифода бурдани донишу малакаҳо муҳимтарин роҳи иҷтимоишавии ҷавонон ва дастёбӣ ба натиҷаҳои дилхоҳ ба шумор меравад. Ин нуктаи муҳим санги маҳаки стандарти мазкурро ташкил медиҳад.

## 1. Ташкили раванди таълими салоҳиятнокӣ аз фанни забони англисӣ барои синфи чорум

Аксари низомҳои таълими анъанавӣ ба азхудкунии мавзӯъ нигаронида шудаанд, яъне омӯзгорон хонандагонро ба аз худ кардани мавзӯъ ва аз ёд кардани маълумот водор менамоянд. Чунин муносибат ба таълим дар гузашта муносиб буд, аммо дар замони ҳозира, ки андозаи дониш босуръат зиёд мегардад, дар раванди таълим диққати асосӣ бояд ба ташаккули малакаҳои омӯзишии хонандагон равона гардад, то онҳо тавонанд дониши зарурӣ ва маълумоти мушаххасро интихоб карда, истифода баранд. Дар стандартҳои фанни забони англисӣ ба истифодаи дурусту моҳиронаи забони англисӣ бо мақсади муошират ва ҳалли масъалаҳои ҳаётан зарур диққати махсус дода мешавад.

Акнун барои омӯзгорон мафҳумҳои “хонандагон чиро меомӯзанд?” ва “чӣ тавр меомӯзанд?” аз саволи “ба хонандагон чиҳоро меомӯзонанд?” муҳимтар аст. Барои баъзеҳо омӯзондан ва омӯхтан (аз худ кардан) як маъно дорад, аммо бояд дар хотир дошт, ки агар омӯзгор нодуруст дарс диҳад, ҳатто дар ҳолати дарси зиёд додан ҳам азхудкунӣ наметавонад самарабахш бошад.

Дар низоми таълим ва арзёбии салоҳиятнокӣ ба дониш, малака ва маҳоратҳои воқеии хонандагон диққати махсус дода мешавад. Салоҳиятҳо фаъолиятҳоеро, ки хонандагон дар натиҷаи омӯхтан аз худ мекунанд нишон медиҳанд.

Забони англисӣ дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун забони хориҷӣ таълим дода мешавад. Усул, муносибат ва воситаҳои таълими забони хориҷӣ аз таълими забони модарӣ фарқи калон доранд. Таълими забони модарӣ дар шароите ба роҳ монда мешавад, ки хонанда бо ин забон дар хона, мактаб, кӯча ва дигар мавзеъҳо суҳбат мекунад, онро аз овони кӯдакӣ мешунавад ва бо он муошират мекунад. Таълими забони хориҷӣ бошад, доираи маҳдуди муошират дорад. Хонандагони хурдсол имконияти ками шунидани гуфтугӯи дигарон ва муоширатро бо ин забон доранд. Бо назардошти ин омилҳо, таълими забони англисӣ як навъ мушкилотеро ба миён меорад. Ин ҳам маҳдуд будани доираи муошират бо ин забон аст. Дарс ягона муҳити асосии муошират хонандагон и хурдсол бо ин забон ба шумор меравад. Бо дарназардошти ин омил ҳар як соати дарсӣ бояд самаранок ва мақсаднок истифода шавад шавад.

Маҳаки асосии таълими забони англисӣ ҳамчун забони хориҷӣ мусаллаҳ гардонидани хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо малакаҳои заминавии забониву муоширатии забони англисӣ аст.

## 2. ҶАДВАЛИ САЛОҲИЯТҲО ВА НИШОНДИҲАНДАҲОИ ФАННИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ БАРОИ СИНФИ 4

**Синфи 4**

**Шунидан**

4.1.1. Қоидаҳои одии шуниданро дар доираи васеи вазъиятҳо риоя мекунад.

*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*
- талаффузи миқдори маҳдуди калимаҳои мавзӯъҳои умумии барномаи таълимро мешиносад;
- фонемаҳои аввал, мобайн ва охири калимаҳоро муайян мекунад.

4.1.2. Мазмуни сода ва мақсади асосии навъҳои маъмули нутқи шифоҳии каме мураккаби ба синну сол мувофикро муайян мекунад.

*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*
- дастурҳои/супоришҳои кӯтоҳ, асосӣ ва маъмули дарсро дарк мекунад;
- миқдори бештари саволҳои кӯтоҳро оид ба маълумоти шахсӣ дарк мекунад;
- миқдори бештари саволҳои кӯтоҳро оид ба мавзӯъҳои умумӣ ва мавзӯъҳои барномаи таълим дарк мекунад;
- ахбори мушаххаси як қатор суҳбатҳои кӯтоҳро оид ба мавзӯъҳои умумӣ ва мавзӯъҳои барномаи таълим муайян мекунад;
- матнҳои хурди ҳикоягиро доир ба мавзӯъҳои умумӣ ва мавзӯъҳои барномаи таълим дарк мекунад.

**Ҳамгироии салоҳиятҳои гуфтану шунидан**

4.2.1. Имконияти баробари шунидану гуфтанро дар шаклҳои содаи нутқи шифоҳӣ истифода мебарад.

*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*
- ба мақсади иштирок дар муколамаю муҳокима оид ба маълумоти шахсӣ, мавзӯъҳои умумӣ ва мавзӯъҳои барномаи таълим саволу ҷавоб мекунад.

**Гуфтан**

4.3.1. Дар вазъиятҳои нисбатан васеъ қоидаҳои одии сухангӯйӣ (маданияти нутқ)-ро риоя мекунад.

*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*
- дар корҳои дунафара, гурӯҳӣ ва муҳокимаҳои умумӣ калима, ибора ва ҷумлаҳои мувофиқ пешниҳод мекунад;
- ҳангоми муҳокима оид ба шумораи бештари мавзӯъҳои умумӣ ва сода бо навбат сухан меронад.

4.3.2. Саволҳои одии мантиқӣ ва дар вазъиятҳои гуногун дастурҳои осон медиҳад.

*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*
- барои муайян кардани макони ашё/одам ҷонишини саволии Where-ро истифода мебарад;
- барои муайян кардани ранг, соат ҷонишини саволии What-ро истифода мебарад (What time …? What colour …?);
- барои мавзӯи шиносро пурсидан аз ҷонишинҳои саволии *who, what, where, how many* истифода мебарад.

4.3.3. Фикру мулоҳизаҳои асосиро бо мақсадҳои маҳдуд дар шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ баён мекунад.

*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*
- оид ба маълумоти шахсӣ ва дигар мавзӯъҳои маҳдуди барномаи таълим суҳбат мекунад;
- бо мақсади пайдо кардани маълумоти бештар оид ба шахс савол медиҳад;
- амалҳои асосиро дар қолиби замони ҳозираю гузашта дар доираи мавзӯъҳои умумӣ ва мавзӯъҳои барномаи таълим тасвир/нақл мекунад;
- луғати (калимаҳои) асосии миқдори маҳдуди мавзӯъҳои умумӣ ва мавзӯъҳои барномаи таълимро истифода мебарад;
- хусусиятҳои одамон ва ашёро кӯтоҳ бо забони англисӣ шарҳ медиҳад;
- ҳикоя ва ҳодисаҳои хеле кӯтоҳро оид ба мавзӯъҳои маҳдуди умумӣ ва мавзӯъҳои барномаи таълим нақл мекунад.

**Хондан**

4.4.1. Унсурҳои одии матнро мешиносад ва истифода мебарад.

*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*
- малакаи дарки унсурҳои матнро, ки тавассути фанҳои забони модарӣ ва забони русӣ аз худ кардааст дар омӯхтани забони англисӣ истифода мебарад (нигаред ба ҳамин салоҳият аз фанҳои "Забони модарӣ" ва "Забони русӣ);
- калимаҳои матнҳои мавзӯъҳои маҳдуди барномаи таълимро мешиносад, муайян ва талаффуз мекунад;

| |
|---|
| - луғатҳои расмдорро бо ёрии камтар истифода мебарад. |
| 4.4.2. Миқдори ками усулҳоро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки баъзе калимаҳои ношинос доранд мехонад.<br>*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*<br>- дастурҳо/супоришҳои маъмулро дар ҷараёни дарс мехонад ва иҷро мекунад;<br>- ба таври эътимоднок, бо майлу хоҳиш матнҳои хеле кӯтоҳи ҳикоягӣ ва ахборро мехонад. |
| 4.4.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии баосонӣ пешгӯйишавандаро, ки миқдори хеле ками калимаҳои ношинос доранд, дарк карда метавонад.<br>*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*<br>- мазмуни асосии матнҳои хеле кӯтоҳу содаро оид ба мавзӯъҳои умумӣ ва мавзӯъҳои барномаи таълим дарк мекунад;<br>- баъзе маълумоти мушаххасро аз матнҳои хеле кӯтоҳу сода оид ба мавзӯъҳои умумӣ ва мавзӯъҳои барномаи таълим муайян мекунад;<br>- мазмуни ҷумлаҳои содаи кӯтоҳро оид ба мавзӯъҳои шинос дарк мекунад. |
| 4.4.4. Хондану навиштанро қадр карда, матнҳои хурди содаро мехонад ва менависад.<br>*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*<br>- аз рӯйи майлу хоҳиш ва шавқу ҳавас мехонад;<br>- мунтазам калимаю ибораҳои азхудкардаашро дар воситаҳои гуногун (рӯзномаю маҷаллаҳо, овезаҳо, рекламаҳо) ҷустуҷӯ менамояд ва мехонад;<br>- матнҳои хурди дорои калимаҳои шиносро бо риояи аломатҳои китобат мехонад;<br>- мунтазам матнҳои хурди кӯдакона (ба синну сол мувофиқ)-ро мехонад;<br>- мустақилона малакаву маҳорати навиштани худро (таҳия ва истифодаи дафтарчаи “Имло”, “Луғати аввалини ман” ва амсоли он) такмил медиҳад. |
| **Навиштан** |
| 4.5.1. Қоидаҳои хатро риоя карда, нисбатан тезтар ва дар асоси намуна менависад.<br>*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*<br>- малака ва салоҳиятҳоро, ки аз фанҳои забони модарӣ ва забони русӣ оид ба тарзи пайваст кардани ҳарфҳои калимаҳо ҳангоми навиштан омӯхтааст истифода мебарад;<br>- дастур/супориши кӯтоҳи шиносро бо ёрии ҳамсинфон менависад;<br>- ҳангоми иҷрои машқҳои навиштан, навиштани номи одамон, макон ва ҷумлаҳои сода ҳарфҳои хурду калонро дуруст истифода мебарад;<br>- миқдори бештари калимаҳои шинос ва серистеъмолро дурусту беғалат менависад;<br>- ҳангоми иҷрои машқҳои навиштани ҷумлаҳои сода нуқта ва аломати саволро дуруст истифода мебарад. |
| 4.5.2. Фикр (ақида, андеша)-и худро тавассути ду-се ҷумлаи содаи аз рӯйи мазмун алоқаманд менависад.<br>*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*<br>- оид ба мавзӯъҳои шинос ҷумлаҳои кӯтоҳу содаро менависад ва онҳоро месанҷад;<br>- оид ба маълумоти шахсӣ бо ёрии дигарон ҷумлаҳои кӯтоҳ ва сода менависад;<br>- шакли танҳо, ҷамъи исмҳоро (баъзе исмҳои ҷамъбандии ғайримаъмулӣ доштаро) истифода мебарад;<br>- барои номгузорӣ кардани ашё ва нишон додани соҳиби онҳо *‘s/s’* истифода мебарад;<br>- аз 1 то 50 бо забони англисӣ ҳисоб карда метавонад;<br>- барои ифода кардани маълумоти шахсӣ ва тасвири ашё сифатро истифода мебарад;<br>- барои ифода кардани ашёи шинос муайянкунандаҳо *a, the, some, any, this, these, that*-ро истифода мебарад;<br>- дар матнҳои кӯтоҳ ва ҷавобҳо ҷонишинҳои ишоратии *this, these, that, those*-ро истифода мебарад;<br>- ҷонишинҳои шахсиро барои навиштан ва гуфтани маълумоти шахсӣ истифода мебарад;<br>- барои тасвир ва нишон додани соҳиби ашё аз ҷонишинҳои соҳибӣ (*mine, yours*) истифода мебарад;<br>- барои навиштан ва гуфтани дастурҳо (супоришҳо)-и кӯтоҳ сиғаи амрии (мусбат ва манфӣ) феълро истифода мебарад;<br>- барои навиштан ва пешниҳоди маълумоти шахсии мухтасар замони ҳозираи феъро истифода мебарад;<br>- барои нақл ва навиштани ҳодиса ва воқеаҳои шинос замони гузаштаи феълҳои маъмулро истифода мебарад;<br>- барои нақл кардану навиштани ҳодисаҳои дар айни замон воқеъшуда ва ҷавоб додан ба саволҳо замони ҳозираи давомдори феъро истифода мебарад;<br>- барои навиштани ҷумлаҳои кӯтоҳ ва тасвири ашё *there is/are* истифода мебарад;<br>- зарфҳои замон ва маконро *now, today, over, there* барои ҷавоб додан ба саволҳои Кай? ва Дар куҷо? истифода мебарад;<br>- феъли модалии *can*-ро барои пурсидани иҷозат ва хоҳиш истифода мебарад;<br>- пешояндҳои макон, ҳолат ва самт: at, behind, between, in, in front of, near, next to, on, to-ро дуруст истифода мебарад; |

- барои даъват кардани одамон ба коре аз *Would you like to …* истифода мебарад ва ба чунин мурочиат дуруст чавоб медиҳад;
- барои алоқаманд кардани калимаҳо ва ибораҳо аз пайвандакҳои *and, or, but* истифода мебарад;
- барои ифодаи ҳодиса ва амалҳо пайвандаки *when*-ро истифода мебарад.

## 3. НАМУНАИ НАҚШАҲОИ ДАРСҲОИ ФАННИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ БАРОИ СИНФИ 4

### LESSON 1. ДАРСИ 1. МАВЗӮЪ: AT SCHOOL AGAIN – БОЗ ДАР МАКТАБ

**Салоҳиятҳо**: 4.1.2; 4.2.1; 4.3.1; 4.3.3. **Мақсади таълимии дарс**: дар бораи парчамҳои давлатҳои дигар маълумот дода тавонад; бо мақсади иштирок дар муколамаю муҳокима оид ба маълумоти шахсӣ ва мавзӯъҳои умумӣ ва мавзӯъҳои барномаи таълим саволу чавоб кунад; оид ба маълумоти шахсӣ, дигар мавзӯъҳои маҳдуди барномаи таълим суҳбат кунад; хусусиятҳои одамон ва ашёро кӯтоҳ бо забони англисӣ шарҳ диҳад. **Барномаи таълим.** Хонандагон дар бораи рангҳои парчами Тоҷикистон, инчунин парчамҳои давлатҳои дигар маълумот дода метавонанд. Дар бораи он ки чӣ тавр таътили тобистонаро гузаронидaнд, каме маълумот медиҳанд. Калимаҳои навро бахшида ба «Рӯзи дониш» бо забони англисӣ меомӯзанд.
**Равиши дарс.** Омода намудани синф ба дарс. Омӯзгор дарсро бо навбатдор оғоз менамояд, барои ин аввал ӯ савол медиҳад, навбатдор чавоб медиҳад: Who is on duty today? I am on duty today. What date is it today? The date is 1 (2, 3) of September. What day is it today? Today is Tuesday. What the weather like today? The weather is fine today. Омӯзгор ба хонандагон мегӯяд: Бачаҳо, инак мо имрӯз бо китоби нав шинос мешавем, то ки забони англисиро бо воситаи он боз ҳам хубтар омӯзем. Омӯзгор китобро ба бачаҳо нишон дода мегӯяд: Бачаҳо, дар саҳифаи аввал мо чиро мебинем? What is this? Бачаҳо: This is a flag. Омӯзгор:What colours do you see in the flag? Хонанда:I see red, white, and green colours in the flag. Омӯзгор: Офарин. Бачаҳо дар поёни парчам мо нишони Тоҷикистонро мебинем. This is a herb. Британияи кабир низ аз якчанд давлати калон иборат аст. Ин давлатҳо низ парчамҳои худро доранд. Мисол: National flag of Great Britain. National flag of Nothern Ireland. The flag of Scotland. The flag of Wales. The flag of England. Дар саҳифаи 5 шумо давлатҳоеро мебинед, ки дар он чо бо забони англисӣ гап мезананд. Мисол:
Great Britain – British. Nothern Ireland - Irish. Scotland - Scottish. Wales - Welsh. England - English. Australia - Australian. Canada - Canadian. New Zealand – New Zealander. The United States of America - American.
Омӯзгор ба бачаҳо барои хубтар аз худ кардани мавзӯъ ин машқро дар тахтаи синф менависад, хонандагон дар чойи нуқтаҳо калимаҳои лозимаро мегузоранд: Bill is from Australia, he is Australian boy. John is from England, he is ... Zarina is from Tajikistan, she is … Marina is from Russia, she is …
Омӯзгор: - Дар саҳифаи шашум мо пайкараи Исмоили Сомониро мебинем. The Ismoil Somoni state. Бачаҳо канӣ кӣ мегӯяд, Исмоили Сомонӣ кӣ буд? Бачаҳо: Асосгузори давлати Сомониён. (Агар бачаҳо чавобро надонанд, омӯзгор кӯмак мекунад). М: офарин, бачаҳо шумо низ кӯшиш кунед, ки дар мактаб хубу аъло хонед, то ки дар оянда ба халқу Ватан хизмат карда, ифтихори миллат гардед. Инак дарси аввали мо, бачаҳо, рӯзи дониш, яъне: The day of knowledge. Мо, албатта, ҳоло хушбахтем, ки боз як сол пеш рафтем, дар синфи 3 мехондем, ба синфи 4 гузаштем. Ҳама зебову тозаву ороста. Инак шурӯъ мекунем ба омӯзиши забони англисӣ ва ба мо ёрӣ медиҳад, ин китобе, ки ҳоло шумо дар дастатон доред.
Омӯзгор: Мавзӯи мо бачаҳо «At school again» - «Боз дар мактаб» мебошад. Акнун биёед якчоя ба расм нигоҳ карда, ба саволҳо чавоб медиҳем: What is this? This is a school. Is it a big or a small school? It is a small school…
Омӯзгор дар идома метавонад аз ин саволҳо низ истифода бурда, чавобашро аз ҳар як хонанда пурсад: Do you like your school? Do you like your teacher? What subject do you like? Do you like English lesson?
Омӯзгор диққати талабаҳоро ба саҳифаи 8 – и китоб чалб мекунад. Бачаҳо, биёед, акнун дунафарӣ ин муколамаро мехонем: Nozanin: Good morning. Komron: Good morning. Nozanin: Do you like your summer holidays? Komron: Yes, I do. I like it very much… Омӯзгор аз бачаҳо мепурсад: Бачаҳо имрӯз мо кадом калимаҳои навро гузаштем? Бачаҳо: summer [sʌmə] - тобистон, holidays [hɔlideiz] - таътил, to be at school again [tu bi ət sku:l əgein] – боз дар мактаб ҳозир шудан , to be happy [tu bi: hæpi] – хушбахт будан, the day of knowledge [ðə dei əf nɔlidʒ] – рӯзи дониш, village [vilidʒ] - деҳа, again [əgein] -боз. Бачаҳо ман ҳоло чумлаҳоро ба забони тоҷикӣ мегӯям, шумо онҳоро тарчума кунед, метавонед чавобро аз китоб ёбед: Ман таътили тобистонаро дӯст медорам - Шумо дар вақти таътил дар кучо будед? - Ман дар деҳа будам. - Ҳоло дар синфи чандум мехонӣ? - Мактабро дӯст медорӣ? - Дарси забони англисиро - чӣ? - Бачаҳо, вазифаи хонагӣ: такрор кардани муколама дар хона ва аз ёд кардани калимаҳои нав. Дар зинаҳои 3, 4, 6 ва 7 арзёбӣ намудани дониши хонандагон .

### LESSON 2. ДАРСИ 2. МАВЗӮЪ: THE A B C

**Салоҳиятҳо:** 4.5.1; 4.1.1; 4.3.3. **Мақсади таълимии дарс**: ҳарфҳои забони англисиро шиносанд, дуруст талаффуз карда тавонанд; талаффузи миқдори маҳдуди калимаҳои мавзӯъҳои умумии барномаи таълимро шиносанд; фонемаҳои аввал, мобайн ва охири калимаҳоро муайян кунад; дастур/супориши кӯтоҳи шиносро бо ёрии ҳамсинфон нависанд; ҳангоми ичрои машқҳои навиштан, навиштани номи одамон, макон ва чумлаҳои сода ҳарфҳои хурду калонро дуруст истифода баранд; миқдори бештари калимаҳои шинос ва серистеъмолро дуруст ва беғалат нависанд; ҳангоми ичрои машқҳои навиштани чумлаҳои сода нуқта ва аломати саволро дуруст истифода барад. **Барномаи таълим.** Машқи ҳарфҳо. Мушоҳидаи тарзи дурусти талаффузи ҳарфҳо ва садонокҳо. Чумласозӣ бо феъли “To have”. Суҳбат дар бораи рӯзи истиқлолият.
**Равиши дарс.** Омода намудани синф ба дарс. Пурсиши вазифаи хонагӣ. Эълони мавзӯи нав. Омӯзгор: Шогирдони азиз, дарси имрӯзаро мо бо такрори алифбои забони англисӣ шурӯъ мекунем. Омӯзгор

метавонад аз шеъри маъмул истифода бурда, дар баробари шеърхонӣ ҳарфҳоро аз варақча (карточка) нишон диҳад. Сипас ӯ аз талабагон мепурсад, ки дар забони англисӣ чандто ҳарф мавҷуд аст?
Хонандагон : 26 то. Омӯзгор: Офарин, канӣ кӣ ҳарфҳоро номбар карда метавонад? Ду – се нафар ҳарфҳоро номбар мекунанд.
Сипас омӯзгор мепурсад: Бачаҳо биёед садонокҳоро низ такрор мекунем, чунки шумо шояд дар давоми таътил онҳоро фаромуш карда бошед. Канӣ кӣ мегӯяд дар забони англисӣ чанд садонок ҳаст? Бачаҳо: 6 – то. Омӯзгор ду се нафарро мепурсад, онҳо садонокҳоро номбар мекунанд. Ё омӯзгор метавонад аз ин бозӣ истифода барад:
**Бозии «Нодонак ва мо»** Ба синф Нодонак (яке аз хонандагон ) медарояд. Ӯ мехоҳад забони англисиро омӯзад. Акнун хонандагон натанҳо овозҳоро такрор мекунанд, балки ба Нодонак дуруст талаффуз кардани онҳоро ёд медиҳанд. Нодонак ба хонандагон овонавишти (транскрипсия) - и ҳарфҳоро дар тахтаи синф нишон медиҳад, онҳо якҷоя талаффузи ин ҳарфҳоро дар овонавишт (транскрипсия) мегӯянд. Сипас Нодонак ҳарфҳои алифборо мегӯяд, вале баъзан хато мекунад. Агар ӯ овозро дуруст талаффуз кунад, талабагон оромaнд ва агар хато кард, онҳо қарсак мезананд. Омӯзгор: Бачаҳо дар саҳифаи 10 –уми китоб шумо якчанд расмҳоро мебинед. Ҳоло мо бо шумо як бозиро анҷом медиҳем. Ҳар як нафар бо ёрии ин расмҳо ҷумла месозад, вале шумо ҷумлаҳоро бояд бо *Ман мебинам (I see) … ва Ман дорам (I have)* …оғоз кунед. Мисол: I have a family. I see a drum. Хонандае, ки зиёдтар ҷумла менависад, ғолиб дониста мешавад. Барои иҷрои машқи 3 хонандагон бо якдигар кори гурӯҳӣ гузаронида, байни ҳам саволу ҷавоб мекунанд: Do you have you a father? Yes I have. Do you have you a mother? Yes I have. Do you have you a brother? Do you have a sister? What toys do you have? I have a ball, a bear, a drum.-
Барои иҷрои машқи 4 омӯзгор бозии **Кӣ зудтар? -** ро мегузаронад. Ӯ калимаҳоеро, ки дар рафти дарс такрор шуд, ба хонандагон ҳарф ба ҳарф мегӯяд, бачаҳо фикр карда ҷавоб мегардонанд. Мисол: f- a – t - h – e – r, f – a – m – i – l – y, c – a – r, b – r – o – t – h – e – r, m – o – t – h – e – r…
Омӯзгор: Бачаҳои азиз имрӯз мо бо шумо мавзӯи оиларо такрор кардем. Албатта ҳар яки мо оила дорем ва ҳар оила дар якҷоягӣ ҷамъиятро ташкил мекунад, яъне мо якҷоя миллати тоҷикро ташкил мекунем ва ин миллат хушбахтона Ватан низ дорад. Бачаҳо, Ватани мо чӣ ном дорад? – Хонандагон : Тоҷикистон. Омӯзгор: Кӣ мегӯяд, калимаи Тоҷикистон дар забони англисӣ чӣ гуна гуфта мешавад: Хонандагон : Tajikistan. (Агар бачаҳо надонанд, Омӯзгор худ кумак мерасонад). Омӯзгор: Офарин вале пойтахти он чист? – Душанбе. М: Бале, ин калима дар англисӣ чӣ тавр аст, шояд касе дар тахтаи синф навишта метавонад? Олим: Dushanbe. Омӯзгор: Офарин. Бачаҳо мо ба наздикӣ кадом идро ҷашн мегирем? Хонандагон : иди истиқлолият. Бачаҳо калимаи истиқлолият аз чанд ҳарф иборат аст? Хонанда: аз 11 ҳарф. М: Дар хотир доред, ки ин калима дар забони англисӣ низ аз ҳарфи зиёд иборат буда, ҳатто чун дар забони тоҷикӣ бо ҳарфи I оғоз меёбад. Канӣ кӣ ин калимаро аз китоб меёбад? Хонандагон дар ҷумлаи The day of Independence of Tajikistan калимаи Independence - ро меёбанд. Бачаҳо мо имсол чандсолагии истиқлолиятро ҷашн мегирем? Хонандагон : 25 – солагӣ. Омӯзгор: Канӣ кӣ мегӯяд, рақами 25 бо англисӣ чӣ хел мешавад? Хонанда: Twenty five. Омӯзгор: Офарин. The 25 th of anniversary of Independence. Бачаҳо, ҳама такрор кардем: The 9 th of September it is the independence day of Dushanbe.
Вазифаи хонагӣ: навиштани чор - панҷ ҷумла дар бораи оила. Дар зинаҳои 1, 2, 3, 4, 5 арзёбӣ кардани дониши хонандагон .

## LESSON 3. ДАРСИ 3. МАВЗӮЪ: HUMAN BODY

**Салоҳиятҳо:** 4.1.1. 4.3.2. 4.5.2. **Мақсади дарс: овонавишти (транскрипсияи)** ҳарфи **Aa [ei] [**æ] [a:]-ро донанд. Калимаҳоро бо ин ҳарф дуруст хонда тавонанд. Барои тасвири шахс ва узвҳои бадани ӯ калимаҳои дурустро истифода барад. Миқдори бештари саволҳои кӯтоҳро оид ба мавзӯъҳои умумӣ ва мавзӯъҳои барномаи таълим дарк кунад. Ахбори мушаххаси як қатор суҳбатҳои кӯтоҳро оид ба мавзӯъҳои умумӣ ва мавзӯъҳои барномаи таълим муайян кунад. **Барномаи таълим.** Машқи овозӣ. Мушоҳидаи тарзи дурусти талаффузи калимаҳо. Нишон додани тарзи хондан ва навишти калимаҳои Hand [hænd] – даст, nose [nouz] – бинӣ, mouth [mauθ] - даҳон eye [ai] - чашм, ear [iə] - гӯш Машқи саволу ҷавоб аз рӯйи расм.
**Равиши дарс.** Омода намудани синф ба дарс. Пурсиши вазифаи хонагӣ.
– Омӯзгор: Бачаҳо дарси имрӯзаи мо ба узвҳои бадан дахл дорад. Биёед, ба расмҳо нигоҳ карда, ин калимаҳоро мехонем. Hand [hænd] – даст, nose [nouz] – бинӣ, mouth [mauθ] - даҳон eye [ai] - чашм, ear [iə] – гӯш.
– Омӯзгор аз рӯйи сохти дар боло додашуда ба бачаҳо савол медиҳад: Is this your nose? Yes, it is. This is my nose. Is this your mouth? Yes, it is. This is my mouth… Машқи 2 –ро бачаҳо худашон мехонанд. Омӯзгор танҳо хотиррасон мекунад, ки ҳарфи **Aa** дар калимаҳо аз он ҷумла дар ҳиҷойи кушода ва баста чӣ хел хонда мешавад. Омӯзгор: Бачаҳо канӣ кӣ дар давоми ин калимаҳо худаш калима меёбад, ки бо чунин тарз хонда шавад? Plate, take, date, Kate, table, face, shake, fate. Bag, at, stand, back, rat, fat, back, sad, dad. Class, glass, past, last, grass, task. Dark, mark, lark, far, car, farm, calm.
– Омӯзгор бачаҳоро ба чор гурӯҳ тақсим мекунад ва ба ҳар гурӯҳ чунин супориш дода медиҳад: Калимаи **Plate** – ро дар тахтаи синф менависад. Хонандагон фикр карда, калимаҳоеро, ки ба ин калима алоқаманданд, дар дафтар менависанд. Мисол: Plate – apples, pears, bananas… Ба гурӯҳи дуюм калимаи Bag додамешавад. Мисол: Bag – pencils, a book, a notebook.Ба гурӯҳи сеюм калимаи class дода мешавад, ки аз он чунин калимаҳо сохтан мумкин аст: Class – a table, a blackboard, desks… Омӯзгор супориш медиҳад, то ки бачаҳо машқи 3 –ро анҷом диҳанд. It has a … mouth. It has …paws. Is your mouth small or big? Is your face oval? Are your eyes brown? Are your eyes blue? Is your hair black?
– **Дақиқаи дамгирӣ.** Омӯзгор: Аз паси ман такрор карда, амалҳоямро иҷро намоед:

Stand up!
Hands up!
Hands down,
Hands on hips,
Sit down
Stand up,
Hands to the sides
Bend left,
Bend right
Hands on hips
One, two, three, hop,
One, two, three, stop
Stand still!
Ok! Sit down!

– Машқи 5 –ро бачаҳо худашон иҷро мекунанд. Вазифаи хонагӣ: сохтани ҷумлаҳо бо калимаҳои нав. Аз ёд кардани калимаҳо. Дар қадамҳои 3, 5, 6, 7 арзёбӣ кардани дониши хонандагон .

## LESSON 4. ДАРСИ 4. МАВЗӮЪ: HUMAN BODY

**Салоҳиятҳо:** 4.1.1; 4.3.1; 4.5.2. **Мақсади дарс:** Дар бораи узвҳои бадани инсон бо забони англисӣ гуфугӯ карда тавонанд. Овонавишти ҳарфҳоро [e:] [eə] [ʃ][ei] дуруст талаффуз кунанд. Дар бораи узвҳои бадан бо якдигар сӯҳбат карда тавонанд. Дар корҳои дунафара, гурӯҳӣ ва муҳокимаҳои умумӣ калима, ибора ва ҷумлаҳои мувофиқ пешниҳод кунад. Ҳангоми муҳокима оид ба шумораи бештари мавзӯъҳои умумӣ ва сода бо навбат сухан ронад. **Барномаи таълим.** Мушоҳидаи тарзи дурусти талаффузи калимаҳои нав: Head [[hed], hair [hɛə], neck [nek], shoulder [ʃouldə], face [feis].

Машқи сохтани муколамаҳо ва навиштани ҷумлаҳо бо калимаҳои нав дар дафтар.

**Равиши дарс.** Омода намудани синф ба дарс. Пурсиши вазифаи хонагӣ. Омӯзгор бачаҳоро бо калимаҳои нав шинос мекунад. Бигзор тарҷумаашро фикр карда худашон ёбанд. Head [[hed], hair [hɛə], neck [nek], shoulder [ʃouldə], face [feis] Омӯзгор супориш медиҳад, ки хонандагон калимаҳоро дар дафтари луғат бо овонавишташон нависанд. Сипас бо ёрии ин калимаҳо саволу ҷавоб мекунанд: Is this your face or your neck? This is my face… Машқи 2 – ро аввал Омӯзгор худаш мехонад, сипас супориш медиҳад, то ки бачаҳо калимаҳоро хонанд: Red, pen, head**.** Air, chair, hair… Овонавишти (транскирипсия) - и калимаҳо фаҳмонда мешавад. Матни зерин аз тарафи хонандагон хонда мешавад: You have two eyes. You have two ears…

**Бозии "Қофияро ёб".** Омӯзгор калимаеро мегӯяд, хонандагон бояд дар радифи он мисол оранд.

Red - head
Wall–ball.
Air - hair
Floor – door.
Cake–name.
Cat–flat.
bad – sad

– Ҳангоми иҷро кардани машқи 3 хонандагон ба расми духтарак нигоҳ карда, савол медиҳанд: Is this her face or her sholders? Is this her mouth or her nose? Сипас метавонанд, дар бораи духтарак чунин маълумот диҳанд: Gulnora has a round face. Gulnora has a small mouth. Gulnora has a small nose. She has brown eyes. She has a red dress and red shoes. She has green socks.

– Барои иҷрои машқи 4 хонандагон ба ҳамдигар савол медиҳанд: Is your head small? Is your hair short or long?

– Омӯзгор дар лаҳзаи дамгирӣ ин шеърро бо бачаҳо такрор мекунанд:

**Poem**

I've got a dog,
His name is Jack.
His head is white,
His nose is black.

Калимаҳои нофаҳмои шеър шарҳ дода мешаванд:

Have got [hæv gɔt] – доштан
Dog [dɔg]-саг
His [hiz]- аз у
Head [hed] – калла
White [wait] – сафед
Nose [nouz] – бинӣ
Black [blæk] - сиёҳ

– Дар машқи 5 калимаҳо ба таври омехта дода шудаанд. Хонандагон бояд онҳоро дуруст монда, чумла сохта дар дафтар нависанд: This, my, is, head. Is, his, big, shoulder. Her, is, this, nose. Is, her, short, hair.

– Вазифаи хонагӣ: бо калимаҳои нав ҷумла сохтан, аз ёд кардани калимаҳо ва ёфтани ҷавоби чистон (саҳ. 13) дар хона.

## LESSON 5. ДАРСИ 5. HUMAN BODY

**Салоҳият**. 4.3.3; 4.1.1; 4.4.1. **Мақсади дарс:** дар бораи узвҳои бадани инсон, ки дар тарафи рост ё чап ҷойгиранд, бо забони англисӣ гуфугӯ карда тавонанд; оид ба маълумоти шахсӣ ва дигар мавзӯъҳои маҳдуди барномаи таълим суҳбат кунанд; ба мақсади пайдо кардани маълумоти бештар оид ба шахс савол диҳанд; луғати (калимаҳои) асосии миқдори маҳдуди мавзӯъҳои умумӣ ва мавзӯъҳои барномаи таълимро истифода баранд; хусусиятҳои одамон ва ашёро кӯтоҳ бо забони англисӣ шарҳ диҳанд; **Барномаи таълим.** Мушоҳидаи тарзи дурусти талаффузи калимаҳои нав: arm [a:m] - бозу, back [bæk] - тахтапушт, feet [fi:t] - пой, toes [təuz] – чиликҳои пой, teeth [ti:θ]-дандонҳо. Машқи саволу ҷавоб ва сохтани муколамаҳо бо калимаҳои нав.

Бо шумораҳо омӯзонидани узвҳои бадан.

**Равиши дарс.** Омода намудани синф ба дарс. Гуфтугӯ бо навбатдор. Барои шавқу ҳаваси хонандагон ро ба дарс ҷалб кардан, Омӯзгор ин шеърро бо бачаҳо мехонанд. Аввал ӯ якум мисраро мехонад, хонандагон такрор мекунанд, сипас дуюм, сеюм бо ҳамин тарз мисраҳои шеър то охир хонда мешавад.

**What do we do with…?**

We smell with our nose,

We see with our eyes,
We eat with our mouth
Tasty puddings and pies
With legs and feet we walk
With lips and tongue we talk,
And with our ears
We can hear.

Калимаҳои нофаҳмо шарҳ дода мешаванд:

**What do we do**
We [wi] мо
Smell [smel] – буй
With [wið] – бо
Our [auə] – аз мо
Nose [nɔuz] – бинӣ
See [si:] – дидан
Eyes [aiz] –чашмҳо
Eat [i:t] – хурдан
Mouth [mauθ] – даҳон
Tasty [teisti] – бомазза
Puddings [pudiŋ] – як намуди ширинӣ
Pies [paiz] – нахуд
Legs [legz] – зонуи пой
Feet [fi:t] - пой
Walk [wɔ:k] – сайругашт кардан
Lips [lips] – лабҳо
Tongue [tʌŋ] – забон
Talk – [tɔ:k] –сухан кард
Ears [iəz] – гушҳо
Hear [hiə] - шунидан

– Пурсиши вазифаи хонагӣ. Калимаҳои нав омӯзонида мешавад. Words: arm [a:m] - бозу, back [bæk] - тахтапушт, feet [fi:t] - пой, toes [təuz] – ангуштони пой, teeth [ti:θ]-дандонҳо. Омӯзгор ба бачаҳо самтҳои рост ва чапро фаҳмонда, бо сохти нав шинос мекунад: is this your right hand? Is this my left hand? Хонандагон ба расмҳо нигоҳ карда, калимаҳои додашударо мехонанд. Омӯзгор барои тақвияти мавзӯъ метавонад, калимаҳоро ҳарф ба ҳарф омехта номбар кунад, хонандагон як –ба як ин калимаҳоро меёбанд. Мисол: a f – o – o – t, b – a – c – k, t – o – e – s…

– Матн хонда мешавад. Сипас омӯзгор барои тақвияти мавзӯъ иборaҳоро бо забони тоҷикӣ мегӯяд, хонандагон тарҷумаашро мегӯянд. Ба шумораҳо диққат дода мешавад. Дасти рост, пойи чап, панҷ ангушт, пойи рост, ду даст…

– Бачаҳо аз ҷой хеста шеърро якҷоя мехонанд, дар вақти хондан ба узвҳои бадани номбаршуда ишора мекунанд. Ба расм нигоҳ карда ҳар як хонанда узвҳои баданро номбар мекунад. Дар ҷойҳои холии ҷумлаҳои додашуда калимаҳои зарурӣ гузошта, ба дафтар кӯчонда мешавад. Вазифаи хонагӣ: бо калимаҳои нав ҷумла сохтан. Аз ёд кардани шеър.

## Lesson 6 Дарси 6. Мавзӯъ: Human body

**Салоҳиятҳо:** 4.3.3; 4.1.1; 4.4.1; 4.5.1; 4.5.2. Дар асоси салоҳиятҳо ва барномаи дарси мазкур мақсадҳои таълимро муқаррар намоед. **Барномаи таълим.** Машқи маълумот додан дар бораи дӯсти худ. Машқи овозӣ ва мушоҳидаи талаффузи калимаҳои нав: pretty [priti] – зебо, диққатҷалбкунанда, sweet [swi:t] - ширин, pleasant [pleznt] - форам, tasty [teisty] - болаззат, bald [bɔld]-бемӯй.

**Равиши дарс.** Омода намудани синф ба дарс. Гуфтугӯ бо навбатдор. Пурсиши вазифаи хонагӣ. Омӯзгор ба бачаҳо мегӯяд: Бачаҳо калимаи **eyes** чӣ хел тарҷума мешавад? Калимаҳои nose, ears, mouth чӣ? Калимаҳои додашударо дар аввал омӯзгор сипас хонандагон мехонанд: pretty [priti] – зебо, диққатҷалбкунанда, sweet [swi:t] - ширин, pleasant [pleznt] - форам, tasty [teisty] - болаззат, bald [bɔld]-бемуй. Сипас омӯзгор супориш медиҳад, то ки хонандагон калимаҳоро дар дафтари луғат бо овонавишташон нависанд.

– Акнун хонандагони азиз ба расм нигоҳ мекунем, расми духтарак хеле зебост, ҳамин хел не? Биёед, акнун ин ҷумларо мо бо англисӣ мегӯем: Ба китоб нигоҳ карда: This is a pretty girl, isn’t she? This is a pleasant girl, isn’t she?...

– Омӯзгор якчанд расми одамонро ба хонандагон нишон дода, ин сохтро мегузарад: This is a pleasant woman, isn’t she? This is a bald man, isn’t he? Сипас омӯзгор талабаҳоро ба расми духтарак ҷалб карда мефармояд, ки онҳо ҷумла созанд: this is … a girl, isn’t she?

– Омӯзгор дақиқаи дамгирӣ мегузаронад. Сипас ҳамроҳии хонандагон шеърро дар бораи узвҳои бадан мехонанд (саҳ. 15). Баъд аз он калимаҳо дар қаторҳо хонда мешавад. Ба талаффузи ҳарфҳои ишорашуда диққат дода мешавад. Барои тақвияти мавзӯъ омӯзгор аз хонандагон мепурсад, то ки онҳо дар давоми калимаҳо калима созанд: Pencil, pen, pretty, pencil-box, pleasant… Tea, meet, sweet, Ted, ten, team… Ten, toy, tasty Ball, board, bald

– Омӯзгор инчунин метавонад бо ёрии ин калимаҳо ҷумлаҳоро ба хонандагон пешниҳод кунад. Ӯ намунаи тоҷикиашро мисол меорад, бачаҳо тарҷума мекунанд: Ман қалам дорам – I have a pencil. Вай ручка дорад – he has a pen. Вай духтараки зебост – she is a pretty girl. Ман чойро дӯст медорам- I like tea. Ман рафиқамро пешвоз мегирам – I meet my friend.

– Бачаҳо дар ҷойи нуқтаҳо калимаи лозимаро мемонанд ва аз рӯйи намуна ҳар хонанда дар бораи рафиқи дар наздаш нишаста маълумот медиҳад. This is my friend. His name is Olim. He has two hands. He has two feet...

– Вазифаи хонагӣ: аз ёд кардани шеър ва калимаҳои нав. Дар машқи 5 ҳарфҳои партофтаи калимаҳоро ёфта ба дафтар кӯчондан. Дар зинаҳои боло арзёбӣ кардани дониши хонандагон .

### LESSON 7. ДАРСИ 7. МАВЗӮЪ: A CLASSROOM

**Салоҳиятҳо:** 4.1.2. 4.2.1. 4.3.1. 4. 3. 2. Дар асоси салоҳиятҳо ва барномаи дарси мазкур мақсадҳои таълимро муқаррар намоед. **Барномаи таълим.** Машқи аз рӯйи расм нақл кардани тасвири дидашуда. Талаффузи дурусти калимаҳои shirt [ʃə:t] – куртаи мардона trousers [‘trauzəz] – шим, necktie [nektai] - галстук tall [tɔ:l] – баланд handsome [hændsʌm] – зебо. Дар бораи либоси мактабӣ бо забони англисӣ маълумот додан.

**Равиши дарс.** Омода намудани синф ба дарс. Бачаҳо ба расм нигоҳ карда, дар бораи Нозанин ва Комрон маълумот медиҳанд. Мисол: This is my friend. Her name is Nozanin. She has black eyes.Her hair is black too. She has a small nose. This is my friend. His name is Komron…

– Омӯзгор пешакӣ дар тахтаи синф расмҳо ва дар зери онҳо номашонро бо забони англисӣ ба талабагон пешниҳод мекунад. Хонандагон ба расм нигоҳ карда калимаҳоро бодиққат мехонанд. Мисол: A shirt [ʃə:t] – куртаи мардона Trousers [‘trauzəz] – шим A necktie [nektai] - галстук Tall [tɔ:l] – баланд Handsome [hændsʌm] - зебо

– Тарҷумаи калимаҳоро бояд онҳо худашон фикр карда ёбанд. Омӯзгор супориш медиҳад, то ки хонандагон калимаҳоро дар дафтари луғат бо овонавишт ва тарҷумааш нависанд. Сипас хонандагон аз китоб матнро мехонанд: This is a classroom. There is a table in the classroom. That is the table…

– Онҳо метавонанд, дар алоҳидагӣ яктогӣ ҷумла хонда, онро тарҷума кунанд. Дар машқи 3 хонандагон ба расм нигоҳ карда, ба саволҳо ҷавоб медиҳанд (саволҳои иловагӣ дода мешавад): What is this? Is this a classroom? Where is the table? Where is the blackboard? Where are the desks? Where is the daster? Is this your classroom? Дар ин машқ талабагон бояд кроссворди дар саҳифаи 18 бударо пур кунанд. Онро метавонанд мустақилона дар дафтар кашида иҷро кунанд. Дар машқи зерин хонандагон аз матн калимаҳои ба узвҳои бадан дахлдорро ёфта, баъд бо кӯмаки омӯзгор тарҷума мекунанд. Дар супориши минбаъда хонандагон бояд аз се намуна яктоашро интихоб карда, ҷумлаҳоро созанд: We have got 2 eyes. We see with our eyes…

– Дар машқи навбатӣ низ хонандагон мувофиқати калимаҳоро меёбанд. Ё Омӯзгор метавонад ин ду супоришро ба ду гурӯҳ вазифа диҳад. Матни охирин ба бачаҳо вазифаи хонагӣ дода мешавад. Онҳо матнро дар хона хонда, тарҷума мекунанд. Онро дар дафтар навишта, дар зери калимаҳои узвҳои бадан хат мекашанд. **Арзёбӣ**: дар зинаҳои дар боло номбаршуда омӯзгор дониши хонандагонро арзёбӣ мекунад.

## UNIT III. CLOTHES. WHAT DO WE WEAR

### LESSON 8. ДАРСИ 8 CLOTHES (ЛИБОС)

Салоҳиятҳо: 4.3.3; 4.1.1; 4.4.1; 4.5.2. Дар асоси салоҳиятҳо ва барномаи дарси мазкур мақсадҳои таълимро муқаррар намоед. **Барномаи таълим.** Машқи овозӣ. Мушоҳидаи тарзи талаффузи овозҳо. Нишон додани тарзи хондан ва навиштани калимаҳои Hat [hæt] cap [kæp] scarf [ska:f] skullcap [skʌlkæp] Машқи тартиб додани муколамаҳои кӯтоҳ. Машқи саволу ҷавоб.

**Равиши дарс.** Омода намудани синф ба дарс. Пурсиши вазифаи хонагӣ. Дар тахтаи синф расми намунаи якчанд либос бо шарҳи забони англисиаш овехта мешавад: Hat [hæt] cap [kæp] scarf [ska:f] skullcap [skʌlkæp]. Сипас омӯзгор супориш медиҳад, ки хонандагон калимаҳоро дар дафтари луғат бо овонавишташон нависанд. Чун мавзӯи дарс либос аст, омӯзгор расми либосро нишон дода, бо шеъри зерин дарсро оғоз мекунад, яъне мисраро аввал омӯзгор мехонад, сипас бачаҳо аз қафои ӯ такрор мекунанд:

Намунаи шеъри 1

Shoes and boots
Shoes and boots
Boots and shoes,
Come and buy
The size you use.
Try them on
Before you choose,
Shoes and boots
Boots and shoes.

Калимаҳои нави шеър шарҳ дода мешаванд:

Shoes [ʃu:z]- пойафзол
Boots [but:s] - пойафзол, ботӣ
Come [kʌm] - омадан
And [ænd] - ва
Buy [bai] - харидан
size [saiz] –андозаи либос
you [ju:] - ту, шумо
use [ju:z] - истифода бурдан
Try them on [trai ðem ɔn] - онҳоро пушида бин
Before [bifɔ:]- пеш аз
Choose [tʃu:z]- интихоб кардан

– Омӯзгор: Бачаҳо дар хотир нигоҳ доред, ки калимаҳои trousers, jeans, shorts, clothes дар забони англисӣ танҳо дар шакли ҷамъ истифода мешаванд. Ба ин шеър диққат диҳед. (Намунаи шеъри дуюмро Омӯзгор бо бачаҳо мехонанд):

The kittens’ clothes
Jeans and trousers,
Sweaters and shirts,
Socks and tights
And jackets and shirts.
T – shirts, shoes,
High boots and mittens,
These are the clothes
Of the kittens

**Калимаҳои нофаҳмои шеър шарҳ дода мешаванд:**

kittens’ clothes [kitnz clauses] – либоси гурбачаҳо
Jeans [dʒins] – либоси ҷинс
Trousers [trauzəz] – шим
Sweater [swetə] – свитер
Shirt [ʃə:t] – куртаи мардона
Socks [sɔks] – ҷӯроб

Tights [taits] – ҷӯроби дарози гарм
jackets [dʒækits] – камзӯлак
T – shirts [Ti-ʃə:ts] – куртаи мардона
Shoes [ʃu:z] – пойафзол
High boots [hai buts] – ботии баланд
Mittens [mitnz] – дастпӯшак
Clothes [kləuðz] - либос

– Бачаҳо ба расмҳо нигоҳ карда, калимаҳоро мехонанд: Hat [hæt] cap [kæp] scarf [ska:f] skullcap [skʌlkæp]. Сипас омӯзгор супориш медиҳад, то ки хонандагон калимаҳоро дар дафтари луғат бо овонавишташон нависанд. Омӯзгор ба бачаҳо сохти навро меомӯзонад: What do you wear on your head? I wear a cap on my head… Калимаҳои навро хонандагон дар алоҳидагӣ мехонанд: Hat, cap. Glass, car, scarf. Bus, cup. I have a cap. My father has a hat. My sister has a skull – cap. My mother has a scarf.
– Омӯзгор дар идомаи саволҳо саволҳои худро медиҳад: Have you a cap? Have you a hat? Have you a scarf? What colour is your cap? What colour is your hat? Is your cap black? Is your hat white? Has your father a hat? Has your brother a cap?
– Ба ҷойи нуқтаҳо ҳарфҳои муносиб гузошта шавад: h..t, to we..r, .. ap, sc..rf. Вазифаи хонагӣ: Аз калимаҳои додашуда ҷумлаҳо сохтан.

## LESSON 9. ДАРСИ 9. МАВЗӮИ ДАРС: CLOTHES

**Салоҳиятҳо:** 4.3.3; 4.1.1; 4.4.1; 4.5.2. Дар асоси салоҳиятҳо ва барномаи дарси мазкур мақсадҳои таълимро муқаррар намоед. **Барномаи таълим.** Машқи овозӣ. Мушоҳидаи тарзи талаффузи овозҳо. Нишон додани тарзи хондан ва навиштани калимаҳои Dress [dres] - курта, blouse [blʌvz]-куртаи духтарона, skirt [skə:t] - доман, shirt [ʃə:t] – куртаи мардона, trousers [trauzez] - шим, sweater [swetə] - свитер. Машқи саволу ҷавоб аз рӯйи расм. Омӯзонидани фарқ кардани либоси мардона ва занона бо забони англисӣ.
**Равиши дарс.** Омода намудани синф ба дарс. Калимаҳои нав омӯзонида мешаванд: Dress [dres] - курта, blouse [blʌvz]-куртаи духтарона, skirt [skə:t] - доман, shirt [ʃə:t] – куртаи мардона, trousers [trauzez] - шим, sweater [swetə] - свитер. Омӯзгор супориш медиҳад, ки хонандагон калимаҳоро дар дафтари луғат бо овонавишт ва тарҷумааш нависанд. Омӯзгор ба бачаҳо сохти навро меомӯзад: what do you wear? I wear a dress. Бачаҳо ба якдигар савол медиҳанд: What do you wear? I wear a blouse. What do you wear? I wear trousers.
– Хонандагон калимаҳои додашударо аз паси омӯзгор мехонанд: dog, do, dress black, book, blouse girl, skirt, shirt zoo, nose, trousers engineer, teacher, sweater
– Матнро низ чанд нафар мехонад: I like to wear our tajik dress. I also like a blouse and a skirt. My brother wears a shirt or a sweater and trousers.
– Хонандагон бо ёрии омӯзгор ба саволҳои дар машқи 3 додашуда ҷавоб мегардонанд: Has Dilnoza a dress or a shirt on? Has she a dress on? Is her dress long or short? She has a blouse on, hasn't she? What has she on?
– Омӯзгор ба монанди расми дар китоб буда, метавонад расми писаракеро низ дар тахтаи синф овехта, бо хонандагон саволу ҷавоб кунад: Has Daler a shirt or a sweater on? Has he a shirt on? Is his shirt white or blue? Is his trousers black?
– Дар ин машқ бачаҳо бояд калимаҳоро ба гурӯҳҳо тақсим кунанд:

| Men's wear: | Women's wear: | Children's wear: |
|---|---|---|
| Hat… | dress… | cap… |

Омӯзгор бо бачаҳо бозиеро, ки дар китоб дода шудааст, иҷро мекунад. Is it your …. Yes, it is. No, it is not. Ё аз ин омехтаҳо калимаҳоро ҷудо мекунанд: Captrousersscarfhatskirtblousesweaterdress. Вазифаи хонагӣ: дар хона дар бораи модар, падар, бародар ё хоҳар сохтани ҷумлаҳо.

## LESSON 10. ДАРСИ 10. МАВЗӮИ ДАРС: CLOTHES ЛИБОСҲО

**Салоҳиятҳо:** 4.3.3. 4.1.1. 4.4.1. 4.5.1. Дар асоси салоҳиятҳо ва барномаи дарси мазкур мақсадҳои таълимро муқаррар намоед. **Барномаи таълим.** Ба хонандагон омӯзиши овонавишти ҳарфҳо: [j] [ou] [p]. Мушоҳидаи тарзи талаффузи овозҳо. Нишон додани тарзи хондан ва навишти калимаҳои suits, coats, raincoats, pyjamas, jackets, pants. Ифодаи либос бо ранг ва сохтани ибораҳо. Тарзи дурусти ҷумласозӣ ва саволдиҳӣ.
**Равиши дарс.** Омода намудани синф ба дарс. Пурсиши вазифаи хонагӣ. Омӯзгор: Салом бачаҳо. Биёед, имрӯз мо тасаввур мекунем, ки дар мағоза ҳастем. Ман фурӯшанда шумо харидор, калимаҳое, ки ҳоло истифода мешаванд, бо расмҳояшон дар китоби шумо ҳаст. Омӯзгор: Welcome to our shop! We've got a lot of different clothes here. We've got nice suits, coats, raincoats, pyjamas, jackets, pants and so on. You can buy a blue raincoat, a black suit, brown trousers, rose pyjamas and an umbrella for rainy autumn. There is a warm coat, a long scarf, a blue sweater, a hat for cold winter. Look, choose and buy! Акнун, бачаҳо, канӣ кӣ мегӯяд, ҳоло ман чӣ гуфтам. Бачаҳо бо ёрии Омӯзгор ин ҷумлаҳоро тарҷума мекунанд.
– Омӯзгор барои тақвияти калимаҳои нав боз як бори дигар онҳоро дар шакли омехта ҳарф ба ҳарф мегӯяд, талабаҳо калимаро ёфта, талаффуз мекунанд: C – O – A – T, P – Y – J – A – M – A – S, S – U – I – T, P – A – N – T – S.
– Машқи дуюмро бачаҳо бо навбат мехонанд. Омӯзгор овонавишти (транскрипсия) - и ҳарфҳоро мефаҳмонад.
– Омӯзгор: Бачаҳо, ҳоло шумо ин матнро дар дафтар навишта, дар давоми он боз ду- се ҷумлаи дигар илова мекунед. I have a coat. My brother has a jacket. My mother has a suit and pyjamas. My father has a raincoat. My sister has a jacket… Ҳар хонанда дар бораи рафиқи дар наздаш нишаста маълумот медиҳад. Омӯзгор намуна меорад: This is Nigora. She has a white blouse. She has black skirt and black suit. Омӯзгор: Дар машқи 3 бачаҳо, шумо дар назди навъи либос ранги онро гузошта дар дафтар нависед: Мисол: a red jacket, a rose

dress… Дар машқи 4 хонандагон ҷумлаҳоро дуруст гузошта, даҳонӣ ҷавоб медиҳанд. Вазифаи хонагӣ: бо калимаҳои нав ҷумла сохтан.

## LESSON 11. ДАРСИ 11. МАВЗӮИ ДАРС: CLOTHES ЛИБОСҲО

**Салоҳиятҳо**: 4.1.1. 4.2.1. 4.3.1. 4.3.3. Дар асоси салоҳиятҳо ва барномаи дарси мазкур мақсадҳои таълимро муқаррар намоед. **Барномаи таълим.** Машқи овозӣ. Мушоҳидаи тарзи талафузи овозҳо. Нишон додани тарзи хондан ва навиштани калимаҳои mittens [mitnz] - дастпӯшак, gloves [glʌvz] - дастпӯшак, apron [aipron] - пешбандак, handkerchief [hændkiətʃi:f] - рӯймолча, belt [belt] - тасма, watch [wɔtʃ] – соати дастӣ. Машқи тартиб додани муколамаҳои кӯтоҳ. Машқи саволу ҷавоб аз рӯйи расм. **Равиши дарс.** Омода намудани синф ба дарс. Гуфтугӯ бо навбатдор. Пурсиши вазифаи хонагӣ. Омӯзгор калимаҳои навро 3 бор мехонад. Хонандагон бодиққат гӯш карда, сипас он калимаҳоро ба ёд оварда, талаффуз мекунанд: mittens [mitnz] - дастпӯшак, gloves [glʌvz] - дастпӯшак, apron [aipron] - пешбандак, handkerchief [hændkiətʃi:f] - руймолча, belt [belt] - тасма, watch [wɔtʃ] – соати дастӣ. Тарҷумаи калимаҳоро омӯзгор аз бачаҳо мепурсад, онҳо ба расм нигоҳ карда, ҷавобҳоро меёбанд, сипас калимаҳо бо тарҷумаашон ба дафтар навишта мешаванд. Омӯзгор ҷумлаҳоро бо забони тоҷикӣ мегӯяд, хонандагон онҳоро тарҷума мекунанд: Вай дастпӯшак дорад – he has gloves Вай пешбандак дорад – she has an apron… Дар машқи 2 бачаҳо калимаҳои додашударо мехонанд. Омӯзгор: Бачаҳо, канӣ кӣ дар давоми калимаҳои хати аввал калимаҳоеро меёбад, ки бо ҳарфи G оғоз шаванд? Дилшод: girl, good, go…
М: Офарин, бачаҳо, акнун калимаҳоеро ёбед, ки бо ҳарфи H оғоз шаванд?
Зебо: hello, home, homework, hat, hear…
М: Акнун калимаҳоеро ёбед, ки бо W сар шаванд?
Алиҷон: what, wear, word, where… Омӯзгор: Офарин бачаҳо.
Хонандагон матнро бо навбат мехонанд: My little sister has a small watch. My mother wears gloves and I wear mittens in winter. Намунаи матни дигар: Asad and his sister Anora went for a walk. It was a cold day. Asad put on his warm sweater, trousers, a cap, a jacket, boots and mittens. Anora put on jeans, a warm sweater, an overcoat, boots, a yellow cap and gloves. The children took their dog Bim with them. Bim put on gloves too. Бачаҳо бо – навбат якҷумлагӣ хонда, тарҷума мекунанд. Омӯзгор супориш медиҳад, то ки онҳо аз матн дар як қатор шакли танҳои калимаҳо ва дар қатори дуюм шакли ҷамъи калимаҳоро нависанд:
Sweater trousers
Cap boots…
– Дар машқи 3 хонандагон ба саволҳо ҷавоб медиҳанд: Has she a handkerchief in her hand? Yes she -has…
Дар машқи 4 бачаҳо ба таври хаттӣ ҷумлаҳоро пур мекунанд. Омӯзгор бо бачаҳо чунин бозӣ мегузаронад. У навъи либосро номбар мекунад, агар он дар шакли танҳо бошад, хонандагон як қарсак, агар дар шакли ҷамъ бошад, ду бор қарсак мезананд: Hat, watch, gloves, skirt, shirt, trousers, scarf, cap, pants…
– Вазифаи хонагӣ: ба ёд оварда, навиштани калимаҳое, ки аз мавзӯи либос мебошанд.

## LESSON 12. ДАРСИ 12. МАВЗУИ ДАРС: CLOTHES

**Салоҳиятҳо:** 4.3.1; 4.3.3. Дар асоси салоҳиятҳо ва барномаи дарси мазкур мақсадҳои таълимро муқаррар намоед. **Барномаи таълим.** Машқи овозӣ. Мушоҳидаи тарзи талафузи овозҳо. Нишон додани тарзи хондан ва навишти калимаҳои socks [sɔks] - ҷӯроб, stockings [stɔkiŋs] – ҷӯроби дарози занона, shoes [ʃu:z] - пойафол, slippers [slipəz] - , boots [buts] - ботиҳо , rubber boots [rʌbə buts] – ботии резинӣ. Машқи тартиб додани муколамаҳои кӯтоҳ. Машқи саволу ҷавоб аз рӯйи расм.
**Равиши дарс.** Омода намудани синф ба дарс. Гуфтугӯ бо навбатдор. Пурсиши вазифаи хонагӣ. Калимаҳои зерин дар тахтаи синф намоиш дода (презентатсия) мешаванд. Омӯзгор калимаҳоро бо бачаҳо ду – се бор такрор мекунанд: socks [sɔks] - ҷӯроб, stockings [stɔkiŋs] – ҷӯроби дарози занона, shoes [ʃu:z] - пойафол, slippers [slipəz] - , boots [buts] - ботиҳо , rubber boots [rʌbə buts] – ботии резинӣ. Калимаҳо бо овонавишт ва тарҷумаашон ба дафтар кӯчонда мешаванд. Омӯзгор метавонад аз ин бозиҳо истифода барад:
**A) Teacher:** Now, children, let's play a game. It's a guess game. Describe one of your classmates, his hair, his eyes, what he is wearing and we'll guess who he is. **Pupil 3:** His hair is dark. His eyes are grey. He is wearing a white shirt, a blue waistcoat, blue trousers, black socks and black shoes. **Pupil 4:** Is itAli? **Pupil 3:** No, it isn't. **Pupil 5:** Is it Rahim? **Pupil 3:** Yes, it is.
**b) Teacher:** What's the weather like today? **Pupil 1:** It's cold and rainy. **Teacher:** What do people wear when it's cold and rainy? **Pupil 2:** They usually wear raincoats, hats, shoes and boots. **Pupil 3:** And a lot of people carry umbrellas.
**c) Put the clothes into 2 groups**: Blouse, dress, coat, cap, hat, T-shirt, sweater, fur-coat, jeans, skirt, shirt, trousers, shorts, jacket, scarf, sundress, suit, socks
**d) Continue the sentences:** My favourite summer clothes is ……… My favourite winter clothes is ……… When it is hot I put on my ……… When it is frosty I put on my ……… When it is warm I put on my ……… When it is cold I put on my ………
– Хонандагон дар алоҳидагӣ ҷумлаҳоро мехонанд: My socks are white. Her stockings and slippers are new. My brother has black socks and boots. My sister has red stockings and new rubber boots. Ali has brown boots. Amina has white slippers…
– Сипас омӯзгор бо хонандагон ин шеърро такрор мекунад:

| | |
|---|---|
| Big boots and little boots | Merry go splashing |
| Travel on together | Through April's rainy weather. |

**Калимаҳои нофаҳмои шеър шарҳ дода мешаванд:**

| | |
|---|---|
| Big [big] – калон | Boots [bu:ts] – ботӣ |

Little [litl] - хурд
Travel [trævl] – саёҳат
Together [təgeðə] – якҷоя
go – [gəu] - рафтан

splashing [splæʃiŋ] – пош додан
Through [θru:] – аз дохили
April's rainy weather [eiprils reini weðə] -.ҳавои боронии моҳи Апрел

**Ё метавонанд ин шеърро интихоб кунанд:**
Sally is wearing a red dress,
Red dress, red dress.
Sally is wearing a red dress,
All day long.
Sally is wearing black shoes,
Black shoes, black shoes.
Sally is wearing black shoes,
All day long.

Sally is wearing blue jeans,
Blue jeans, blue jeans.
Sally is wearing blue jeans,
All day long.
Sally is wearing a green hat,
Green hat, green hat.
Sally is wearing a green hat,
All day long.

Wearing [wɛəri ŋ] – пӯшидан
Red [red] - сурх
Dress [dres] - курта
All [ɔ:l] – ҳама, пурра
day [dei] –рӯз

long [lɔŋ] – дароз
blue [blu] -кабуд
jeans [jins] – либоси ҷинс
green – [grin] - сабз
hat – [hæt] – кӯлоҳ

– Омӯзгор бо бачаҳо барои хубтар такрор кардани калимаҳо аз бозии ҳарф ба ҳарф истифода мебарад: Омӯзгор: S – O – C – K – S, H – A – T, G – L – O – V – E – S, C – A – P, W – A – T – C – H…
– Дар зинаҳои боло арзёбӣ кардани дониши хонандагон.
– Вазифаи хонагӣ яке аз шеърҳои такроршударо аз ёд кардан ва сохтани ҷумла аз калимаҳои додашуда.

## LESSON 13. МАВЗӮЪ: CLOTHES ЛИБОСҲО

**Салоҳиятҳо:** 4.1.1; 4.2.1; 4.3.1; 4.3.3. Дар асоси салоҳиятҳо ва барномаи дарси мазкур мақсадҳои таълимро муқаррар намоед. **Барнома.** Машқи овозӣ. Мушоҳидаи тарзи талаффузи овозҳо. Нишон додани тарзи хондан ва навиштани калимаҳои snowsuit [snɔwsju:t] – либоси зимистона, overalls [ouvərɔ:l] - хилъат, knickers - шалвор, to tie [tu tai] – бастани галстук, to iron [tu aiən] – дарзмол кардан, to put on [tu put ɔn] - пӯшидан, to take off [tu teik ɔf] – кашидан. Машқи тартиб додани муколамаҳои кӯтоҳ. Машқи саволу ҷавоб аз рӯйи расм.
**Равиши дарс.** Омода намудани синф ба дарс. Гуфтугӯ бо навбатдор. Пурсиши вазифаи хонагӣ. Ба бачаҳо калимаҳои нав омӯзонда мешаванд: snowsuit [snɔwsju:t] – либоси зимистона, overalls [ouvərɔ:l] - хилъат, knickers -шалвор , to tie [tu tai] – бастани галстук, to iron [tu aiən] – дарзмол кардан, to put on [tu put ɔn] - пушидан, to take off [tu teik ɔf] - кашидан
– **Бозии «Дар мағоза»** Дар болои мизи мағоза (мизи омӯзгор) чанд намуд либос монда шудааст. Фурӯшанда (омӯзгор) дар назди миз истодааст. Талабае (харидор) омада, либоси даркориашро харидорӣ менамояд. Муколама чунин аст:
P: Good morning!
T: Good morning!
P: Have you a white snowsuit?
T: Yes, I have. Here it is.
P: Thank you very much.
T: Not at all.
P: Have you a warm scarf?
T: Sorry, but I haven't.
P: Good bye.
T: Goodbye.
(Омӯзгор метавонад, ин муколамаро бо чанде аз хонандагон гузаронад, вале навъи либос иваз мешавад).
– **Омӯзгор:** Бачаҳо, имрӯз мо бо ҳамроҳии шумо мефаҳмем, ки дӯхтан ва дарзмол кардан дар забони англисӣ чӣ мешавад. Хонандагон аз қафои омӯзгор такрор мекунанд: Мо мепӯшем – We wear [wi wɛə] Мо мешӯем - We wash [wi wɔʃ] Мо дарзмол мекунем - We iron [wi aiən] Мо медӯзем - we sew [wi sou]. Сипас бачаҳо матнро мехонанд: We wear, wash, iron, sew our clothes. The clothes are: dresses, shirts, blouses, skirts, trousers, pants, knickers, suits, coats, raincoats, ties, caps, hats, snowsuits, overalls, pyjamas, socks, stockings, shoes, boots, slippers.
– Омӯзгор ҷумларо бо забони тоҷикӣ мегӯяд, бачаҳо тарҷума мекунанд: М: Ман куртаамро мешӯям. Хонанда: I wash my dress. М: Ман доманамро (юбка) дарзмол мекунам. Хонандаи 2: I am ironing my skirt. М: Нигора либоси хобашро мепӯшад. Х: Nigora is wearing her pyjamas. М: Олим костюмашро мепӯшад. Х: Olim is wearing his suit.
– Хонандагон ба саволҳои дар китоб додашуда ҷавоб мегардонанд: Is Nozanin ironing? Is she sewing or ironing? She is not sewing her cap, is she? What is she doing?
– Аз намунаҳои додашуда ҷумла месозанд: The boy is putting on a brown blouse. The girl is taking a jacket…
– Вазифаи хонагӣ: дар бораи хелҳои либос маълумот додан. Дар зинаҳои дар боло додашуда арзёбӣ кардани дониши хонандагон .

**Lesson 14. Дарси 14. Мавзӯи дарс: Clothes Либос**
**Салоҳиятҳо:** 4.1.1; 4.2.1; 4.3.1; 4.3.3; 4.4.1. Дар асоси салоҳиятҳо ва барномаи дарси мазкур мақсадҳои таълимро муқаррар намоед. **Барнома.** Машқи овозӣ. Мушоҳидаи тарзи талаффузи овозҳо. Нишон додани тарзи хондан ва навиштани калимаҳои to try on [tu trai ɔn] – пӯшидан , to brush [tu brʌʃ] – бо шотка тоза кардан, cheap [tʃi:p] - арзон, expensive [ikspensiv] - қимат, uniform [ju:nifɔ:m] – либоси расмии хонандагон. Машқи тартиб додани муколамаҳои кӯтоҳ. Машқи саволу ҷавоб аз рӯйи расм.

**Равиши дарс.** Омода намудани синф ба дарс. Гуфтугӯ бо навбатдор. Пурсиши вазифаи хонагӣ. Омӯзгор ба хонандагон калимаҳои дар саҳифаи 27 дарси 14 додашударо якчанд маротиба мехонад: to try on [tu trai ɔn] – пӯшидан , to brush [tu brʌʃ] – бо шотка тоза кардан, cheap [tʃi:p] - арзон, expensive [ikspensiv] - қимат, uniform [ju:nifɔ:m] – либоси расмии хонандагон . Калимаҳои нав бо тарҷумааш дар дафтар навишта мешавад. Сипас омӯзгор маънои сохти What is he (she) doing? – ро мефаҳмонад. Барои тақвияти мавзӯъ дар тахтаи синф якчанд расм овезон аст. Омӯзгор ба расмҳо нигоҳ карда, мегӯяд: What is he doing? He is washing. What is she doing? She is wearing…

– Машқи 2 – ро талабагон бо якдигар иҷро мекунанд. Як нафар савол медиҳад, нафари дуюм ба савол ҷавоб медиҳад. Саволу ҷавоб пайиҳам дар байни хонандагон гузаронида мешавад.

– Сипас омӯзгор ба талабагон матни дар саҳифаи 29 додашударо ду бор мехонад. Китобҳо пӯшонида шуда, омӯзгор ба хонандагон аввали ҷумларо мехонад, онҳо фикр карда, давоми ҷумларо месозанд: We put on hats, caps, skullcaps on our head.

– Аз рӯйи вариантҳои (машқи 2) додашуда хонандагон ҷавоби дурустро интихоб карда, дар дафтар менависанд.

– Вазифаи хонагӣ: намунаи либосҳо аз рӯйи алифбои забони англисӣ дар дафтар навишта шавад.

## LESSON 15. ТАКРОР ВА ҶАМЪБАСТИ МАВЗӮИ «ЛИБОС» CLOTHES

**Салоҳиятҳо:** 4.1.1; 4.1.2; 4.5.2; 4.5.2. Дар асоси салоҳиятҳо ва барномаи дарси мазкур мақсадҳои таълимро муқаррар намоед. **Барнома.** Машқи овозӣ. Мушоҳидаи тарзи талаффузи овозҳо. Маҳорати ёфтани ҷавоби чистонҳо ва сохтани иборахо. Машқи тартиб додани муколамаҳои кӯтоҳ. Машқи саволу ҷавоб аз рӯйи расм.

**Равиши дарс.** Омӯзгор бо навбатчӣ оид ба обу ҳаво ва талабагоне, ки дар дарс нестанд, саволу ҷавоб мекунад. Чун ин охирин дарс оид ба мавзӯи либос мебошад, омӯзгор дарсро метавонад бо гузаронидани бозӣ, истифодаи кроссворд ва ё саволу ҷавоб гузаронад. Дар ин дарс мо чанд намунаи ин машғулиятҳоро меорем.

Омӯзгор ба талабагон яктогӣ варақча медиҳад, ки дар он оид ба мавзӯи либос чистонҳо навишта шудаанд. Мисол:

**1. A) Crossword**

1. A piece of clothing boys like wearing on the top part of the body. 2. Some kind of trousers people wear in hot weather. 3. People put them on their feet, they can be right and left. 4. Only women can wear them. 5. it's a piece of clothing you wear to keep your body warm. 6. These trousers are often of blue colour, they are very popular with young people. 7. Men do not wear them but Scottish men. 8. You can put them on your feet when it is cool or cold.

– Барои ёфтани ҷавоби чистонҳо омӯзгор ба хонандагон ёрӣ мерасонад.

– Омӯзгор ба хонандагон аз мавзӯи либос ягон намуна меорад. Хонандагон аз он намуна ибораҳои гуногун месозанд. Мисол: *Teacher*: Skirt. *Pupils:* a nice skirt, a long skirt, a short skirt, a mini - skirt, a midi - skirt, a black skirt and a white blouse, to put on a skirt, an old skirt etc. *Teacher*: Jeans. *Pupils*: new jeans, brother's jeans, to take off jeans, to put on jeans, too small jeans, to wear jeans, a pair of jeans, blue jeans etc.

– Омӯзгор вобаста ба фасли сол савол медиҳад, талабагон ҷавоб медиҳанд. Мисол: *Teacher:* What clothes do you wear when it's cold? *Pupils:* We wear overcoats when it's cold. We wear jackets when it's cold. We wear warm caps when it's cold etc. *Teacher:* What clothes do you wear in winter? *Pupils:* We wear winter coats. We put mittens on our hands in winter. We put high boots on our feet in winter.etc. *Teacher:* What clothes do you prefer to wear in summer when it's very hot ? *Pupils:* We wear shorts, T- shirts and sandals when it's very hot.etc.

– Омӯзгор аз рӯйи матни додашуда (ex 1), супориш медиҳад, то ки хонандагон дар алоҳидагӣ матнро хонанд, сипас антоними калимаҳоро ёфта, дар дафтарҳояшон нависанд: Мисол: old – new…

– Дар асоси зинаҳои боло ва машқҳои иҷрошуда арзёбӣ кардани дониши хонандагон .

## LESSON 16. ТАКРОР ВА ҶАМЪБАСТИ МАВЗУИ «ЛИБОС» CLOTHES

**Салоҳиятҳо:** 4.1.1; 4.5.2; 4.5.2. Дар асоси салоҳиятҳо ва барномаи дарси мазкур мақсадҳои таълимро муқаррар намоед. **Барнома.** Чун ин дарси такрорӣ аст, омӯзгор бо истифодаи шеърҳо ва бозиву кроссвордҳо дарсро шавқовар гузаронида, мавзӯъро бо хонандагон такрор мекунад. Машқи саволу ҷавоб.

**Равиши дарс.** Омӯзгор аз ҳар як хонанда хоҳиш менамояд, ки аз мавзӯи либос ашёро номбар кунад. Касе, ки хелҳои зиёдтари либосро номбар мекунад, ғолиб дониста мешавад.

– Омӯзгор дар тахтаи синф ҳарферо менависад, хонандагон фикр карда, калимаҳоеро меёбанд, ки аз мавзуи либос бошад ва бо он ҳарф сар шавад. Мисол: S – shoes, skirt, suit. T – trousers…

– Омӯзгор бо хонандагон бозии занҷираро мегузаронад. Аввал ӯ калимаеро, ки аз мавзуи либос ҳаст, ҳарф ба ҳарф мегӯяд, хонандае дарҳол онро ёфта, худаш боз ягон мисол меорад: мисол: C A P – cap, S H O E S – shoes…

– Машқи дамгириро омӯзгор бо хонандагон бо такрори шеърҳо мегузаронад:

Shoes and boots
Shoes and boots
Boots and shoes,
Come and buy
The size you use.
Try them on
Before you choose,
Shoes and boots
Boots and shoes.

The kettens' clothes
Jeans and trousers,
Sweaters and shirts,
Socks and tights
And jackets and shirts.
T – shirts, shoes,
High boots and mittens,
These are the clothes
Of the kittens

Sally is wearing a red dress,
Red dress, red dress.
Sally is wearing a red dress,
All day long.
Sally is wearing black shoes,
Black shoes, black shoes.
Sally is wearing black shoes,
All day long.

Sally is wearing blue jeans,
Blue jeans, blue jeans.
Sally is wearing blue jeans,
All day long.
Sally is wearing a green hat,
Green hat, green hat.
Sally is wearing a green hat,
All day long.

– Бачаҳо бо якдигар машқ карда, дар бораи либосҳояшон маълумот медиҳанд: Rustam has a white T – shirt on…
– Дар зинаҳои боло арёбӣ кардани дониши хонандагон .

### LESSON 17. ТАКРОР ВА ҶАМЪБАСТИ МАВЗӮИ «ЛИБОС» CLOTHES

**Салоҳиятҳо:** 4.1.1; 4.1.2; 4.5.2; 4.5.2. Дар асоси салоҳиятҳо ва барномаи дарси мазкур мақсадҳои таълимро муқаррар намоед. **Барномаи таълим.** Чун ин дарси такрорӣ аст, омӯзгор бо истифодаи муколамаву бозиҳо дарсро шавқовар гузаронида, мавзӯъро бо хонандагон такрор мекунад. Машқи саволу ҷавоб.
**Равиши дарс.** Мувофиқи супориши 1 (дарси 17) бачаҳо ба расм нигоҳ карда, номгӯи либосҳоро ба ёд оварда, дар дафтар менависанд. Хар нафар аз рӯйи либоси дилхоҳаш як ҷумла месозад. Мисол: I see a dress. The man has a black hat… Сипас бачаҳо матни додашударо хонда, онро тарҷума мекунанд. Баъд ба матн савол монда, даҳонӣ ҷавоб мегардонанд. Сипас омӯзгор аз рӯйи бозии барфакпораҳо "Snowball" ба бачаҳоро супориш медиҳад, ки дар бораи ягон либос бо навбат маълумот диҳанд. Мисол:
P1: It's a dress.
P2: It's a blue dress.
P3: It's a nice, blue dress.
P4: It's a long, nice, new dress.
P5: Boys don't wear dress.
P6: I don't like wearing long dress etc.

– Дар анҷоми дарс Омӯзгор метавонад бозии «Дар мағоза» -ро бо бачаҳо гузаронад. Барои ин муколама аввал дар тахтаи синф навишта мешавад. Бачаҳо онро хонда, бозиро мегузаронанд. Мисол: *Lola:* Excuse me. *T* - *Shop-assistant*: Yes, can I help you? *Lola:* I'd like a pair of mittens, please. *Shop-assistant*: What color would you like? *Lola:* Light blue. *Shop-assistant*: Here's a nice pair. *Lola:* Are they warm enough? Can I try them on? *Shop-assistant:* Certainly you can. *Lola:* Oh, they look very nice. I'll take them. How much are they?
– Дар асоси зинаҳои боло арзёбӣ кардани дониши хонандагон .

## UNIT IV. SHOPPING – AT THE GROCERY

### LESSON 18-19. ДАРСҲОИ 18 – 19 МАВЗӮЪ: SHOPPING - ХАРИДУ ФУРӮШ

**Салоҳиятҳо:** 4.2.1; 4.4.3; 4.1.2. Дар асоси салоҳиятҳо ва барномаи дарси мазкур мақсадҳои таълимро муқаррар намоед. **Барнома –** мустаҳкамкунии овозҳои [ei] [æ] [i]. Машқи овозӣ.Мушоҳидаи тарзи талаффузи овозҳо.Машқи ба саволҳо ҷавоб гардонидан.
**Равиши дарс.** Омода намудани синф ба дарс. Омӯзгор дарсро бо гуфтугӯ бо навбатдор оғоз менамояд, барои ин ӯ аввал савол медиҳад ва навбатдор ҷавоб медиҳад: Who is on duty today? I am on duty today. What date is it today? The date is 1 (2, 3) of September. What day is it today? Today is Tuesday. What the weather like today? The weather is fine today.
– Калимаҳо барои омӯзиш: bread [bred] – хлеб, scone [skɔun] – нони танӯрӣ, roll [roul] - булка, sugar [ʃugə] - шакар, coffee [kɔfi] - қаҳва, tea [ti:] - чой, food [fu:d] – таом.
– Омӯзгор ба хонандагон мегӯяд: Бачаҳо, мо имрӯз бо шумо мавзӯи нав мегузарем. Мавзӯи имрӯзаи мо хариду фурӯш мебошад, то ки забони англисиро бо воситаи он боз ҳам хубтар ёд гирем. Омӯзгор расмҳои дар китоб бударо ба хонандагон нишон дода мегӯяд: Дар ин сурат шумо чиро мебинед? What is this? Хонанда: This is a bread. What is this? This is a tea. Омӯзгор: Офарин. Омӯзгор бояд ҳамаи калимаҳоро аввал худаш гӯяд, баъд аз он аз хонандагон хоҳиш кунад, ки пас аз ӯ такрор кунанд. Акнун бачаҳо, мо каме дар бораи хӯрок гап мезанем. Оё шумо медонед, ки инсон бояд дар як рӯз чанд бор хӯрок хӯрад? Хонандагон ҷавобҳои худро пешниҳод мекунанд. Баъд омӯзгор пурра ба онҳо фаҳмонида медиҳад. Бачаҳо, хӯрок ба забони англисӣ **Food** мешавад. Ҳама аз қафои омӯзгор такрор мекунанд. Сипас омӯзгор матни дар китоб бударо хонда, ба бачаҳо шарҳ медиҳад: Бачаҳо мо хӯроквориро аз куҷо харидорӣ мекунем? Хонандагон бояд ҷавобҳои худро пешниҳод кунанд.
– Shopping. Дар саҳифаи 33 маводи истеъмолшавандаро мебинед, ки мо метавонем онҳоро аз мағоза ё бозор харидорӣ намоем. Мисол: Jam, candy, cake, milk, pancake, biscuit and egg.
– Метавонед як муколамаро барои бачаҳо мисол оред ва аз онҳо хоҳиш кунед, ки дунафарӣ муколамаи худро тартиб диҳанд.
**Shop-assistant:** What can I do for you?
**You**: I would like to buy something for my little sister.
**Shop-assistant**: Well, how old is she?
**You**: Tomorrow she will be 4.
**Shop-assistant**: Really? What about this pretty doll?
**You:** Oh, no! There are ten or fifteen dolls in our flat. They are everywhere: on the sofa, on the chair, on the computer...
**Shop-assistant:** Sorry, it's awful. Well, what about this drum?
**You**: Oh, no! It's so noisy!
**Shop-assistant:** Let me see. Oh, look! A teddy-bear.
**You:** Never! She has seven or nine taddy-bears.
**Shop-assistant:** Well, I don't know...May be puzzles?
**You:** Yes! Wonderful! Two ... No! Three! How much do they cost?

**Shop-assistant:** Three dollars.
**You:** Here you are.
**Shop-assistant:** Well, your change...
**You:** Thank you.
**Shop-assistant:** You are welcome!

– Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки калимаҳои нави ки дар тахтаи синф навиштаатонро дар дафтарҳояшон навишта, онҳоро аз ёд кунанд. Машқи 2-ро бо ҳамроҳии бачаҳо иҷро кунед. Аз рӯйи машқи 4 муколама тартиб диҳед. A: Do you like suger? B: Yes I do. C: Where do you by suger? D: I by it in the shop.

– Омӯзгор диққати талабаҳоро ба саҳифаи 5 – и китоб ҷалб мекунад. Бачаҳо, биёед, ба ҷойи холии ин машқ калимаи лозимаро мегузорем: I like bread with milk. Dilnoza likes candy and jam. This is a tea. We buy bread, sugar, coffee, tea and eggs.

– Омӯзгор аз бачаҳо мепурсад: Бачаҳо, имрӯз мо кадом калимаҳои навро гузаштем? Бачаҳо бо як овоз ҷавоб медиҳанд. Бачаҳо ман ҳоло ҷумлаҳоро ба тоҷикӣ мегӯям, шумо онҳоро тарҷума кунед, метавонед ҷавобро аз китоб ёбед: Jam [dʒæm] - мураббо, candy [kændi] канд, pancake [pænkeik] - чалпакча, biscuit [biskit] - кулчақанд, eggs [egs] - тухм, milk [milk] - шир, cake [keik] - торт.

– Ба расм нигоҳ карда, аз қафои ман такрор кунед. Омӯзгор ҳамаи калимаҳоро мехонад хонандагон аз қафои ӯ такрор мекунанд. Шеърро дар тахтаи синф навишта, барои аз худ кардан супориш диҳед. Аввал шеърро худатон хонед, сипас бо ҳамроҳии хонандагон онро такрор кунед.

– Вазифаи хонагӣ: такрор кардани муколама дар хона ва сохтани муколама дар бораи shopping.

– Дар зинаҳои 3, 4, 6 ва 7 арзёбӣ намудани дониши хонандагон .

## LESSON 20 ДАРСИ 20. МАВЗӮЪ SHOPPING - ХАРИДУ ФУРӮШ

**Салоҳиятҳо:** 4.1.1; 4.4.1; 4.4.4. Дар асоси салоҳиятҳо ва барномаи дарси мазкур мақсадҳои таълимро муқаррар намоед. **Барнома.** Такрор намудани калимаҳои нав. Ҷавоби дуруст додан ба саволҳои гузошта шуда. Омӯхтани калимаҳои нав ва ҷумласозӣ бо онҳо.

**Равиши дарс.** Омода намудани синф ба дарс. Пурсиши вазифаи хонагӣ. Муколамаҳояшонро тафтиш кунед. Пурсидани калимаҳои нави азёдкардаи хонандагонро фаромӯш накунед. Дарсро чунин оғоз кунед: Шогирдони азиз, дарси имрӯзаро мо бо такрори калимаҳои гузашта шурӯъ мекунем.

Сипас аз талабагон тарҷумаи ин калимаҳоро пурсед: bread, jam, candy, pancake, biscuit, milk

– Дарси навро оғоз намоед. М: Дарси имрӯзаи мо дар бораи хариди маҳсулотҳои истеъмолшавандаи дӯстдоштаамон мебошад. Бачаҳо, шумо чиро бисёртар дӯст медоред? Бачаҳо маводи хӯрдании дӯстдоштаашонро як-як номбар мекунанд. Яке шоколадро дӯст медорад дигаре яхмосро. Аз бачаҳо пурсед, ки яхмос ба забони англисӣ чӣ мешавад? Агар бачаҳо надонистанд, дар тахтаи синф ин калимаро навишта, аввал худатон хонед, баъд бо бачаҳо такрор кунед.

– Машқи 1-ро ба хонандагон супориш диҳед. Аввал яке аз машқҳоро барои намуна оред, то ки онҳо аз рӯйи намуна кор кунанд.

– Калимаҳои навро дар тахтаи синф нависед: cheese [tʃi:z] -панир, sausage [sɔsidʒ] - ҳасибча, butter [bʌtə] – равғани растанӣ, ice – cream [ais – krim] - яхмос, honey [hʌni] - асал, chocolate [tʃɔklit] - шоколад, to drink [tu driŋk] – нӯшидан. Сипас ба хонандагон супориш диҳед, ки ин калимаҳоро дар дафтари луғат навишта гиранд. Супориш диҳед, ки машқи 2-ро иҷро кунанд, бо калимаҳои нав ҷумла созанд.Матни дар поёни машқ овардашударо якҷоя бо талабагон хонед ва тарҷума кунед. Ба онҳо супориш диҳед, ки дар субҳ онҳо чиро истеъмол мекунанд, ҳар кас фикри худашро гӯяд. Аз онҳо пурсон шавед, ки субҳона чӣ менӯшанд. Омӯзгор бояд ҳамаи калимаҳоро аввал худаш гӯяд, баъди он хонандагонро фармоед, ки пас аз ӯ такрор кунанд.

– Хонандагон машқи 3-ро иҷро мекунанд. Онҳо бояд ба ҷойи хатчаҳо ҷавоби дурустро гузоранд. Ҳар кас фикри худро баён мекунад. Машқи 4 супориш дода мешавад. Хонандагон калимаҳоро ҷобаҷо гузошта, ҷумла тартиб медиҳанд. Мисол: I by chocolate every birthday Эзоҳ: Омӯзгор ба бачаҳо барои хубтар аз худ кардани машқи 4 онро дар тахтаи синф менависад ва аз онҳо хоҳиш мекунад,ки муколамаро навишта гирифта, онро тарҷума кунанд. Метавонед ягон бозии шавқоварро ҳам тартиб диҳед, то ба бачаҳо омӯхтани забони англисӣ шавқовар гардад. Бозии шавқовари марҷонро мисол оред. Панҷ нафари талабагонро ба тахтаи синф хонед ва аз хонандаи аввал хоҳиш кунед, ки номи ягон маҳсулотро номбар кунад мисол: маҳсулоти ширӣ - ice-cream ва хонандаи дуюм бояд боз ягон маҳсулоти шириро ба забони англисӣ номбар кунад ва ҳамин тавр бозӣ идома меёбад.

– Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки калимаҳои нави дар тахтаи синф навиштаатонро дар дафтарҳояшон навишта гирифта, онҳоро аз ёд кунанд.

– Машқи «Дар мағоза»-ро бо ҳамроҳии бачаҳо иҷро кунед. Аз бачаҳо хоҳиш кунед, ки муколамаи «At the foodshop»- ро тартиб диҳанд. Омӯзгор аз бачаҳо мепурсад: Бачаҳо имрӯз мо кадом калимаҳои навро гузаштем? Бачаҳо бо як овоз ҷавоб медиҳанд.

– Вазифаи хонагӣ: аз ёдкардани калимаҳои нав.

– Дар зинаҳои 3, 4, 6 ва 7 арзёбӣ намудани дониши хонандагон .

## LESSON 21. ДАРСИ 21. МАВЗӮЪ: FOOD (ХӮРОК)

**Салоҳиятҳо:** 4.2.1. 4.4.3. 4.4.2. Дар асоси салоҳиятҳо ва барномаи дарси мазкур мақсадҳои таълимро муқаррар намоед. **Барнома.** Машқи овозӣ. Мушоҳидаи тарзи талаффузи овозҳо.Нишон додани тарзи хондани калимаҳои нав.

**Равиши дарс.** Омода намудани синф ба дарс. Гуфтугӯ бо навбатдор. Дарсро чунин оғоз кунед: Шогирдони азиз, дарси имрӯзаро мо бо такрори калимаҳои дарси гузашта шурӯъ мекунем. Сипас омӯзгор ҳамроҳи

хонандагон шеъри Why do you cry, Willy? – ро мехонад. Хонандагон бонавбат матнро хонда, бо ёрии омӯзгор онро тарҷума мекунанд. Калимаҳои нофаҳмо шарҳ дода мешавад.
Бачаҳо вазифаи хонагӣ, такрор кардани муколама дар хона, аз ёд кардани шеър ва бо калимаҳои нав ҷумла тартиб додан.
Дар зинаҳои 3, 4 арзёбӣ намудани дониши хонандагон .

### LESSON 22-23. ДАРСИ 22 – 23. МАВЗӮЪ A GROCERY (ДӮКОН - БОЗОРЧА)

**Салоҳиятҳо:** 4.5.2; 4.4.3; 4.3.3. Дар асоси салоҳиятҳо ва барномаи дарси мазкур мақсадҳои таълимро муқаррар намоед. **Барнома.** Машқи овозӣ. Мушоҳидаи тарзи талаффузи овозҳо.Нишон додани тарзи хондани калимаҳои нав. Хонандагон матнро хонда, маънои онро дарк мекунанд.
**Равиши дарс.** Омода намудани синф ба дарс. Пурсиши вазифаи хонагӣ. Матни додашударо барои тарҷума тафтиш кунед, инчунин аз ёд пурсидани калимаҳои навро фаромӯш накунед. Сипас омӯзгор аз хонандагон мепурсад, ки ба забони англисӣ калимаҳои номбаркардашуда чӣ маъно доранд ва тарҷумаашон чӣ мебошад.
– Дарсро чунин оғоз кунед: Шогирдони азиз, дарси имрӯзаро мо бо такрори калимаҳои нави гузашта шурӯъ мекунем ва ба саволҳои додашуда ҷавоб мегардонем. Аз хонандагон ҳамаи калимаҳои навро пурсед ва луғати калимаҳоро низ дида бароед.
– Дар бораи хариди маҳсулоти истеъмолӣ аз мағоза низ бо хонандагон суҳбат кунед. Бачаҳо, биёед, ба расми дар китоб овардашуда назар карда шарҳ медиҳем. Аввал омӯзгор бояд ба забони тоҷикӣ расмро шарҳ диҳад, сипас мисол оварда, онро ба забони англисӣ тарҷума намояд.Шумо дар сурат чиро мебинед? Бачаҳо ҳама ҷавоб мегардонанд: Мо дар сурат духтарчаро мебинем. Омӯзгор:
– Духтарча чӣ кор карда истодааст? Талабагон: – Духтарча харид карда истодааст. Сипас мағозаро ба забони англисӣ тарҷума намуда инчунин маҳсулоти дар мағоза бударо ҳам ба қадри имкон тарҷума мекунед. Хуб мешуд агар расми ҳамаи маводи додашударо дошта бошед. Сипас бо ҳамроҳии бачаҳо матни зеринро «Look and say what the girl wants to buy» мехонед ва тарҷума мекунед.
– Калимаҳои навро дар тахтаи синф нависед ва ба онҳо супориш диҳед, ки дар дафтарҳои луғаташон навишта гиранд. Машқро иҷро кунанд. Ба саволҳои додашуда ҷавоб гардонанд. Аз рӯйи машқи зерин метавонед муколамаи хурдакак тартиб диҳед ва хонандагон дунафарӣ ба назди тахтаи синф баромада ҷавоб диҳанд.
– Машқи 1-ро супориш диҳед. Калимаҳои навро навишта, бо онҳо ҷумла созед, дар бораи ҷонишинҳои ишоратӣ маълумоти пурра диҳед. Бо ҳар яки онҳо ҷумла тартиб дода, ба талабагон фаҳмонед. Машқи 2-ро супориш диҳед. Меваю сабзавотҳои дар сурат кашидашударо ба бачаҳо барои хубтар аз худ кардан дар тахтаи синф навишта, тарзи хонданашонро нишон диҳед. Метавонед ягон бозии шавқоварро оид ба мавзӯи «At the Footshop»-тартиб дода бо бочаҳо бозӣ кунед, то ки омӯхтани ин забон шавқовар гардад ва калимаҳо дар зеҳни онҳо хубтар гиранд. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки калимаҳои нави дар тахтаи синф навиштаатонро дар дафтарҳои луғаташон навишта гирифта, аз ёд кунанд.
– Машқи «Дар мағоза»-ро бо ҳамроҳии бачаҳо иҷро кунед. Аз бачаҳо хоҳиш кунед, ки муколамаи «At the foodshop»- ро тартиб диҳанд. Омӯзгор аз бачаҳо мепурсад: – Бачаҳо имрӯз мо кадом калимаҳои навро гузаштем? Бачаҳо бо як овоз ҷавоб медиҳанд. – Бачаҳо, биёед, бо ҳам ба ёд орем калимаи **meat** [mi:t] - ба тоҷикӣ чӣ мешавад? Канӣ, бачаҳо, ба ман гӯед vegetable [vedʒitəbl] –чӣ мешавад? Бачаҳо ба мева чиҳо дохил мешаванд? Ва ба саволи омӯзгор ҳар талаба фикри худро баён мекунад. Бачаҳо вазифаи хонагӣ – такрор кардани матни гузашта дар хона ва бо калимаҳои нав ҷумла тартиб додан.

### ДАРСИ 24 – 25. LESSON 24-25. МАВЗӮЪ: SPORTS

**Салоҳиятҳо:** 4.2.1; 4.4.3; 4.3.3. Дар асоси салоҳиятҳо ва барномаи дарси мазкур мақсадҳои таълимро муқаррар намоед. **Барнома. М**ашқи калимаҳои нав, ҷумласозӣ бо калимаҳои нав**. О**ид ба мавзӯи варзиш саволгузорӣ карда тавонанд ва ҷумлаҳоро ҷобаҷо гузошта тавонанд.
**Равиши дарс.** Дарсро чунин оғоз кунед: – Шогирдони азиз, дарси имрӯзаро мо бо такрори калимаҳои нави гузашта шурӯъ мекунем ва ба саволҳои додашуда ҷавоб мегардонем. Аз хонандагон ҳамаи калимаҳои навро пурсед ва луғатҳояшро дар як вақти иловагӣ дида бароед. Сипас аз талабагон мепурсед, ки ба забони англисӣ калимаҳои номбаркардашуда чӣ маъно доранд.
Вазифаи хонагии бачаҳоро пурсед. Матни додашударо барои тарҷума тафтиш кунед, инчунин аз ёд пурсидани калимаҳои навро фаромӯш накунед.
Дарси навро оғоз намоед. Дарси имрӯзаи мо дар бораи «Варзиш» мебошад. Бачаҳо, шумо кадом намудҳои варзишро медонед? Биёед бо ҳам ба ёд меорем! Бо ҳамроҳии бачаҳо намудҳои варзишро номбар кунед ва тарҷумаашро дар тахтаи синф нависед. Аз бачаҳо пурсед, ки варзиши дӯстдоштаи онҳо чист? Бачаҳо ба саволҳоятон бо шавқ ҷавоб мегардонанд. Кӯшиш кунед, ки дарс шавқовар гардад. Метавонед ба бачаҳо супориш диҳед, ки дарси дигар аз хона либоси варзишиашонро оварда, бо ҳам муколама тартиб диҳанд.Ба талабагон супориш диҳед, ки ба расм назар карда фикри худро баён кунанд.
Калимаҳои навро дар тахтаи синф нависед ва ба онҳо супориш диҳед, ки дар дафтарҳои луғаташон навишта гиранд. Машқи 3-ро иҷро кунанд. Шуғлҳои варзишии дар матн овардашударо дар тахтаи синф нависед ва шарҳ диҳед. Хонандагон ба саволҳои додашуда ҷавоб гардонанд. Аз рӯйи машқи зерин метавонед муколамаи хурдакак тартиб диҳед ва хонандагон дунафарӣ ба назди тахтаи синф баромада ҷавоб диҳанд.
Машқи 4-ро супориш диҳед. Ба саволҳои дар машқ буда талабаҳо ҷавоб гардонанд. Барои ин ба онҳо каме вақт ҷудо намоед. Калимаҳои навро навишта, бо онҳо ҷумла тартиб диҳед, дар бораи шуғлҳои варзишии худ матни хурдакак тартиб диҳед. Машқи 2-ро супориш диҳед. Матнро хонда бо ҳам тарҷума намоед. Калимаҳои навро дар тахтаи синф навишта, тарзи хонданашонро нишон диҳед. Метавонед ягон бозии

шавқоварро оид ба мавзӯи «Sports»-тартиб дода бо бачаҳо бозӣ кунед то ки омӯхтани ин забон шавқовар гардад ва калимаҳо дар зеҳни онҳо хубтар ҷой гиранд. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки калимаҳои наве, ки дар тахтаи синф навиштаатонро дар дафтарҳои луғаташон навишта аз ёд кунанд.
Машқи «Sport»- ро ҳамроҳ бачаҳо иҷро кунед. Аз бачаҳо хоҳиш кунед, ки муколамаи «My favorite sport»-ро тартиб диҳанд. Омӯзгор аз бачаҳо мепурсад: – Бачаҳо, имрӯз мо кадом калимаҳои навро гузаштем? Бачаҳо бо як овоз ҷавоб медиҳанд. Бачаҳо, биёед, бо ҳам ба ёд орем swimming [swimiŋ], boxing [bɔksiŋ], boating [boutiŋ] - чӣ мешаванд? Канӣ, бачаҳо ба ман гӯед wrestling [restliŋ] - чӣ мешавад? Бачаҳо ин намуди варзиш чӣ гуна аст, канӣ, кӣ мегӯяд? Ва ба саволи омӯзгор ҳар талаба фикри худро баён мекунад.
Бачаҳо вазифаи хонагӣ – такрор кардани матни гузашта дар хона ва бо калимахои нав ҷумла тартиб додан. Машқи 3-ро дар хона иҷро кунед. Калимаҳои навро аз худ намоед.

## LESSON 26-27. ДАРСИ 26 – 27. МАВЗӮЪ: THINGS AND CLOTHES

**Салоҳиятҳо:** 4.1.1; 4.4.1; 4.2.1. Дар асоси салоҳиятҳо ва барномаи дарси мазкур мақсадҳои таълимро муқаррар намоед. **Барнома.** Мустаҳкамкунии овозҳои гузашташуда. Машқи овозӣ. Нишон додани тарзи хондан ва навиштани калимаҳои нав. Ҷумласозӣ бо калимаҳои нав. Оид ба мавзӯи варзиш саволгузорӣ карда тавонистан.
**Равиши дарс.** Дарсро чунин оғоз кунед: – Шогирдони азиз, дарси имрӯзаро мо бо такрори калимаҳои нави гузашта шурӯъ мекунем ва ба саволҳои додашуда ҷавоб мегардонем. Аз хонандагон ҳамаи калимаҳои навро пурсед ва луғатҳояшро дар як вақти иловагӣ дида бароед. Сипас аз талабагон мепурсед, ки ба забони англисӣ калимаҳои номбаркардашуда чӣ маъно доранд. Вазифаи хонагии бачаҳоро пурсед. Матни додашударо барои тарҷума тафтиш кунед, инчунин аз ёд пурсидани калимаҳои навро фаромӯш накунед.
Дарси навро оғоз намоед. Дарси имрӯзаи мо дар бораи «ашё ва либос» мебошад. Бачаҳо, ба фикри шумо ба ашё чиҳо дохил мешаванд? Бачаҳо фикрҳои худро пешниҳод менамоянд. Пас аз ба ин савол ҷавоб додан аз онҳо пурсед, ки ба либос чиҳо дохил мешаванд? Ба ин савол ҳам бачаҳо фикрҳои худро пешниҳод менамоянд.
Калимаҳои навро дар тахтаи синф нависед ва ба онҳо супориш диҳед, ки дар дафтари луғаташон навишта гиранд. Машқи 1-ро иҷро кунанд. Акнун бачаҳо ба ин расм назар кунед. Шумо дар расм чиро мебинед? Бачаҳо мегӯянд, ки дар расм онҳо ашёро мебинанд. Мисол: table- cloth- [teibl - klɔθ] -дастархон, pan [pæn] – тобачаи тухмпазӣ (сковородка), kettle [ketl] –чойники чойҷӯшонӣ ва ғайра. Ҳамаи ашёи дар расм бударо хонда, талаффуз кунед. Аз аёниятҳои дарсӣ истифода баред. Машқи 2-ро супориш диҳед. Хондани ибора ва калимаҳои нав. Калимаҳои навро бо онҳо хонда, тарҷумаашро фаҳмонед.
Калимаҳои навро навишта, бо онҳо ҷумла тартиб диҳед. Аз рӯйи машқи 3 муколама тартиб диҳед, бачаҳо дунафарӣ муколама тартиб дода баромад кунанд. Инчунин калимаҳои нави дар муколама корбастшударо дар дафтарҳои луғат навишта гиранд. Машқи 2-ро супориш диҳед. Матнро хонда бо ҳам тарҷума кунед. Калимаҳои навро дар тахтаи синф навишта, тарзи хонданашонро нишон диҳед. Метавонед бо бачаҳо ягон бозии шавқоварро оид ба мавзӯи «Things and clothes» гузаронед, то ки омӯхтани ин забон шавқовар гардад ва калимаҳо дар зеҳни онҳо хубтар ҷой гиранд. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки бо истифодаи калимаҳои нав аз рӯйи машқи 3 муколама тартиб диҳанд. Калимаҳои нави дар тахтаи синф навиштаатонро дар дафтарҳои луғат навишта гирифта, аз ёд кунанд. Машқи 4-ро ҳамроҳи бачаҳо иҷро кунед. Калимаҳоро ҷобаҷо гузошта, ҷумла тартиб диҳед. Машқи 5-ро супориш диҳед. Ба саволҳои дар машқ додашуда ҷавоби дуруст диҳанд. Омӯзгор аз хонандагон мепурсад: – Бачаҳо, имрӯз мо кадом калимаҳои навро гузаштем? Бачаҳо бо як овоз ҷавоб медиҳанд. Бачаҳо, биёед, бо ҳам ба ёд орем want, show me, how much does it cost?, purchase – ба забони тоҷикӣ чӣ мешавад? Омӯзгор ба хонандагон вазифаи хонагӣ месупорад, то ки онҳо дар бораи мағозаи либос бо истифодаи калимаҳои гузаштаашон каме маълумоти хаттӣ тартиб диҳанд. Аз бачаҳо мавзӯи гузаштаро пурсед. Калимаҳои нави гузаштаро ҳам такрор карда, вазифаи хонагии онҳоро низ тафтиш кунед. Дарси нав. Дар бораи ҷонишинҳо ба хонандагон маълумоти пурра диҳед. Аз асбобҳои аёнӣ истифода баред.
Машқи 2 – ро супориш диҳед. Ҷонишинҳоро ёфта, дар зерашон хат кашед. Ба мавзӯъ ҷиддитар бояд аҳамият дод, зеро хонандагон дар ин мавзӯъ метавонанд каме душворӣ кашанд. Ҳар як ҷонишинро барои онҳо дуруст фаҳмонда диҳед. Калимаҳои навро дар тахтаи синф нависед ва ҳамроҳи бачаҳо такрор намоед. Супориш диҳед, ки калимаҳоро дар дафтарҳои луғат навишта гиранд. Дар машқи 3 аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ҳар нафар ба як савол ҷавоб гардонад, зеро шумо вақти пурсидани ҳамаи онҳоро надоред. Метавонед 2 нафари хонандагонро ба назди тахтаи синф хонед ва аз онҳо хоҳиш кунед, ки яке аз онҳо савол диҳад ва дигаре ба саволи додашуда ҷавоб гардонад. Машқи 4 машқи гурӯҳӣ мебошад. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки муколамаи дар машқ бударо давом диҳанд яъне пурра кунанд. Ҳар ду нафар муколамаи худро тартиб диҳанд ва дар назди тахтаи синф иҷро кунанд.
Вазифаи хонагиро супориш диҳед. Тартиб додани муколама дар хона. Аз ёд кардани калимаҳои нави гузашта.

## UNIT Y. FRUIT AND VEGETABLES МЕВА ВА САБЗАВОТ

### LESSON 28. ДАРСИ 28 LESSON TWENTY-EIGHT

**Салоҳиятҳо:** 4.1.1; 4.4.1; 4.5.1; 4.5.2. Дар асоси салоҳиятҳо ва барномаи дарси мазкур мақсадҳои таълимро муқаррар намоед. **Барнома.** Мустаҳкамунии овозҳои [eı],[æ] ва [p]. Машқи овозӣ. Мушоҳидаи тарзи талаффузи овозҳо. Нишон додани тарзи хондан ва навиштани калимаҳои apple, apricot, banana, plum, peach, pear, to grow. Машқи навиштани калимаҳои нав. Машқи истифодабарии саволҳои What kind of fruit is it? What colour is this fruit?

**Равиши дарс.** Омода намудани синф ба дарс. Ба хонандагон фармоед, ки рангҳои то ин вақт омӯхтаашонро номбар кунанд. Овозҳои дарсҳои гузаштаро низ такрор кунанд. Пурсиши вазифаи хонагӣ. Баёни мавзӯи нав. Нигаред, шунавед ва такрор намоед. Дар тахтаи синф овозҳои [eɪ], [æ] ва [p]-ро навишта, аввал аз ҳамаи хонандагон хоҳиш кунед, ки ба он нигаранд ва аз паси шумо талаффуз кунанд. (Овозҳоро дар коғаз навишта бо расмҳо ва калимаҳое, ки ин овозҳоро дар дохилашон доранд, ба хонандагон пешкаш намоед). Баъд аз он аз якчанд хонанда хоҳиш намоед, ки дар алоҳидагӣ аз паси шумо талаффуз намоянд. Ба хонандагон расмҳои себ – an apple ['æpl], зардолу - an apricot ['eɪprɪkɔt], банана - a banana [bə'nɑ:nə], олу - a plum [plʌm], шафтолу a peach [pi: ʧ], нок - pear [peə], рӯйидан, сабзидан - to grow [grəu], мева fruit [fru:t],сабзавот - vegetable ['veʤ(ə)təbl]-ро нишон дода талаффузи ҳарфҳои A ва P - ро дар калимаҳои нав фаҳмонед. Калимаҳоро хонед ва хонандагон такрор намоянд.
Акнун ба хонандагон гӯед, ки ба расмҳои китоб нигоҳ карда, номи меваи дар расм бударо талаффуз намоянд. Шумо метавонед аз расмҳои тайёрнамудаи худ ва ё меваҳои сохта истифода баред.
Машқи пай дар пай бо истифодаи ибораи This is... Ба хонандагон як ҷумла пешниҳод намоед ва аз онҳо хоҳиш намоед, ки ба ин монанд ҷумлаҳо тартиб диҳанд: This is an apple. This is an apricot. This is a banana. This is a plum. This is a peach. Матни додашударо хонед ва ба хонандагон гӯед, ки гӯш карда, калимаҳои навро аз матн ёбанд. Баъд аз шунидани матн аз хонандагон пурсед, ки кадом калимаҳоро онҳо шинохтанд. Хонандагонро ба ҷуфтҳо ҷудо намоед ва гӯед, ки ба расми китоб нигоҳ карда, ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Аввал ба хонандагон як намуна гӯед: Who is this boy? He is Komron. Does he like bananas? Yes he does. Акнун аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ин корро давом диҳанд. Саволҳо дар китоб оварда шудаанд. Саволҳои What kind of fruit is it? It is sweet. What colour is this fruit? It is red. ва ҷавоби онҳоро ба хонандагон фаҳмонед. Ба хонандагон супориш диҳед, ки рангҳоро бо мева мувофиқ намуда, дар дафтар нависанд: a green apple, a yellow banana, a purple plum, a red peach. Ба хонандагон бозии "Who wants to buy fruit?"- ро фаҳмонед. Хонандагонро ба ҷуфтҳо тақсим намоед: яке харидор дигаре фурӯшанда. Бигзор хонандагон муколамаҳои кӯтоҳ ташкил намоянд. Намуна: Hello! I want to buy bananas.
Here you are!
Please give me yellow bananas.
Here you are!
Oh, thank you.
You are welcome.
Супориши вазифаи хонагӣ: а) калимаҳои навро аз худ кардан. б) Калимаҳоро ҷудо карда нависед: pearplumapricotyellowpinkpurplebanana.
**Арзёбӣ:** дар зинаҳои 3, 5, 6, 7 арзёбӣ намудани маҳорати хонандагон .

## LESSON 29. ДАРСИ 29

**Салоҳиятҳо:** 4.1.1; 4.4.1; 4.4.2; 4.5.1. Дар асоси салоҳиятҳо ва барномаи дарси мазкур мақсадҳои таълимро муқаррар намоед. **Барномаи таълим.** Машқи овозӣ. Мушоҳидаи тарзи талаффузи овозҳо. Нишон додани тарзи хондан ва навиштани калимаҳои grow, ripe, peel, squeeze. Машқи навиштани калимаҳои нав. Машқи тартиб додани ҷумлаҳои саволӣ. Машқи саволу ҷавоб аз рӯйи расм.
**Равиши дарс.** Омода намудани синф ба дарс. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки рангҳои то ин вақт омӯхтаашонро номбар намоянд. Овозҳои дарси гузашта [eɪ],[æ], [p]-ро низ такрор кунед. Пурсиши вазифаи хонагӣ.Ба хонандагон якчанд савол бо калимаҳои дарси гузашта диҳед: What colour is an apple (a banana, apricot, pear, plum)?
Нигаред, шунавед ва такрор кунед. Дар тахтаи синф калимаҳои навро нависед: ripe [raɪp] – пухтагӣ, peel [pi:l] - пӯст кардан, squeeze [skwi:z] – афшурдан, orange ['ɔrɪnʤ] афлесун, lemon ['lemən] лимӯ, sour ['sauə] турш, cherry ['ʧerɪ] гелос, a watermelon ['wɔ:təmelən] - тарбуз, melon ['melən] харбуза, grape [greɪp] - ангурро навишта, аввал ба ҳамаи хонандагон фармоед, ки ба он нигаранд ва аз паси шумо талаффуз кунанд. (Калимаҳо ва овозҳоро дар коғаз навишта, ба хонандагон нишон диҳед). Баъд аз он якчанд хонанда фармоед, ки дар алоҳидагӣ аз паси шумо талаффуз кунанд.
Акнун чунин бозии калимаҳоро бо хонандагон гузаронед. Хонандаи аввал як калимаи навро талаффуз мекунад, хонандаи дигар ин калимаро талаффуз намуда, ба он як калимаи дигарро илова мекунад, хонандаи сеюм калимаҳои номбаршударо талаффуз намуда, боз як калимаи дигарро илова менамояд ва ҳамин тариқ дигарон давом медиҳанд. Мисол: хонандаи 1 an orange; хонандаи 2 an orange, a lemon; хонандаи 3 an orange, a lemon, grapes, ; хонандаи 4 an orange, a lemon, grapes, a water-melon; хонандаи 5 an orange, a lemon, grapes, a water-melon, a melon (дар ин намуди кор хонандагон калимаҳои навро тез аз худ карда метавонанд)
Акнун ба хонандагон гӯед, ки ба расмҳои китоб нигоҳ карда, номи меваи дар расм бударо талаффуз кунанд. Шумо метавонед аз расмҳои тайёрнамудаи худ ва ё меваҳои сохта истифода баред.
Матни додашударо хонед ва ба хонандагон гӯед, ки онро гӯш карда калимаҳои навро аз матн ёбанд. Баъд аз шунидани матн аз хонандагон пурсед, ки кадом калимаҳоро онҳо шинохтанд. Сипас якчанд калимаро аз матн интихоб намуда аз хонандагон хоҳиш намоед, ки маънои онҳоро ба забони тоҷикӣ гӯянд: grow, juice, sour, it, when, orange-tree
Ба хонандагон шакли ҷамъи исмҳоро дар забони англисӣ хотиррасон намоед: lemon – lemons, cherry– cherries, orange – oranges, melon – melons, grape – grapes. Якчанд расми мевaро ба хонандагон нишон диҳед ва фармоед, ки дар шакли ҷамъ талаффуз намоянд: plum, peach, apricot, jacket, shop, cup, teapot etc.
Акнун хонандагонро ба гурӯҳҳо тақсим намуда, ба онҳо супориш диҳед, ки ба расми китоб нигоҳ карда, ба саволҳо ҷавоб гардонанд. Ҳар як гурӯҳ яксаволӣ гирифта, ҷавоби худро тайёр мекунад. Агар гурӯҳе ҷавоби нодуруст диҳад, намояндаи гурӯҳи дигар онро ислоҳ мекунад. Акнун ба гурӯҳҳо супориши навбатиро

диҳед. Аз калимаҳои додашуда ҷумлаҳои саволӣ тартиб диҳед. Калимаҳо дар китоб оварда шудаанд. Ин супориш аз тарафи хонандагон хаттӣ иҷро карда мешавад. Ҳар як гурӯҳ бояд панҷ ҷумлаи саволӣ созад. Шумо ҷавобҳои хонандагонро санҷида, ба онҳо баҳогузорӣ намоед. Хонандагонро ба ҷуфтҳо тақсим намуда супориш диҳед, ки муколамаҳои кӯтоҳ созанд. Намуна:

A) What kind of fruit do you like? I like orange. What about you? I like grapes.

B) Do you like apples? No, I don't. I like bananas. What about you?

Супориши вазифаи хонагӣ: аз худ кардани калимаҳои нав. Ҷойҳои холиро бо калимаҳои мувофиқ пур кунед. cher_y, g_apes, mel_n, _atermelon, o_ange, so_r, p_um, pe_ch.
**Арзёбӣ:** дар зинаҳои 3, 4, 5, 6, 7 арзёбӣ намудани маҳорати хонандагон .

## LESSON 30. ДАРСИ 30

**Салоҳиятҳо:** 4.1.1; 4.1.2; 4.5.2; 4.5.2. Дар асоси салоҳиятҳо ва барномаи дарси мазкур мақсадҳои таълимро муқаррар намоед. **Барномаи таълим.** Машқи овозӣ. Мушоҳидаи тарзи талаффузи овозҳо. Нишон додани тарзи хондан ва навиштани калимаҳои berry ['berɪ] - меваи буттагӣ, strawberry ['strɔ:b(ə)rɪ] - қулфинай, raspberry ['rɑ:zb(ə)rɪ] - марминҷон, gooseberry ['guzb(ə)rɪ] –хортут,boil [bɔɪl] -ҷӯшонидан, пухтан, taste [teɪst] - маза. Машқи навиштани калимаҳои нав. Машқи тартиб додани муколамаҳои кӯтоҳ. Машқи саволу ҷавоб аз рӯйи расм.
**Рафиши дарс.** Омода намудани синф ба дарс. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки меваи то ин вақт омӯхтаашонро номбар намоянд. Овозҳои дарси гузашта [ɪ:],[g], [r]-ро низ такрор кунед.
Пурсиши вазифаи хонагӣ. Ба хонандагон бо калимаҳои дарси гузашта якчанд савол диҳед: Do you like sour cherry ( grapes, melon, watermelon, lemon)?
Нигаред, шунавед ва такрор намоед. Дар тахтаи синф калимаҳои навро нависед: berry ['berɪ] –меваи буттагӣ, strawberry ['strɔ:b(ə)rɪ] - қулфинай, raspberry ['rɑ:zb(ə)rɪ] - марминҷон, gooseberry ['guzb(ə)rɪ] - бектошӣ, (крыжовник), boil [bɔɪl] - ҷӯшонидан, пухтан, taste [teɪst] – маза-ро навишта аввал ба ҳамаи хонандагон фармоед, ки ба он нигаранд ва аз паси шумо талаффуз кунанд. (Калимаҳо ва овозҳоро дар коғаз навишта, ба хонандагон нишон диҳед). Баъд аз он ба якчанд хонанда фармоед, ки дар алоҳидагӣ аз паси шумо талаффуз кунанд.
Акнун бо хонандагон бозии калимаҳоро гузаронед. Хонандаи аввал як калимаи навро талаффуз мекунад, хонандаи дигар ин калимаро талаффуз намуда, ба он калимаи дигарро илова мекунад, хонандаи сеюм калимаҳои номбаршударо талаффуз намуда, боз як калимаи дигарро илова менамояд ва ҳамин тариқ дигарон давом медиҳанд. Мисол: хонандаи 1 raspberry; хонандаи 2 raspberry, strawberry; хонандаи 3 raspberry, strawberry, gooseberry; хонандаи 4 raspberry, strawberry, gooseberry, berry; хонандаи 5 raspberry, strawberry, gooseberry, berry, boil
Акнун ба хонандагон гӯед, ки ба расмҳои китоб нигоҳ карда, номи меваи буттагии дар расм бударо талаффуз намоянд. Шумо метавонед аз расмҳои тайёрнамудаи худ ва ё меваҳои сохта истифода баред.
Дар тахтаи синф калимаҳои зеринро нависед: raspberry, strawberry, gooseberry, berry, an orange, a lemon, grapes, a water-melon, a melon. Синфро ба ду гурӯҳ тақсим намуда супориш диҳед, ки меваҳо ва меваҳои буттагиро ба ду гурӯҳ ҷудо намоянд.
Феъли замони ҳозираи давомдорро бо мисолҳо фаҳмонед ва ба забони модарӣ маънои онро гӯед: I am sitting. Ман нишастаам. She is playing. Вай духтарак бозӣ карда истодааст. We are learning English. Мо забони англисиро омӯхта истодаем. Акнун хонандагонро ба ҷуфтҳо тақсим карда, супориш диҳед, ки аз рӯйи расми китоб саволу ҷавоб намоянд. (Саволҳо дар китоб дар машқи 3 дода шудаанд).
Машқи хаттӣ. Пеш аз иҷрои ин машқ аз хонандагон маънои калимаҳои boil, taste, peel, squeeze, fruit-ро пурсед. Акнун хонандагонро ба якчанд гурӯҳ ҷудо намуда, супориш диҳед, ки ҷойҳои холии ҷумларо бо калимаҳои мувофиқ пур кунанд. Ҷумлаҳо дар китоб дар машқи 4 дода шудаанд. (Ҳамин машқро ба таври хаттӣ ба хонандагон вазифаи хонагӣ додан мумкин аст).
Хонандагонро ба ҷуфтҳо тақсим намуда супориш диҳед, ки муколамаҳои кӯтоҳ созанд. Намуна: A) Can I buy grapes? B) Can I buy fruits? Yes, you can. You can buy tasty grapes. Yes, you can.We have lemons and Pears.
Супориши вазифаи хонагӣ: хонандагон калимаҳои навро аз худ намуда, онҳоро яккаторӣ менависанд. berry, strawberry, raspberry, blackberry.
**Арзёбӣ:** дар зинаҳои 2, 3, 4, 5, 6, 7 арзёбӣ намудани маҳорати хонандагон .

## LESSON 31. ДАРСИ 31.

**Салоҳиятҳо:** 4.1.1; 4.3.1; 4.5.1; 4.5.2. Дар асоси салоҳиятҳо ва барномаи дарси мазкур мақсадҳои таълимро муқаррар намоед. **Барнома.** Мустаҳкамунии овози [ʌ]. Машқи овозӣ. Мушоҳидаи тарзи талаффузи овозҳо. Нишон додани тарзи хондан ва навиштани калимаҳои nut [nʌt] - чормағз, hazelnut ['heɪz(ə)lnʌt] чормағзи ҷангалӣ,coconut ['kəukənʌt]–нахли норҷил (кокос), chestnut ['ʧesnʌt]– шоҳбулут (каштан), pomegranate ['pɔmɪgrænɪt] анор, horse chestnut [hɔ:s'ʧesnʌt] – кастона (конский каштан). Машқи навиштани калимаҳои нав. Машқи истифодабарии саволҳоиWhat kind of berry is it? What colour is this berry?
**Равиши дарс.** Омода намудани синф ба дарс. Ба хонандагон фармоед, ки меваҳои то ин вақт омӯхташонро номбар кунпнд. Пурсиши вазифаи хонагӣ. Расмҳоро нишон дода саволҳо диҳед: Is this a raspberry? What color is this strawberry? Do you like gooseberry?
Нигаред, шунавед ва такрор намоед. Дар тахтаи синф калимаҳои навро нависед: nut [nʌt] - чормағз, hazelnut ['heɪz(ə)lnʌt] чормағзи ҷангалӣ, coconut ['kəukənʌt]–нахли норҷил (кокос), chestnut ['ʧesnʌt]–шоҳбулут (каштан), pomegranate ['pɔmɪgrænɪt] анор, horse chestnut [hɔ:s'ʧesnʌt] – шоҳбулут (конский каштан)-ро

навишта аввал ба ҳамаи хонандагон  фармоед, ки ба он нигаранд ва аз паси шумо талаффуз намоянд. (Калимаҳо ва овозҳоро дар коғаз навишта ба хонандагон  нишон диҳед).  Баъд аз он ба якчанд хонанда фармоед, ки дар алоҳидагӣ аз паси шумо талаффуз намоянд. Акнун бо хонандагон бозии калимаҳоро гузаронед. Хонандаи аввал  як ҷумла бо калимаи нав мег, хонандаи дигар ба ин ҷумла боз як калимаи дигарро илова менамояд, хонандаи сеюм ин ҷумларо такрор карда, ба он калимаи дигар илова менамояд ва ҳамин тариқ  дигарон давом медиҳанд. Мисол:  хонандаи 1 I like nut. хонандаи 2 I like nut and chestnut. Ва ғайра.

Талаффузи овози [ʌ]-ро ба хонандагон  бо мисолҳои дар машқи китоб овардашуда фаҳмонед. up, cup, nut, cut. Дар тахтаи синф калимаҳоро навишта хонандагонро ба ду гурӯҳ ҷудо намоед ва ба гурӯҳи якум супориш диҳед, ки калимаҳои ба хӯрдан алоқамандро ҷудо карда дар як варақи тоза нависанд; ба гурӯҳи дуюм супориш диҳед, ки калимаҳои ба бозӣ мувофиқро навишта гиранд. Намунаи калимаҳо: ballon, doll, cake pomegranate, nut, chestnut, strawberry, ball, berry, wrestling, boxing.

Акнун бозии «Кӣ зудтар ин корро иҷро мекунад?» -ро гузаронед. Дар дохили ду қуттӣ калимаҳо ва ё расмҳои мева ва меваҳои буттагиро гузоред. Ду нафар хонандаро ба назди қуттиҳо ҷеғ зада супориш диҳед, ки як хонанда расм ё калимаҳои ба мева тааллуқдоштаро ҷудо намояд, хонандаи дигар бошад калимаҳо ё расмҳои ба меваи буттагӣ алоқаманд бударо аз қуттӣ чудо намояд. Хонандаи ғолибро қадрдонӣ кунед.

Супориши вазифаи хонагӣ: калимаҳои навро аз худ намудан. Ҷойҳои холиро бо ҳарфи мувофиқ пур кардан. has_n_t, n_t, pom_gr_nat_, c_c_nut

**Арзёбӣ:** дар зинаҳои 2, 4, 5  арзёбӣ намудани маҳорати хонандагон .

## LESSON 32. ДАРСИ 32.

**Салоҳиятҳо:** 4.1.1; 4.3.1; 4.4.2;        4.5.1; 4.5.2. Дар асоси салоҳиятҳо ва барномаи дарси мазкур мақсадҳои таълимро муқаррар намоед. **Барномаи таълим.** Мустаҳкамунии овозҳои [əu] ва [v]. Машқи овозӣ. Мушоҳидаи тарзи талаффузи овозҳо. Нишон додани тарзи хондан ва навиштани калимаҳои tomato [tə'mɑtəu] – помидор, vegetable ['veʤ(ə)təbl] – сабзавот, potato [pə'teɪtəu] – картошка, onion ['ʌnjən] – пиёз, radish ['rædɪʃ] шалғамча (редиска), cabbage ['kæbɪʤ] – карам, carrot ['kærət] – сабзӣ. Машқи навиштани калимаҳои нав. Машқи истифодабарии саволҳои What do the collective farmers do?

**Равиши дарс.** Ба хонандагон  фармоед, ки меваҳои буттагии то ин вақт омӯхтаашонро номбар кунанд. Пурсиши вазифаи хонагӣ.

Нигаред, шунавед ва такрор намоед. Дар тахтаи синф калимаҳои навро нависед: tomato [tə'mɑtəu] – помидор, vegetable ['veʤ(ə)təbl] – сабзавот, potato [pə'teɪtəu] – картошка, onion ['ʌnjən] – пиёз, radish ['rædɪʃ] шалғамча (редиска}, cabbage ['kæbɪʤ] – карам, carrot ['kærət] – сабзӣ -ро навишта аввал аз ҳамаи хонандагон фармоед, ки ба он нигаранд ва аз паси шумо талаффуз намоянд. (калимаҳо ва овозҳоро дар коғаз навишта, ба хонандагон  нишон диҳед).  Баъд аз он ба якчанд хонанда фармоед, ки дар алоҳидагӣ аз паси шумо талаффуз намоянд.

Акнун саволи What do the collective farmers do? - ро ба хонандагон  фаҳмонед. Маънои онро ба забони тоҷикӣ гӯед. Сипас ҷавоби ин саволро ба тариқи намуна гӯед. Акнун хонандагонро ба гурӯҳҳо (ҷуфтҳо) тақсим намуда, супориш диҳед, ки саволу ҷавоб кунанд.

Ба хонандагон  супориш диҳед, ки ба расми китоб (машқи 1) нигоҳ карда, ба саволҳои шумо ҷавоб диҳанд: Омӯзгор: Is this a carrot? Хонанда: (No, it isn't). Омӯзгор:What is it?  Акнун хонандагонро ба гурӯҳҳо тақсим намуда супориш диҳед, ки ба якдигар  саволҳо дода, ҷавобро аз гурӯҳи дигар интизор шаванд. Кори гурӯҳҳоро қадрдонӣ намоед.

Машқи овозҳоро бо хонандагон  иҷро кунед. Калимаҳоро талаффуз намуда, ба хонандагон  фармоед, ки баъд аз шумо такрор намоянд. Хонандагон  овозҳои [əu] ва[v]-ро аз дохили калимаҳо меёбанд.

Матнро хонед ва ба хонандагон  супориш диҳед, ки  калимаҳои навро аз матн ёфта талаффуз намоянд. Акнун аз якчанд хонанда хоҳиш кунед, ки ҷумлаҳои матнро ба забони тоҷикӣ гӯянд.

Иҷрои машқи 3. Хонандагонро ба ҷуфтҳо ҷудо кунед ва супориш диҳед, ки бо якдигар аз рӯйи матн саволу ҷавоб намоянд. Байни қаторҳо гашта, ба хонандагон  барои ҷавоби саволҳо ёрӣ диҳед.

Машқи навиштан. Ба хонандагон  супориш диҳед, ки шумораи сабзавоти дар расм инъикосшударо бо ҳарф нависанд. Дар ин машқ зарур аст, ки ба хонандагон  саволи How many-ро омӯзонед. Намуна: How many tomatoes can you see in the picture? (I can see five tomatoes). Хонандагон  бошанд, дар дафтар фақат шумораи сабзавотро менависанд. (five apples, two potatoes, six tomatoes). Корро бо ҷуфтҳо давом диҳед. Ба хонандагон  супориш диҳед, ки аз рӯйи расми китоб муколамаҳои кӯтоҳ созанд. (Саволу ҷавобҳо дар китоб дода шудаанд.) Ба хонандагон  гӯед, ки онҳо метавонанд номи сабзавотро дигар кунанд, масалан ба ҷойи калимаи radish калимаи cabbage-ро истифода баранд.

Супориши вазифаи хонагӣ: калимаҳои навро аз худ менамоянд. Расмҳои сабзавотро кашида ҷумлаҳо месозанд. **Арзёбӣ:** дар зинаҳои 2, 3, 4, 5,6, 7, 8 арзёбӣ намудани маҳорати хонандагон.

## LESSON 33. ДАРСИ 33.

**Салоҳиятҳо:** 4.1.1; 4.3.1; 4.5.1; 4.5.2. Дар асоси салоҳиятҳо ва барномаи дарси мазкур мақсадҳои таълимро муқаррар намоед. **Барномаи таълим.** Мустаҳкамунии овозҳои [p] ва [g]. Машқи овозӣ. Мушоҳидаи тарзи талаффузи овозҳо. Нишон додани тарзи хондан ва навишти калимаҳои paprika ['pæprɪkə] – қаланфури (тези) сурх,  hazelnut ['heɪz(ə)lnʌt] cucumber ['kjukʌmbə] - бодиринг, garlic ['gɑ:lɪk] сирпиёз, pumpkin ['pʌmpkɪn] - каду, pea [pi:] нахӯд. Машқи навиштани калимаҳои нав. Машқи истифодабарии саволҳоиWhat colour is cucumber? Do you like vegetables?

**Равиши дарс.** Ба хонандагон  фармоед, ки сабзавотҳои дарси гузашта  омӯхтаашонро номбар кунанд. Пурсиши вазифаи хонагӣ.

Нигаред, шунавед ва такрор кунед. Дар тахтаи синф овозҳои [p] ва [g] ва калимаҳои навро нависед: paprika ['pæprɪkə] – қаланфури (тези) сурх, cucumber ['kjuː kʌmbə] - бодиринг,garlic ['gɑːlɪk] сирпиёз, pumpkin ['pʌmpkɪn] - каду, pea [piː] нахӯд -ро навишта аввал ба ҳамаи хонандагон фармоед, ки ба он нигаранд ва аз паси шумо талаффуз намоянд. (калимаҳо ва овозҳоро дар коғаз навишта ба хонандагон нишон диҳед). Баъд аз он ба якчанд хонанда фармоед, ки дар алоҳидагӣ аз паси шумо талаффуз намоянд.
Акнун машқи овозҳои [p] ва [g]-ро иҷро кунед. Калимаҳоро хонед ва ба хонандагон супориш диҳед, ки овозҳоро аз калимаҳо ёфта талаффуз намоянд. Шумо метавонед ба хонандагон супориш диҳед, ки аз тахтаи синф ё расмҳо калимаҳои дар дохилашон овозҳои [p] ва [g] доштагиро номбар кунанд.
Матнро хонед ва ба хонандагон супориш диҳед, калимаҳои навро аз матн ёфта, талаффуз намоянд. Акнун аз якчанд хонанда хоҳиш кунед, ҷумлаҳои матнро ба забони тоҷикӣ гӯянд. Сипас ба хонандагон супориш диҳед, ки бо усули саволу ҷавоб рангҳои сабзавоти дар расми китоб бударо гӯянд. Ин корро дар гурӯҳҳо иҷро кардан мумкин аст. Намуна: Гурӯҳи 1 What color is the cabbage? Гурӯҳи 2 It's green.
Машқи навиштан. Ба хонандагон супориш диҳед, ки дар як тарафи дафтар номҳои мева ва дар тарафи дигар номҳои сабзавотро нависанд.
Намуна:

| Fruit | Vegetable |
|---|---|
| apple | carrot |
| orange | potato |
| lemon | onion |

Акнун бо хонандагон чунин бозиро иҷро намоед: якчанд нафарро дар давра гузоред ва супориш диҳед, ки ба гӯши якдигар номи ягон мева, меваи буттагӣ ё сабзавотро бо овози паст гӯянд. Сипас нафари дигареро даъват намоед, ки ба дохили давра даромада савол диҳад то ки номи калимаи гуфташударо ёбад. Намунаи саволҳо: Is it a fruit? Is it a vegetable? Is it small? Is it tasty? What color is it?
Супориши вазифаи хонагӣ: калимаҳои навро аз худ кардан, ҷойҳои холиро бо ҳарфи мувофиқ пур кардан.
**Арзёбӣ:** дар зинаҳои 2, 3, 4, 5 арзёбӣ намудани маҳорати хонандагон .

## LESSON 34. ДАРСИ 34

**Салоҳиятҳо:** 4.1.2. 4.2.1. 4.3.1. 4.3.3. 4.5.1. Дар асоси салоҳиятҳо ва барномаи дарси мазкур мақсадҳои таълимро муқаррар намоед. **Барномаи таълим.** Мустаҳкамунии овозҳои [p], [g], [p], [eɪ],[æ], [ʌ], [əu],[v], [p] ва [g]. Машқи овозӣ. Мушоҳидаи тарзи талаффузи овозҳо. Машқи навиштани тарҷумаи калимаҳо. Машқи ислоҳи ҷумлаҳо. Машқи аз расм нигоҳ карда ҷумлаҳоро ба охир расонидан. Машқи ба саволҳо ҷавобҳои пурра додан.
**Равиши дарс.** Ба хонандагон фармоед, ки намуди сабзавотҳои дар дарси гузашта омӯхтаашонро номбар кунанд.
Дарсро аз шеъре, ки дар машқи 1 дода шудааст, оғоз намоед. Онро аввал худатон қироат кунед, сипас маънояшро ба хонандагон ба забони тоҷикӣ фаҳмонед. Баъд аз якчанд хонанда хоҳиш намоед, ки дар алоҳидагӣ аз паси шумо талаффуз намоянд. Овозҳои [p], [g], [p], [eɪ],[æ], [ʌ], [əu], [v], [p] ва [g]-ро ба хонандагон аз варақчаҳои (карточка) сохтаатон нишон диҳед. Супориш диҳед, ки онҳоро талаффуз намоянд.
Акнун машқи тарҷумаи калимаҳоро иҷро намоед. Ба ҳар як хонанда як ё ду калимаи дар коғаз пешакӣ навишташударо тақсим кунед. Сипас аз ҳар як хонанда маънои калимаро ба забони тоҷикӣ пурсед.
– Машқи ислоҳи ҷумлаҳо. Ба хонандагон гӯед, ки ҷумлаҳои машқ як калимаи хато доранд аз ин лиҳоз, ба онҳо супориш диҳед, ки ин хатоҳоро ёбанд ва ҷумларо дуруст талаффуз намоянд. Намуна дода шудааст: Goats eat meat. They live in jungles. They can fly. Ҷавоби дуруст: Goats don't eat meat. They don't live in jungles. They can not fly. Ё ин ки Goats eat grass. They live in the forest. They can jump.
– Машқи навиштан. Ба хонандагон супориш диҳед, ки ба расми китоб нигоҳ карда, калимаҳои додашударо хонанд. Сипас ҷумлаҳои додашударо дар дафтар навишта, ҷойҳои холиро бо калимаҳои мувофиқ пур кунанд.
– Акнун хонандагонро ба ҷуфтҳо тақсим намуда, супориш диҳед, ки бо якдигар аз рӯйи машқи 5 саволу ҷавоб кунанд. Ҷавобҳо ҳам кӯтоҳ ва ҳам пурра шуда метавонанд.
– Супориши вазифаи хонагӣ: аз ёд намудани шеър. **Арзёбӣ:** азбаски ин дарси эҷодӣ мебошад, шумо дар иҷро кардани ҳар як машқ ба маҳорату малакаи хонандагон баҳо диҳед.

## LESSON 35. ДАРСИ 35. ANIMALS – ҲАЙВОНОТ

**Салоҳиятҳо:** 4.1.1; 4.2.1; 4.3.1; 4.3.3. Дар асоси салоҳиятҳо ва барномаи дарси мазкур мақсадҳои таълимро муқаррар намоед. **Барномаи таълим.** Мустаҳкамунии овозҳои [p], [g], [p], [eɪ],[æ], [ʌ], [əu],[v], [p] ва [g]. Машқи овозӣ. Мушоҳидаи тарзи талаффузи овозҳо. Машқи аз рӯйи расм тарҷума кардани номи ҳайвонот. Машқи ба ду гурӯҳ ҷудо кардани ҳайвонот ва парандаҳо ба хонагию ваҳшӣ. Машқи ба расм нигоҳ карда ҷумла сохтан. Машқи саволу ҷавобҳо. (муколамаҳо).
**Равиши дарс.** Ба хонандагон фармоед, ки намуди парандаю ҳайвонҳои медонистаашонро ба забони англисӣ номбар кунанд.
Дарсро аз пурсидани ҳайвонот ва парандагон оғоз намоед. Агар хонандагон дар гуфтани баъзе аз калимаҳо азоб кашанд, беҳтараш калимаҳоро бо талаффуз ва навишташон фаҳмонед: horse [hɔːs] асп, goat [gəut] буз, cow [kau] гов, sheep [ʃiːp] гӯсфанд, dog [dɔg] саг, cat [kæt] гурба, calf [kɑːf] – гӯсола, hen [hen]- мурғ, camel ['kæm(ə)l] шутур, parrot ['pærət] тӯтӣ, peacock ['piːkɔk] товус, fox [fɔks] – рӯбоҳ, walrus ['wɔːlrəs] – морж, monkey ['mʌŋkɪ] - маймун, jaguar ['ʤægjuə] – юз, dolphin ['dɔlfɪn] делфин, squirrel ['skwɪr(ə)l] санҷоб, deer [dɪə]

– гавазн, bear [beə] – хирс, lion ['laɪən] шер, wolf [wulf] гург, partridge ['pɑ:trɪʤ] кабк. Албатта овозҳои [p], [g], [p], [eɪ], [æ], [ʌ], [əu], [v], [p] ва [g]-ро бо хонандагон аз варақчаҳои (карточка) – ҳои сохтаатон такрор намоед. Акнун ба хонандагон калимаҳои хонагӣ ва ваҳширо бо ду забон фаҳмонед: domestic [də'mestɪk] – хонагӣ ва wild [waɪld] – ваҳшӣ. Хонандагонро ба ду гурӯҳ ҷудо намуда супориш диҳед, ки ҳайвонот ва парандагонро ба хонагӣ ва ваҳшӣ ҷудо намоянд.
Акнун супориш диҳед, ки ҳар гурӯҳ бо истифодаи номи ҳайвон ва ё паранда ҷумлаҳо тартиб диҳад. Намуна: The horse is a domestic animal. The lion is a wild animal. The cat is not a wild animal it is a domestic animal.
Хонандагонро ба ҷуфтҳо тақсим кунед, супориш диҳед, ки муколамаҳои кӯтоҳ созанд. Намуна:

A) What kind of animal do you like?
I like wild animals.

B) Do you like cats?
No, I don't. I like dogs.
What about you?

Ба хонандагон супориш диҳед, ки ба расми китоб (машқи 2) нигоҳ карда, бо якдигар саволу ҷавоб кунанд. Ба хонандагон барои тайёр намудани ҷавобҳо ёрӣ диҳед.
Супориши вазифаи хонагӣ: аз худ намудани калимаҳои нав, ҷойҳои холиро бо ҳарфҳои мувофиқ пур кардан: ho_se, wol_, do_esti_, squir_el, fo_, ca_f, li_n, par_ot. **Арзёбӣ:** дар зинаҳои 2, 3, 4, 5 арзёбӣ намудани маҳорати хонандагон .

## LESSON 36. ДАРСИ 36

**Салоҳиятҳо:** 4.2.1. 4.4.1. 4.4.3. 4.5.1. Дар асоси салоҳиятҳо ва барномаи дарси мазкур мақсадҳои таълимро муқаррар намоед. **Барномаи таълим.** Мустаҳкамунии овозҳо ва калимаҳои дарсҳои гузашта. Машқи шунавоии матн. Мушоҳидаи тарзи талаффузи овозҳо. Машқи тестӣ аз рӯйи матн. Машқи интихоби дурусти тарҷумаи калима. Машқи аз расм нигоҳ карда ба саволҳо ҷавоб сохтан.
**Равиши дарс.** Ба хонандагон фармоед, ки калимаҳои ба хӯрду хӯрок тааллуқдоштаро номбар кунанд. Азбаски мавзӯи дарс **At the table** мебошад, дарсро аз пурсидани калимаҳои ба хӯрду хӯрок тааллуқ дошта оғоз намоед. Агар хонандагон дар гуфтани баъзе калимаҳо азоб кашанд, беҳтараш калимаҳоро бо талаффуз ва навишташон фаҳмонед: scone [skɔn] – нони гандумӣ, spread [spred] tablecloth ['teɪblklɔθ] – дастархон партофтан, sugar basin ['ʃugə:beɪs(ə)n] - шакардон, napkin ['næpkɪn] сачоқчаи коғазӣ (салфетка).
Хонандагонро ба се гурӯҳ ҷудо намуда, ба онҳо матнро хонед ва супориш диҳед, ки онро бодиққат гӯш карда, калимаҳои мувофиқро аз машқ интихоб намуда, тести додашударо иҷро кунанд. (Ҷавобҳои тест 1c, 2a, 3c)
Акнун ба ҳар гурӯҳ чунин супориш диҳед: дар коғаз як калимаро ба забони тоҷикӣ ва се калимаро бо забони англисӣ нависед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки маънои дурусти калимаро ёфта, дар дафтар нависанд. Намуна:

| Калимаҳои тоҷикӣ | Калимаҳои англисӣ |
|---|---|
| Гурӯҳи 1 карам | bread, cabbage, potato |
| Гурӯҳи 2 чойник | saucer, vase, tea-pot |
| Гурӯҳи 3 ангур | grapes, pear, peach |

Хонандагон ро ба ҷуфтҳо тақсим кунед, супориш диҳед, ки муколамаҳои кӯтоҳ созанд. Намуна:
A) What vegetables do you know? B) What fruit do you know?
I know radish, onion, potato… I know lemon, plum, grapes…
What about you? What about you?
Супориши вазифаи хонагӣ: аз худ намудани калимаҳои нав. Бо калимаҳои зерин ду ҷумла нависед: 1) like, tea, I, bread, with. 2) favourite, tomato, her, is, vegetable. **Арзёбӣ:** дар зинаҳои 2, 3, 4 арзёбӣ намудани маҳорати хонандагон .

## LESSON 37. ДАРСИ 37.

**Салоҳиятҳо:** 4.3.1. 4.3.2. 4.3.3. 4.5.1. Дар асоси салоҳиятҳо ва барномаи дарси мазкур мақсадҳои таълимро муқаррар намоед. **Барномаи таълим.** Мустаҳкамунии овозҳои ва калимаҳои дарсҳои гузашта. Машқи шунидани матн. Мушоҳидаи тарзи талаффузи овозҳо. Машқи хаттӣ. Машқи интихоби дурусти рангҳо аз рӯйи расм. Интихоби дурусти калимаҳо дар мавзӯи хӯрок, мева ва сабзавот. Аз рӯйи расмҳои китоб нақл кардан.
**Равиши дарс.** Ба хонандагон фармоед, ки калимаҳои ба хӯрду хӯрок, мева ва сабзавот тааллуқдоштаро номбар кунанд. Азбаски ин дарси такрорӣ аст, дарсро аз пурсидани калимаҳои ба хӯрду хӯрок мева ва сабзавот тааллуқдошта оғоз намоед. Хонандагонро ба се гурӯҳ чудо намоед. Ба гурӯҳи якум расм ва калимаҳоеро пешниҳод намоед, ки хӯрду хӯрокро ифода намояд, ба гурӯҳи дуюм расм ва калимаҳоеро диҳед, ки ба мева ва меваҳои буттагӣ мувофиқ бошанд, ба гурӯҳи сеюм расм ва калимаҳоеро пешниҳод намоед, ки ба сабзавотро ифода кунад. Ба гурӯҳҳо супориш диҳед, ки калимаҳоро ҳам ба забони тоҷикӣ ва ҳам ба забони англисӣ талаффуз кунанд. Акнун ба ҳар гурӯҳ чунин супориш диҳед:дар дафтар калимаҳои худашонро бо хати зебо нависанд. Ба хонандагон супориш диҳед, ки калимаҳои додашударо бо ранг мувофиқа намуда ҷумла тартиб диҳанд. Намуна Lemon (The lemon is yellow). Tomato (The tomato is red.) Lion ( The lion is yellow.) Ба хонандагон супориш диҳед, ки калимаҳои дар машқи 3 бударо ба хӯрок, мева ва сабзавот ҷудо намоянд. Акнун хонандагон аз рӯйи расмҳо нақл мекунанд. Намуна: I eat oshi palov for dinner. It is my favourite food. I have tea with my dinner. I eat soup with scone for supper. For supper I like to eat fruit too. Шумо метавонед ба хонандагон расмҳои интихобкардаи худатонро пешкаш кунед. Супориши вазифаи хонагӣ: аз худ намудани калимаҳои нав. Ҷумлаҳои зеринро ба ҷумлаҳои саволӣ гардонед. She likes fruits. (Does she like fruits?) She has got a cat. (Has she got a cat?) The carrot is orange. (What color is the carrot?).
**Арзёбӣ:** дар зинаҳои 2, 3, 4, 5,6 арзёбӣ намудани маҳорати хонандагон .

## UNIT 6. AT SCHOOL

### LESSON 38. ДАРСИ 38. AT SCHOOL – ДАР МАКТАБ

**Салоҳиятҳо:** 4.1.1. 4.3.2. 4.5.2. 4.1.2. Дар асоси салоҳиятҳо ва барномаи дарси мазкур мақсадҳои таълимро муқаррар намоед. **Барномаи таълим.** Мустаҳкамунии овозҳои [aɪ]ва [h]. Машқи овозӣ. Мушоҳидаи тарзи талаффузи овозҳо. Кор бо матн. Машқи саволу ҷавоб. Машқи хаттӣ интихоби дурусти феъли have or has. Нақл кардани аз рӯйи машқи китоб.

**Равиши дарс.** Ба хонандагон фармоед, ки калимаҳои ба мактаб тааллуқдоштаро номбар кунанд. Машқи овозиро гузаронед. Калимаҳои машқи дар китоб бударо хонед ва талаффузи овозҳои [aɪ]ва [h]-ро дар ин калимаҳо фаҳмонед. Ба хонандагон варақча (карточка) – и пешакӣ омода намудаатонро нишон диҳед ва аз онҳо хоҳиш намоед, ки баъд аз хондани шумо онҳоро такрор кунан. Азбаски мавзӯи дарс **At the school** ном дорад, аз хонандагон пурсидани калимаҳои ба мактаб тааллуқдошта аз хотир набарoред. Матнро хонед ва аз хонандагон хоҳиш кунед, ки гӯш карда, маънояшро ба забони тоҷикӣ ба шумо гӯянд. Акнун хонандагонро ба гуруҳҳо тақсим намуда, супориш диҳед, ки ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Пеш аз оғози ин супориш такрор намудани саволҳои маълумотиро аз хотир набарoред. Саволҳо (1.Where are the pupils? 2. Who is at school? 3. Who shows his book? 4. Who says I have a book?) ҷавобҳо (1.They are in the classroom. 2.Tolib is at school. 3. The teacher shows his book. 4. Tolib says “I have a book”. ) Акнун хонандагон ба гурӯҳҳо ҷудо шуда муколамаро (машқи 3) иҷро менамоянд. Ба онҳо маслиҳат диҳед, ки ашёҳои гуногуни дарсиро ба ҷойи нуқтаҳо истифода баранд. Хонандагонро ба гурӯҳҳо тақсим намуда, иҷрои машқи хаттиро супориш диҳед. Кадом гурӯҳ зудтар ва бе хато ин машқро иҷро намояд қадрдонӣ намоед. Супориши вазифаи хонагӣ тартиб додани муколамаҳои кӯтоҳ. Бо калимаҳои зерин навиштани ду ҷумла: 1. book, has, pen, blue. 2. book, English, a, me, please, your, **Арзёбӣ:** дар зинаҳои 2, 3, 4, 5, 6 арзёбӣ намудани маҳорати хонандагон .

### LESSON 39. ДАРСИ 39

**Салоҳиятҳо:** 4.1.1. 4.3.1. 4.4.2. 4.2.1. Дар асоси салоҳиятҳо ва барномаи дарси мазкур мақсадҳои таълимро муқаррар намоед. **Барномаи таълим.** Мустаҳкамунии овозҳои [ʧ]ва [r] ибораҳои in the classroom – дар синф, at the lesson - дар дарс, whose book - китоби кӣ? it’s mine - аз они ман. Машқи хондани муколама. Мушоҳидаи тарзи талаффузи овозҳо. Иҷрои муколама дар гурӯҳҳо. Саволу ҷавобҳои маълумотӣ (Who, whose, what). Машқи хаттӣ.

**Равиши дарс.** Ба хонандагон фармоед, ки овозҳои [aɪ]ва [h] – ро аз рӯйи варақчаҳо талаффуз намоянд. Машқи овозӣ. Расм ва варақчаҳои калимаҳоеро, ки овозҳои [ʧ]ва [r] доранд, ба хонандагон нишон дода талаффуз намоед. Сипас аз хонандагон хоҳиш кунед, ки баъд аз хондани шумо якҷоя ва дар алоҳидагӣ онҳоро талаффуз намоянд. Ибораҳои навро ба хонандагон фаҳмонед: in the classroom – дар синф, at the lesson - дар дарс, whose book - Китоби кӣ? it’s mine - аз они ман. Акнун муколамаи At the lesson – ро бо хонандагон иҷро кунед. Ба хонандагон супориш диҳед, ки муколамаро бо овози бурро хонанд. Сипас хонандагонро ба се гурӯҳ ҷудо карда, супориш диҳед, як нафарро аз гурӯҳ омӯзгор интихоб намуда, муколамаҳои ба ин муколама монанд тайёр намоянд. Баъд аз чанд дақиқа аз ҳар гурӯҳ хоҳиш намоед, ки муколамаҳои тайёр кардаашонро намоиш диҳанд. Акнун ба ҳар гурӯҳ супориш диҳед, ки ба саволҳои машқи 4 хаттӣ ҷавоб гардонанд. Хонандагон дар гурӯҳ кор карда, ба ҳар савол як ҷавоби дурустро дар варақ менависанд. Супориши вазифаи хонагӣ: аз худ намудани ибораҳо. Ҷумлаҳои зеринро нависед: *I am on duty today. I am in the classroom. It is my book. It is mine.* **Арзёбӣ:** дар зинаҳои3, 4, 5 арзёбӣ намудани маҳорати хонандагон .

## UNIT VII. HOUSE – FLAT – ХОНА, ХОНАИ БИСЁРОШЁНА

### LESSON 40. ДАРСИ 40

Салоҳиятҳо: 4.1.1. 4.2.1. 4.3.1. 4.5.2. Дар асоси салоҳиятҳо ва барномаи дарси мазкур мақсадҳои таълимро муқаррар намоед. **Барнома**. Аз худ намудани қисмҳои хона. Муаррифӣ ва мустаҳкамкунии сохтори “You can see …”. Машқи овозӣ. Мушоҳидаи тарзи талаффузи овози [i] ва [au].

**Равиши дарс.** Ба хонандагон фармоед, ки ба саволи “What do you see in the classroom” бо ибораи “I see a …” ҷавоб диҳанд. Масалан: I see a desk,I see a bag etc. Баёни мавзӯи нав, шинос намудани талабагон бо калимаҳои нав: house [haus] - хона, brick [brik] - хишт, roof [ru:f] - бом , chimney pot [tʃimni pɔt] – мӯрии дудбаро, tile [tail] – кафел (черепица) кафелная плитка Нигаред, шунавед ва такрор кунед. Дар тахтаи синф овозҳоро нависед; аввал ба ҳамаи хонандагон фармоед, ки ба он нигаранд ва аз паси омӯзгор талаффуз намоянд. Баъд хонандагон и синф якҷоя калимаҳоро мехонанд. Нигаред, шунавед ва такрор намоед. Дар тахтаи синф сохтори “You can see a door in the house” навишта, аввал ба ҳамаи хонандагон хоҳиш намоед, ки ба он нигаранд ва аз паси омӯзгор талаффуз намоянд. Кори дунафарӣ. Нигаред, нишон диҳед ва гӯед. Хонандагон дар гурӯҳҳои дунафарӣ ба расмҳои саҳ. 64 ишора намуда, онҳоро бо англисӣ мегӯянд. Кори дунафарӣ. Нигаред, нишон диҳед ва гӯед. Ба хонандагон фармоед, ки ба расмҳо нигоҳ онҳоро бо ибораи “You can see a ... in the house” гӯянд.

Супориши вазифаи хонагӣ. *Фурсати муносиби супоридани вазифаи хонагӣ расид. Супоришро ба бачаҳо фаҳмонед ва дарсро идома диҳед.* Ҷойҳои холиро пур намоед. D…r, t…le, r…f; ho…se, …imney.

Калимаҳоро ҷудо карда нависед: housedoorkitchentilewindow.

### LESSON 41. ДАРСИ 41

Салоҳиятҳо: 4.1.1. 4.1.2. 4.2.1. 4.3.1. Дар асоси салоҳиятҳо ва барномаи дарси мазкур мақсадҳои таълимро муқаррар намоед. **Барнома**. Аз худ намудани қисмҳои хона. Муаррифӣ ва мустаҳкамкунии сохтори "The room/house has …" . Машқи овозӣ. Мушоҳидаи тарзи талаффуз ва машқи овозҳои [ɔ:] ва [æ].
**Равиши дарс.** Бозиеро бо бачаҳо гузаронед. Нигаред, шунавед ва такрор намоед. (5 дақ.) Дар тахтаи синф овозҳоро нависед; аввал ба ҳамаи хонандагон фармоед, ки ба он нигаранд ва аз паси омӯзгор талаффуз намоянд. Баъд ҳамон хонандагон якҷоя калимаҳоро мехонанд: balcony [bælkəni] - айвон stairs [stεəz] – нардбон, (зина) , floor [flɔ:] - фарш, room [rum] - ҳуҷра, wall [wɔ:l] - девол, door [dɔ:] - дар, window [windəu] – тиреза. Кори дунафарӣ. Нигаред, нишон диҳед ва гӯед. (5 дақ.) Хонандагон дар гурӯҳҳои дунафарӣ ба расмҳои саҳ. 65 ишора намуда онҳоро бо англисӣ мегӯянд. Кори дунафарӣ. Нигаред, нишон диҳед ва гӯед. (5-7 дақ.) Ба хонандагон фармоед, ки ба расмҳо нигоҳ карда, онҳоро бо ибораҳои "This is a … (balcony). It's … (white)" гуянд. Супориши вазифаи хонагӣ: қисмҳои хонаи худатонро нависед. Онҳоро тасвир намоед.
Нависед. Ҷумлаҳоро пурра намоед. (10 дақ) Ба хонандагон фармоед, ки ҷумлаҳоро пурра намоянд. Онҳо метавонанд дар гурӯҳҳои дунафарӣ ин машқро иҷро намоянд. Агар вақт кифоя накунад, метавонед ин машғулиятро вазифаи хонагӣ диҳед.

### LESSON 42. ДАРСИ 42

Салоҳиятҳо: 4.1.1. 4.1.2. 4.2.1. 4.3.1. Дар асоси салоҳиятҳо ва барномаи дарси мазкур мақсадҳои таълимро муқаррар намоед. **Барнома**. Аз худ намудани қисматҳои хона (боғ, ҳавзи шиноварӣ, айвон). Муаррифӣ ва мустаҳкамкунии сохтори "Let's go to the …". Машқи овозӣ. Мушоҳидаи тарзи талаффуз ва машқи овозҳои [g] ва [p].
**Равиши дарс.** Ба хонандагон фармоед, ки қисмҳои хонаро ба тарзи машқи пай дар пай такрор намоянд. Нигаред, шунавед ва такрор кунед. (5 дақ.) Дар тахтаи синф овозҳоро нависед; аввал ба ҳамаи хонандагон фармоед, ки ба он нигаранд ва аз паси омӯзгор талаффуз намоянд. Баъд аҳли синф якҷоя калимаҳоро мехонанд. Кори дунафарӣ. Нигаред, нишон диҳед ва гӯед. (7-10 дақ.) Аввал омӯзгор ба расмҳо ишора намуда, ҳамаи калимаҳоро мехонад ва хонандагон такрор менамоянд: garage [gə'ra:ʒ] – ҷойи мошингузорӣ, garden [ga:dn] - боғ , to get into [tu get intu] – даромадан ворид шудан, pool [pu:l] – ҳавзи шиноварӣ, to paint [tu peint] – расм кашидан, summer –house [sʌmə-haus] – хонаи тобистона. Баъдан хонандагон дар гурӯҳҳои дунафарӣ ба расмҳои саҳ. 66 ишора намуда, онҳоро мегӯянд. Кори фардӣ. Хонед ва исмҳоро бо расмҳо мувофиқ гузоред. (10 дақ.) Ба хонандагон фармоед, ки матнро хонанд ва ба расмҳо нигоҳ карда исмҳои қисматҳои хонаро бо расмҳо мувофиқ гузоранд. Супориши вазифаи хонагӣ: қисматҳои хонаи худатонро нависед. Калимаҳоро пурра намоед. (Машқи IVсаҳ. 67) Кори дунафарӣ. Нигаред ва пурсед. (10 дақ.) Хонандагон дар гурӯҳҳои дунафарӣ ба расми саҳ. 66 нигариста, саволу ҷавоб мекунанд: X1-What's this?, X2-This is a house (a tree, a car, a pool and so on).

### LESSON 43. ДАРСИ 43

Салоҳиятҳо: 4.1.1. 4.1.2. 4.2.1. 4.3.1. 4.4.1. 4.5.2. Дар асоси салоҳиятҳо ва барномаи дарси мазкур мақсадҳои таълимро муқаррар намоед. **Барнома**. Аз худ намудани қисмат ва ашёи хона (калид, радиатори гармидеҳ, шифти хона, калиди барқ, таҳхона).Машқи овозӣ. Мушоҳидаи тарзи талаффуз ва машқи овозҳои [s] ва [k].
**Равиши дарс.** Ба хонандагон фармоед, ки қисматҳои хонаро ба тарзи машқи пай дар пай такрор кунанд. House [haus] - хона, inside [in'said] – аз дарун, ceiling [si:liŋ]- шифти хона, stove [stouv] - оташдон, switch [switʃ] - барқхомӯшкунак, key [ki:] - калид, radiator [rædieitʌ] - радиатори гармидеҳ. Нигаред, шунавед ва такрор намоед. (5 дақ.) Дар тахтаи синф овозҳоро нависед; аввал ба ҳамаи хонандагон фармоед, ки ба он нигаранд ва аз паси омӯзгор талаффуз намоянд. Баъд аҳли синф якҷоя калимаҳоро мехонанд. Кори дунафарӣ. Нигаред, нишон диҳед ва гӯед. (7-10 дақ.) Аввал омӯзгор ба расмҳо ишора намуда, ҳамаи онҳоро мехонад ва хонандагон такрор менамоянд. Баъдан хонандагон дар гурӯҳҳои дунафарӣ ба расмҳои саҳ. 67 ишора намуда онҳоро мегӯянд. Кори фардӣ. Хонед, муайян кунед ва нависед. (10 дақ.) Ба хонандагон фармоед, ки матнро хонанд ва исмҳои марбут ба қисматҳо ва ашёи хонаро муайян намоянд ва онҳоро дар дафтарҳояшон нависанд. Супориши вазифаи хонагӣ: қисматҳои хонаи рафиқатонро нависед. Калимаҳоро пурра намоед. (Машқи IVсаҳ. 68) Кори дунафарӣ. Нигаред ва пурсед. (10 дақ.) Хонандагон дар гурӯҳҳои дунафарӣ ба расми саҳ. 67 нигариста, саволу ҷавоб мекунанд: X1 – Do you see a key?, X2 – Yes, I do; X1 – Do you see a car?, X2 – No, I don't.

### LESSON 44. ДАРСИ 44

Салоҳиятҳо: 4.1.1. 4.1.2. 4.3.1. 4.4.1. 4.5.2. Дар асоси салоҳиятҳо ва барномаи дарси мазкур мақсадҳои таълимро муқаррар намоед. **Барнома**. Аз худ намудани қисмат ва ашёи хона (kitchen-garden, yard, gate).Машқи овозӣ. Мушоҳидаи тарзи талаффуз ва машқи овозҳо.
**Равиши дарс.** Машқи пай дар пай бо ибораи Do you see a book? Yes, I do; Do you see a car? No, I don't иҷро намоед. Нигаред, шунавед ва такрор намоед. (5 дақ.) Дар тахтаи синф овозҳоро нависед; аввал ба ҳамаи хонандагон фармоед, ки ба он нигаранд ва аз паси омӯзгор талаффуз намоянд. Баъд аҳли синф якҷоя калимаҳоро мехонанд: to knock [tu nɔk] – дарро кӯфтан, step [step] – қадам задан, kitchen[kitʃin]- ошхона, garden [ga:dn] - боғ, yard [ja:d] - боғ, ҳавлӣ, gate [geit] - дарвоза, broken [broukn] - шикаста, closed [kloused] - пӯшидан, empty [empty] – холӣ. Кори дунафарӣ. Нигаред, нишон диҳед ва гӯед. (7-10 дақ.). Аввал омӯзгор ба расмҳо ишора намуда ҳамаи онҳоро мехонад ва хонандагон такрор мекунанд. Баъдан хонандагон дар

гурӯҳҳои дунафарӣ ба расмҳои саҳ. 68 ишора намуда онҳоро мегӯянд: This is a …. Кори фардӣ. Хонед, муайян кунед ва нависед. (10 дақ.). Ба хонандагон фармоед, ки матнро ( Машқи II саҳ. 69) хонанд, исмҳои марбут ба қисматҳо ва ашёи хонаро муайян намуда, онҳоро дар дафтарҳояшон нависанд. Супориши вазифаи хонагӣ*:* нависед. (Машқи V саҳ. 69). Кори дунафарӣ. Нигаред ва нависед. (Машқи IV саҳ. 69) (7 дақ.)

## LESSON 45. ДАРСИ 45

Салоҳиятҳо: 4.1.1. 4.1.2. 4.3.1. 4.4.1. 4.5.2. Дар асоси салоҳиятҳо ва барномаи дарси мазкур мақсадҳои таълимро муқаррар намоед. **Барнома**. Аз худ намудани қисмат ва ашёи хона.Машқи овозӣ. Машқи овозҳои дарсҳои гузашта.

**Равиши дарс.** Бозиеро бо бачаҳо гузаронед. Нигаред, шунавед ва такрор намоед. (5 дақ.) Дар тахтаи синф овозҳои ва калимаҳои мувофиқи дарсҳои пешинаеро, ки азхуд намудани онҳо ба бачаҳо душвор буд, нависед; аввал ба ҳамаи хонандагон фармоед, ки ба он нигаранд ва аз паси омӯзгор таллаффуз намоянд. Баъд аҳли синф якҷоя калимаҳоро мехонанд. Кори дунафарӣ. Нигаред, нишон диҳед ва гӯед. (7-10 дақ.). Аввал омӯзгор дар тахтаи синф якчанд саволро менависад:

What is it? 2) What color is it? 3) What color is the door? 4) What color is the roof? 5) What color are the windows? Баъдан хонандагон дар гурӯҳҳои дунафарӣ ба расмҳои саҳ. 70 ишора намуда саволу ҷавоб мекунанд. Кори фардӣ. Ҷумлаҳоро пурра кунед. (10 дақ.) Ба хонандагон фармоед, ки ҷумлаҳоро бо калимаҳои мувофиқ пурра намоянд. Бо хонандагон ягон шеърро такрор карда, якҷоя хонед. Супориши вазифаи хонагӣ*: (5 дақ.)* Омӯзгор пеш аз оғози дарс кросворде дар мавзӯи хона тартиб дода онро барои вазифаи хонагӣ ба бачаҳо месупорад. Тарзи пур намудани кроссвордро ба бачаҳо фаҳмонед.

## LESSON 46. ДАРСИ 46

Салоҳиятҳо: 4.1.1. 4.1.2. 4.2.1. Дар асоси салоҳиятҳо ва барномаи дарси мазкур мақсадҳои таълимро муқаррар намоед. **Барнома**. Аз худ намудани қисмат ва ашёи хона.Машқи овозӣ. Машқи овозҳои дарсҳои гузашта.

**Равиши дарс.** Бозиеро бо бачаҳо гузаронед. Нигаред, шунавед ва такрор намоед. (5 дақ.) Дар тахтаи синф овозҳои (ва калимаҳои мувофиқ) дар дарсҳои пешина гузаштаро, ки азхуд намудани онҳо ба бачаҳо душвор буд, бо калимаҳои мувофиқ нависед. Аввал ҳамаи хонандагонро фармоед, ки ба он нигаранд ва аз паси омӯзгор таллаффуз намоянд. Баъд ҳама якҷоя калимаҳоро мехонанд. Кори синфӣ. Нигаред ва қироат намоед. (7-10 дақ.) Омӯзгор бо бачаҳо шеъри My little house-ро қироат менамояд. Кори дунафарӣ. Нигаред ва саволу ҷавоб намоед. (10 дақ.) Ба хонандагон фармоед, ки ба расм нигариста, саволу ҷавоб кунанд. Омӯзгор барои осон намудани кори бачаҳо дар таҳияи саволҳо кумак мекунад: What is it? What do you see? What color is the sky? What color is the roof? And so on. Супориши вазифаи хонагӣ: аз ёд намудани чор мисраи шеъри My little house. Бозӣ. Кӣ бисёртар менависад? Синфро ба ду гурӯҳ тақсим намоед. Тахтаи синфро ҳам ба ду қисм тақсим кунед. Аз ҳар гурӯҳ яктогӣ хонанда баромада, калима менависад. Кадом гурӯҳе, ки бисёртар калима навишт ғолиб мебарояд. Гурӯҳи пешсафро қадрдонӣ намоед.

## LESSON 47. ДАРСИ 47. OUR SITTING-ROOM

Салоҳиятҳо: 4.1.1. 4.1.2. 4.2.1. 4.5.2. Дар асоси салоҳиятҳо ва барномаи дарси мазкур мақсадҳои таълимро муқаррар намоед. Барнома. Аз худ намудани ашёи хонаи нишаст. Машқи овозӣ. Мушоҳидаи тарзи талаффуз ва машқи овозҳои [tʃ] ва [k].

**Равиши дарс.** Бозиеро бо бачаҳо гузаронед. Нигаред, шунавед ва такрор намоед. (5 дақ.) Дар тахтаи синф овозҳоро (ва калимаҳои мувофиқ) нависед; аввал ба ҳамаи хонандагон фармоед, ки ба он нигаранд ва аз паси омӯзгор талаффуз намоянд. Баъд ҳама якҷоя калимаҳоро мехонанд: armchair [a:mtʃɛə] -роҳаткурсӣ, wardrobe [wɔ:drəub] – ҷойи либоспӯшӣ, bookcase [bukeiz] – ҷевони китоб, clock [klɔk] – соати деворӣ, mirror [mirə] - оина, living room [liviŋ rum] - меҳмонхона. Кори дунафарӣ. Нигаред, нишон диҳед ва гӯед. (7-10 дақ.) Аввал омӯзгор ба расмҳо ишора намуда, ҳамаи калимаҳоро мехонад ва хонандагон такрор мекунанд. Баъдан хонандагон дар гурӯҳҳои дунафарӣ ба расмҳои саҳ. 72 ишора намуда, онҳоро мегӯянд. Кори фардӣ. Хонед ва исмҳоро бо расмҳо мувофиқ гузоред. (10 дақ.) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки матнро хонанд ва ба расмҳо нигоҳ карда ашёи хонаи нишасти бо расмҳо мувофиқро нависанд. Супориши вазифаи хонагӣ: шеърро аз ёд намоед (Машқи 5 саҳ. 73). Кори дунафарӣ. Нигаред ва пурсед. (10 дақ.) Хонандагон дар гурӯҳҳои дунафарӣ ба расми саҳ. 72 нигариста саволу ҷавоб мекунанд.

## LESSON 48. ДАРСИ 48. OUR SITTING-ROOM

Салоҳиятҳо: 4.2.1. 4.3.1. 4.4.1. 4.5.2. Дар асоси салоҳиятҳо ва барномаи дарси мазкур мақсадҳои таълимро муқаррар намоед. **Барнома**. Аз худ намудани ашёи хонаи нишаст.Машқи овозӣ. Мушоҳидаи тарзи талаффуз ва машқи овозҳои [k] ва [l].

**Равиши дарс.** Бозиеро бо бачаҳо гузаронед. Нигаред, шунавед ва такрор намоед. (5 дақ.) Дар тахтаи синф овозҳоро (ва калимаҳои мувофиқ)-ро нависед; аввал ба ҳамаи хонандагон фармоед, ки ба он нигаранд ва аз паси омӯзгор талаффуз намоянд. Баъд ҳама якҷоя калимаҳоро мехонанд. Кори дунафарӣ. Нигаред, нишон диҳед ва гӯед. (7-10 дақ.) Аввал омӯзгор ба расмҳо ишора намуда, ҳамаи калимаҳоро мехонад ва хонандагон такрор мекунанд. Баъдан хонандагон дар гурӯҳҳои дунафарӣ ба расмҳои саҳ. 73 ишора намуда, онҳоро мегӯянд. Кори фардӣ. Хонед ва исмҳоро бо расмҳо мувофиқ гузоред. (10 дақ.) Ба хонандагон фармоед, ки матнро хонанд ва ба расмҳо нигоҳ карда, ашёи хонаи нишасти бо расмҳо

мувофиқро нависанд. Супориши вазифаи хонагӣ: хонаи нишасти худатонро тасвир намоед. (аз калимаҳои Машқи IV саҳ. 74 истифода баред). Бозӣ. Қадам ба қадам. (10 дақ.)

### LESSON 49. ДАРСИ 49. OUR SITTING-ROOM

Салоҳиятҳо: 4.1.1. 4.1.2. 4.2.1. 4.3.1. 4.4.1. 4.5.2. Дар асоси салоҳиятҳо ва барномаи дарси мазкур мақсадҳои таълимро муқаррар намоед. **Барнома**. Аз худ намудани ашёи хонаи нишаст. Машқи овозӣ. Мушоҳидаи тарзи талаффуз ва машқи овозҳои [tʃ] ва [t].

**Равиши дарс.** Бозиеро бо бачаҳо гузаронед. Нигаред, шунавед ва такрор намоед. (5 дақ.) Дар тахтаи синф овозҳо ва калимаҳои мувофиқро нависед; аввал ба ҳамаи хонандагон фармоед, ки ба он нигаранд ва аз паси омӯзгор талаффуз намоянд. Баъд аҳли синф якҷоя калимаҳоро мехонанд. Кори дунафарӣ. Нигаред, нишон диҳед ва гӯед. (7-10 дақ.). Аввал омӯзгор ба расмҳо ишора намуда, ҳамаи калимаҳоро мехонад ва хонандагон такрор мекунанд. Баъдан хонандагон дар гурӯҳҳои дунафарӣ ба расмҳои саҳ. 74 ишора карда, онҳоро мегуянд. Кори гурӯҳӣ. Ҷумлаҳоро бо калимаҳои мувофиқ пурра намоед. (10 дақ.) Омӯзгор дар иҷрои машқ ба бачаҳо кумак мекунад. Супориши вазифаи хонагӣ: бо калимаҳои ин дарс 3 ҷумла тартиб диҳед.

### LESSON 50. ДАРСИ 50. LET'S LEARN GRAMMAR

**Салоҳиятҳо**: 4.1.1. 4.1.2. 4.2.1. 4.3.1. 4.4.1. Дар асоси салоҳиятҳо ва барномаи дарси мазкур мақсадҳои таълимро муқаррар намоед. **Барнома**. Муаррифӣ ва мустаҳкамкунии сохтори "I've got a ... " . Машқи овозӣ. Мушоҳидаи тарзи талаффуз ва машқи овозҳо.

**Равиши дарс.** Нигаред, шунавед ва такрор кунед. (5 дақ.) Дар тахтаи синф шакли танҳо ва ҷамъи ҷонишинҳоро бо феъли To have нависед (чун дар китоб). Супориш диҳед, то ки хонандагон онро бо навбат хонанд. Баъд ҳама якҷоя ин сохтро мехонанд. Супориш диҳед, ки машқи 1 (саҳ. 75) – ро мустақилона иҷро кунанд. Ба хонандагон каме дар бораи феълҳои нодуруст маълумот дода, намунаро аз китоб ду маротиба хонед. Дар маротибаи дуюм бигзор онҳо аз қафои шумо такрор кунанд: be – was, were – been… Намунаи ҷумлаҳоро якҷоя хонда тарҷума кунед. Супориш диҳед, ки хонандагон машқи 4 – ро иҷро намуда, дар ҷойи нуқтаҳо феъли To have – has - ро нависанд. Бозиеро бо хонандагон якҷоя гузаронед. Супориши вазифаи хонагӣ: бо феъли - have got се - чор ҷумла навиштан. Аз ёд кардани феълҳои нодурусте, ки дар китоб оварда шудаанд.

### LESSON 51. ДАРСИ 51. "MY MUMMY"'

**Салоҳиятҳо:** 4.1.1. 4.1.2. 4.2.1. 4.3.1. Дар асоси салоҳиятҳо ва барномаи дарси мазкур мақсадҳои таълимро муқаррар намоед. **Барнома.** Аз худ намудани шеър. Муаррифӣ ва мустаҳкамкунии сохтори "Have not got , has not got a ... " Машқи овозӣ. Мушоҳидаи тарзи талаффуз ва машқи овозҳо.

**Равиши дарс.** Нигаред, шунавед ва такрор намоед. (5 дақ.) Дар тахтаи синф расми модар овезон карда шудааст. Омӯзгор каме дар бораи васфи модар сухан карда, инчунин метавонад, ягон шеърро бо забони тоҷикӣ ба хонандагон хонад. Ё ин ки аз онҳо мепурсад, ки кӣ дар васфи модар шеър мехонад. Хонандагон метавонанд бо забонҳои русӣ ва тоҷикӣ шеър хонанд. Сипас омӯзгор ба онҳо шеъри дар китоб додашударо мехонад. Бори дуввум хонандагон шеърро аз қафои омӯзгор такрор мекунанд. Матнро низ хонда, ҳамроҳи хонандагон тарҷума кунед. Ба хонандагон дар бораи феълҳои нодуруст хотиррасон намуда, намунаро аз китоб ду маротиба хонед, дар маротибаи дуюм бигзор онҳо аз қафои шумо такрор кунанд: break – broke – broken… Машқи 2 (саҳ. 78) –ро дар якҷоягӣ иҷро кунед. Кори гурӯҳӣ. Гӯш диҳед ва гӯед. (15 дақ.) (Машқи 3) Супориши вазифаи хонагӣ: 1. Бо истифода аз луғат ёфтан ва навиштани шаклҳои нодурусти феълҳои: drink - - -, choose - - - find - - -… 2. Шеър дар васфи модар аз ёд.

### LESSON 52. ДАРСИ 52 LETS LEARN GRAMMAR

**Салоҳиятҳо**: 4.1.1. 4.2.1. 4.3.1. Дар асоси салоҳиятҳо ва барномаи дарси мазкур мақсадҳои таълимро муқаррар намоед. **Барнома**. Аз худ намудани феълҳои нодуруст. Машқи овозӣ. Мушоҳидаи тарзи талаффуз ва машқи талаффузи феълҳои нодуруст.

**Равиши дарс.** Нигаред, шунавед ва такрор намоед. (5 дақ.) Ҷумлаҳои саволиро хонандагон як ба як мехонанд. Омӯзгор боз ду –се ҷумлаи иловагӣ мисол меорад, хонандагон ба он савол мегузоранд. Машқи 2 – ро омӯзгор бо хонандагон мехонад ва якҷоя тарҷума мекунанд.

Намунаи феълҳои нодуруст (машқи 3) аз тарафи хонандагон ба таври пай дар пай (занҷирвор) хонда мешавад. Омӯзгор супориш медиҳад, то ки хонандагон ба расми китоб нигоҳ карда, бо истифодаи феълҳои нодуруст ҷумла созанд. Омӯзгор метавонад, бо хонандагон ягон бозӣ ташкил кунад, ё ин ки шеърҳоро такрор намоянд. Супориши вазифаи хонагӣ: бо феълҳои нодуруст чор ҷумла навиштан.

### LESSON 53. ДАРСИ 53. NAVROUZ

**Салоҳиятҳо**: 4.2.1. 4.3.1. 4.4.1. 4.5.2. Дар асоси салоҳиятҳо ва барномаи дарси мазкур мақсадҳои таълимро муқаррар намоед. **Барнома**. Аз худ намудан ва мустаҳкамкунии калимаҳои нав. Дарки матн, машқи овозӣ. Мушоҳидаи тарзи талаффуз ва машқи овозҳо.

**Равиши дарс.** Нигаред, шунавед ва такрор намоед. (5-7дақ.) Дар тахтаи синф шакли аввали феълҳои нодурустро нависед, супориш диҳед, ки хонандагон давоми онҳоро (ду тарзи дигарро) нависанд. Ҳама якҷоя аз паси омӯзгор талаффуз менамоянд. Дар бораи ҷашни Наврӯз каме ба хонандагон нақл кунед. Аз онҳо пурсед, ки оид ба ин ҷашн кӣ шеър медонад? Матни дар саҳ. 81 бударо супориш диҳед, то ки хонандагон якҷумлагӣ хонда, бо кӯмаки шумо тарҷума кунанд, инчунин калимаҳои нофаҳморо дар дафтари луғат бо овонавишт ва тарҷумаашон навишта гиранд. *Феълҳои нодурустро хонандагон бонавбат*

*мехонанд. Машқи 3 – ро дунафарӣ ба назди тахтаи синф баромада, бо якдигар муколама менамоянд.* Супориши вазифаи хонагӣ: ба хонандагон фармоед, ки дар хона 3 ҷумла бо феълҳои нодуруст нависанд.

## LESSON 54. ДАРСИ 54. ON DUTY

**Салоҳиятҳо**: 4.1.1. 4.1.2. 4.2.1. 4.3.1. Дар асоси салоҳиятҳо ва барномаи дарси мазкур мақсадҳои таълимро муқаррар намоед. **Барнома**. Амалҳое, ки хонандагон дар синф иҷро менамоянд. Мустаҳкамкунии сохтори "have +past participle". Машқи овозӣ. Мушоҳидаи тарзи талаффуз ва машқи овозҳои [z]ва [s].

**Равиши дарс.** Нигаред, шунавед ва такрор намоед. (5-7дақ.) Дар тахтаи синф овозҳоро нависед. Аввал ба ҳамаи хонандагон фармоед, ки ба он нигаранд ва аз паси омӯзгор талаффуз намоянд. Баъд ҳама якҷоя калимаҳоро мехонанд: Komro<u>n's</u>, Nigor<u>a's</u>, Kari<u>m's</u>, Baro<u>t's</u>, Mali<u>k's</u> Ба хонандагон супориш диҳед, ки ба расми китоб нигоҳ карда, ҷумла тартиб диҳанд: This girl is on dduty today. She has come to school early. She has cleaned the blackboard. Акнун хонандагонро ба ҷуфтҳо ҷудо намуда, супориш диҳед, ки саволу ҷавоб кунанд. Намуна: has she cleaned the window? Has she watered flowers? Has she come early? Кор бо матн. Матнро аввал ба хонандагон хонед. Ба онҳо фармоед, ки ҷумлаҳоро хонда, тарҷума кунанд. Ба саволҳои дар мащқи 3 додашуда ҷавоб диҳанд. Кор бо машқи 4. Хонандагон се шакли феълҳои додашударо хонда аз худ менамоянд. Истифодаи карточкаҳо бо акси феълҳо бамаврид мебошад. Бозии калимаҳо: Кӣ зуд меёбад? Шумо калимаро ба забони тоҷикӣ гӯед ва хонандагон онро ба забони англиси талаффуз менамоянд. Супориши вазифаи хонагӣ: ба хонандагон фармоед, ки ба ҷумлаҳои додашудаи машқи 5 саволҳо тартиб диҳанд.

## LESSON 55. ДАРСИ 55. LANGUAGE PRACTICE (

**Салоҳиятҳо**: 4.1.1. 4.1.2. 4.2.1. Дар асоси салоҳиятҳо ва барномаи дарси мазкур мақсадҳои таълимро муқаррар намоед. **Барнома**. Амалҳое, ки хонандагон дар синф иҷро менамоянд. Мустаҳкамкунии сохтори "have +past participle". Машқи овозӣ. Мушоҳидаи тарзи талаффуз ва машқи овозҳои [d].

**Равиши дарс.** Нигаред, шунавед ва такрор кунед. (5-7 дақ.)

Дар тахтаи синф овозҳоро нависед. Аввал ба ҳамаи хонандагон фармоед, ки ба он нигаранд ва аз паси омӯзгор талаффуз намоянд. Баъд хонандагон якҷоя калимаҳоро мехонанд.

Нигаред ва ҷумла нависед. (10 дақ.)

| | | |
|---|---|---|
| I<br>You<br>He<br>She<br>It<br>We<br>They | have<br>has | got<br>opened<br>cleaned<br>closed<br>watered<br>brought |

Кори мустақилона. Ҷавоби дурустро интихоб намоед. (10 дақ.) саҳ. 85. Супориши вазифаи хонагӣ. Омӯзгор вобаста ба мавзӯи гузашта ба хонандагон вазифаи хонагӣ месупорад.

## LESSON 56. ДАРСИ 56. YOU MUST COME TO SCHOOL EARLY

**Салоҳиятҳо**: 4.1.1. 4.1.2. 4.5.2. Дар асоси салоҳиятҳо ва барномаи дарси мазкур мақсадҳои таълимро муқаррар намоед. **Барнома**. Амалҳое, ки хонандагон дар синф иҷро мекунанд. Мустаҳкамкунии сохтори "have +past participle". Машқи овозӣ. Мушоҳидаи тарзи талаффуз ва машқи овозҳои [d] ва [ju].

**Равиши дарс.** Нигаред, шунавед ва такрор намоед. (5 дақ.). Дар тахтаи синф овозҳоро нависед. Аввал ба ҳамаи хонандагон фармоед, ки ба он нигаранд ва аз паси омӯзгор талаффуз намоянд. Баъд хонандагон якҷоя калимаҳоро мехонанд. Нигаред ва гӯед. (10 дақ.). Омӯзгор пеш аз оғози дарс якчанд расмро омода намуда, дар тахтаи синф меовезад. Омӯзгор ба расмҳо ишора карда мегӯяд: You must do your homework. You must help your parents. You must clean your teeth. You must do morning exercise. Баъд аз ин аз бачаҳо маънои ҷумлаҳоро пурсед. Ба онҳо кӯмак намоед. Ба хонандагон супориш диҳед, ки бо феъли модалии <u>must</u> ҷумлаҳо тартиб диҳанд. Шакли инкории истифодаи <u>must</u>-ро ба хонандагон бо мисолҳо фаҳмонед. Супориши вазифаи хонагӣ.

## LESSON 57. ДАРСИ 57. PROJECT OUR HOUSE

**Салоҳиятҳо**: 4.1.1. 4.1.2. 4.2.1. 4.3.1. Дар асоси салоҳиятҳо ва барномаи дарси мазкур мақсадҳои таълимро муқаррар намоед. **Барнома**. Мустаҳкамкунии сохтори "have +past participle".

Ин дарс аслан дарси эҷодӣ аст. Хонандагон маводи азхудкардаро истифода бурда эҷод менамоянд. Онҳо дар бораи хонаи худ ва ашёи он маълумотнома тайёр намуда, суҳбат мекунанд.

**Равиши дарс.** Ба хонандагон фармоед, ки қисматҳо ва ашёи хонаро ба таври пай дар пай гӯянд. Масалан: X1: yard, X2: pool. Пурсиши вазифаи хонагӣ. Кор дар гурӯҳҳои 3/4 -нафарӣ. Дар бораи хонае маълумотнома омода кунед. (10-15 дақиқа). Хонандагон ба гурӯҳҳо тақсим шуда, дар бораи хонае маълумотнома таёр мекунанд:

OUR HOUSE

| | |
|---|---|
| Size | |
| Color | |
| Number of rooms | |
| Trees | |
| Pool | |
| Sofa | |
| Kitchen-garden | |
| Carpet | |

| | |
|---|---|
| Book shelf | |

Маълумотномаро пешкаш намоед. (10 дақ.). Гурӯҳҳо маълумотномаи худро пешкаш менамоянд.
Қадркунии гурӯҳҳо. (5 дақ.). Омӯзгор кори гурӯҳҳоро қадр намуда, ба онҳо ҷоизаҳои пешакӣ омодакардашударо медиҳад.

## UNIT 8. SPORTS AND ENTERTIMENT

### LESSON 58. ДАРСИ 58. SPORTS I GO IN FOR FOOTBALL

**Салоҳиятҳо:** 4.1.1. 4.2.1. 4.3.3. 4.4.1. 4.5.2. Дар асоси салоҳиятҳо ва барномаи дарси мазкур мақсадҳои таълимро муқаррар намоед. **Барнома.** Шиносоӣ бо луғати нав. Аз худ намудани қоидаҳои асосии хониш, тарзи талаффузи рамзҳо ва риояи он дар нутқ. Мустаҳкамкунии тарзи истифодаи ҷуфт ё алоқамандии овозҳо ва ҳарфҳои серистеъмоли забони англисӣ дар нутқ. Эҷодкорона истифодабурдани 'I go in for …' ва ифодаҳои шинос дар вақти муошират доир ба шуғли дӯстдошта.

**Равиши дарс.** Овозҳоро бо калимаҳо мувофиқат кунед. Машқи овозҳо дар калимаҳо: f**or**, sp**or**ts, w**ar**m, wh**a**t, w**a**nt-ро бо тарзи мусобиқа ташкил намоед. Гурӯҳи ғолибро муайян кунед. Баъдан машқи онро бо тарзи маъмул гузаронед. Нигаред, гӯш кунед ва такрор намоед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба расмҳо нигаранд. Ҳар як калимаро (football, basketball, volley-ball, swimming, riding, to go in for) нишон дода, онро талаффуз намоед. Шумо метавонед аз хонандагон пурсед: What did I say? – Ман чӣ гуфтам?" "What is it in Tajik/Russian?"- «Ин ба забони тоҷикӣ чӣ мешавад?»Ҳар як калимаро хонда, ба хонандагон фармоед, ки аз паси шумо онро якҷоя, ҳар қатор дар алоҳидагӣ, дунафарӣ ва ҷудогона такрор намоянд. Нигаред, гӯш кунед ва такрор намоед. Хонандагонро бо маънои ифодаи нав: 'I go in for …' шинос намоед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки аз расмҳо ва луғат истифода бурда ба саволи шумо: Do you go in for? ҷавоб диҳанд. Машқи пай дар пай. Ин машқи муқаррарист. Ба хонандагон гӯед, ки аз расмҳо истифода бурда луғати нав ва ифодаро машқ кунанд. Кори инфиродӣ. Хонед ва ёбед. Шумо ба хонандагон фармоед, ки матнро хонда, калимаҳои навро ёбанд. Кори гурӯҳӣ. Хонед ва ҷойҳои холиро пур кунед. Many people … .. … .. … sports**.** Кори гурӯҳӣ. Пурсед ва ҷавоб диҳед

Шумо ба хонандагон фармоед, ки дар бораи шуғли дӯстдоштаи Dilnoza, Komron, Behruz ва Zafar суҳбат кунанд. Супориши вазифаи хонагӣ. 1. Расми тӯпро кашида, дар дохили он калимаҳои навро нависед. 2. Калимаҳои парокандаро ҷобаҷо гузошта, ҷумла нависед go, you, for, in, do, basketball? 3. Дар бораи шуғли дӯстдоштаи рафиқатон нақл кунед. 5. Бозӣ: ишора кунед ва гӯед. We (you, she, he) go in for … Тарзи бозиро фаҳмонед. Шумо ишора кунед хонандагон гӯянд.

### LESSON 59. ДАРСИ 59. GAMES. SPORTS MAKES PEOPLE STRONG AND HEALTHY

**Салоҳиятҳо:** 4.1.1. 4.2.1. 4.3.3. 4.4.1. 4.5.2. Дар асоси салоҳиятҳо ва барномаи дарси мазкур мақсадҳои таълимро муқаррар намоед. **Барнома.** Шиносоӣ бо луғати нав. Аз худ намудани қоидаҳи асосии хониш ва тарзи талаффузи рамзҳо ва риояи он дар нутқ. Мустаҳкамкунии тарзи истифодаи ҷуфт ё алоқамандии овозҳо ва ҳарфҳои серистеъмоли забони англисӣ дар нутқ. Эҷодкорона истифодабурдани 'Sports makes people strong and healthy' ва ифодаҳои шинос дар вақти муошират доир ба намуди шуғли дӯстдоштаи варзиш.

**Равиши дарс.** Калимаҳоро ба гурӯҳҳои бозиҳои дохили хона ва бозиҳои берун аз хона (indoor games, outdoor games} ҷудо намоед (машқи 2). 1. Расмҳоро бо калимаҳои нав мувофиқат намоед. Сипас хонандагон ба онҳо нигариста, ба талаффузи шумо гӯш кунанд ва такрор намоянд.

Нигаред, гӯш кунед ва такрор намоед. Хонандагонро бо маънои ифодаи нави: 'Sports makes people strong and healthy' шинос намоед. 2a. Машқи пай дар пай. Хонандагон луғатро истифода бурда ифодаи: 'Sports makes people strong and healthy'-ро дар шакли пай дар пай машқ мекунанд. 2b. Кори ҷуфтӣ. A: What sports do you go in for? B: I go in for gymnastics. It makes me strong and healthy. What about you? 2b. Кори дунафара. Хонед ва ҷойҳои холиро пур кунед. Sports … ... strong and healthy. Шумо метавонед ин матнро истифода баред: We are fans of sports. All my friends go in for many kinds of sports. They go in for indoor games and outdoor games. I go in for gymnastics. Sports makes people strong and healthy. We like sports very much. 2. Кори гурӯҳӣ. Ба савол ҷавоб диҳед. Do you like sports? Why? Супориши вазифаи хонагӣ. Калимаҳои навро нависед. Калимаҳои парокандаро ҷобаҷо гузошта ҷумла нависед. healthy, people, makes, sports, strong, and. Дар бораи шуғли дӯстдоштаи рафиқатон нақл кунед. Расми бананҳоро кашед. Дар ҳар яки онҳо номҳои бозиҳои варзиширо нависед.

### LESSON 60. ДАРСИ 60. IN THE KITCHEN.WE PREPARE FOOD IN THE KITCHEN

**Салоҳиятҳо:** 4.1.1. 4.3.1. 4.4.1. 4.5.2. Дар асоси салоҳиятҳо ва барномаи дарси мазкур мақсадҳои таълимро муқаррар намоед. **Барнома.** Шиносоӣ бо луғати нав. Аз худ намудани қоидаҳои асосии хониш, тарзи талаффузи рамзҳо ва риояи он дар нутқ. Мустаҳкамкунии тарзи истифодаи ҷуфт ё алоқамандии овозҳо ва ҳарфҳои серистеъмоли забони англисӣ дар нутқ. Истифодаи дурусти 'We prepare food in the kitchen' ва ифодаҳои шинос дар вақти муошират доир ба зарфҳо.

**Равиши дарс.** Калимаҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо намоед. Исмҳо (kitchen, bowl, kettle, pie, cake, tea, house, pot, bread, potatoes) ва намудҳои кор (cook, boil, cut, fry, pour, bake)**.** 1. Овозҳоро бо калимаҳо мувофиқат кунед. Машқи овозҳо дар калимаҳо: [k] talk, kitchen, kettle [k] carefully. Машқро бо тарзи мусобиқа ташкил намоед. Гурӯҳи ғолибро муайян кунед. Баъдан машқи овозҳоро бо тарзи маъмул гузаронед. Сипас шеърро низ ба хонандагон бо тарзи маъмул пешниҳод кунед. 2. Шеърро хонед ва гӯед

| | | | |
|---|---|---|---|
| Mummy | bakes | pies | in the kitchen |
| | | fruity cakes | |

They prepare food in the … 1. Кори инфиродӣ. Расмҳоро бо калимаҳои нав мувофиқ намоед. Сипас хонандагон ба расмҳо нигаранд, ба талаффузи шумо гӯш кунанд ва такрор намоянд. 2a.Нигаред, гӯш кунед ва такрор намоед. Хонандагон ро бо маънои ифодаи нав: 'We prepare food in the kitchen'шинос намоед. 2б. Машқи пай дар пай. Хонандагон луғатро ва ифодаи: 'We prepare food in the kitchen'-ро истифода бурда, дар шакли занҷир (пай дар пай) машқ кунанд.

Бозӣ. Нигаред ва ёбед. Хонанда калимаҳои: boil, cut, fry, pour-ро бо ҳаракатҳои худ мефаҳмонад, дигарон онро меёбанд. Машқро хонандагон бонавбат иҷро мекунанд. 3. Гӯш карда нависед. Шумо ин машқро бо истифодаи намуди диктанти 'Cold bad' ташкил кунед. Хонандагон онҳоро нависанд. People bake … in the kitchen. People boil … in the kitchen. People prepare … in the kitchen. 4. Хонандагон дар ду гурӯҳ исмҳо (kitchen, bowl, kettle, pie, cake, tea, house, pot, bread, potatoes) ва намудҳои кор (cook, boil, cut, fry, pour, bake)-ро алоҳида нависанд. 5. Супориши вазифаи хонагӣ . 1. Калимаҳои парокандаро ҷо ба ҷо гузошта ҷумла нависанд. Kitchen, fruity, mummy, cakes,bakes, in, the. 2. Шеърро дар хона аз ёд кунанд. 3. Чистонро ёфта, расми онро дар хона кашед. We prepare, cook and eat there. It is the nicest place to have food. ……

## LESSON 61. ДАРСИ 61. WHERE IS THE REFRIGERATOR? IT'S IN THE KITCHEN

**Салоҳиятҳо:** 4.1.1. 4.2.1. 4.3.1. 4.3.2. 4.3.3. 4.4.1. 4.5.2. Дар асоси салоҳиятҳо ва барномаи дарси мазкур мақсадҳои таълимро муқаррар намоед. **Барнома.** Шиносоӣ бо луғати нав. Аз худ намудани қоидаҳои асосии хониш ва тарзи талаффузи овонавишт ва риояи он дар нутқ. Мустаҳкамкунии тарзи истифодаи ҷуфт ва ё алоқамандии овозҳо ва ҳарфҳои серистеъмоли забони англисӣ дар нутқ. Истифодаи 'Where is the refrigerator? ва ифодаи шинос 'It's ... This is … These are …' ва ҷонишини нафсӣ дар пешниҳоди маълумотнома доир ба сифату ҷойгиршавии ашёҳои ошхона.
**Равиши дарс.** Овозҳоро бо калимаҳо мувофиқ кунед. Машқи овозҳо дар калимаҳо. Машқро бо тарзи мусобиқа ташкил кунед. Калимаҳоро ба ду гурӯҳи овозҳои [r]ва [p] ҷудо намоед (машқи 2). Баъдан шумо онро бо тарзи маъмул гузаронед. 1. Нигаред, гӯш диҳед ва такрор кунед. Хонандагон кӯшиш кунанд, ки калимаҳоро (refrigerator, fridge, frying-pan, saucepan, tray) хонанд ва расмҳоро истифода бурда мазмуни онро гӯянд. Сипас онҳо ба хониши шумо гӯш кунанд ва аз паси шумо такрор намоянд. 2a.Нигаред, гӯш кунед ва такрор намоед. Хонандагонро бо маънои ифодаи нав: "Where is the refrigerator?' шинос кунед. 2b. Машқи пай дар пай. Хонандагон луғатро ва ифодаи: "'Where is the refrigerator?' It is …'-ро истифода бурда, дар шакли пай дар пай машқ кунанд. 3a. Нигаред, гӯш кунед ва такрор намоед. Хонандагонро бо маънои ифодаи нав: 'I can see a pot in the kitchen' шинос кунед. Сипас машқи ёд гирифтани луғат ва ифодаи: 'I can see a pot in the kitchen'- ро дар шакли пай дар пай (занҷир) машқ кунанд (машқи 2).
3b.Гӯш карда ёбед. Хонанда як ашёро фикр мекунад ва дигарон бо тариқи саволдиҳӣ онро меёбанд. Машқро хонандагон бо навбат иҷро мекунанд (машқи 3). 4a. Нигаред, гӯед, нависед. Шумо аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба расмҳо нигоҳ карда номи зарфро гӯянд. Ифодаи 'This is…' These are …' ва нависанд (машқи 4). Супориши вазифаи хонагӣ. 1. Расми дарахтро кашед ва дар баргҳои он калимаҳои зеринро ҷудо карда нависед: refrigeratorfridgefryingpansaucepantray. 2. Дар бораи ашёҳои ошхонаи худ нақл кунед. Ифодаҳои 'I can see … This is … These are …'- ро истифода бурда, якчанд ҷумла нависед. 3. Ҷумлаҳоро пур кунед. 1.… is the tray? 2. It is … … … 4. Расми як ашёи дилхоҳро кашед ва нависед. 4b. Сипас онҳо ифодаҳои 'This is…' These are …'ро истифода бурда, дар бораи онҳо маълумот диҳанд.

## LESSON 62. ДАРСИ 62. THE KITCHEN

**Салоҳиятҳо:** 4.1.1. 4.2.1. 4.3.1. 4.3.2. 4.3.3. 4.4.1. 4.5.2. Дар асоси салоҳиятҳо ва барномаи дарси мазкур мақсадҳои таълимро муқаррар намоед. **Барнома.** Шиносоӣ бо луғати нав. Аз худ намудани қоидаҳои асосии хониш ва тарзи талаффузи рамзҳо ва риояи он дар нутқ. Мустаҳкамкунии тарзи истифодаи ҷуфт ё алоқамандии овозҳо ва ҳарфҳои серистеъмоли забони англисӣ дар нутқ. Эҷодкорона истифодабурдани ҷумлаи 'Where is the refrigerator? ва ифодаи шинос 'It's ... This is … These are …' ва ҷонишини нафсӣ дар пешниҳоди маълумотнома доир ба сифату ҷойгиршавии ашёҳои ошхона.
**Равиши дарс.** Омода намудани синф ба дарс (5 дақ.) Овозҳоро бо калимаҳо мувофиқ кунед. Машқи овозҳо дар калимаҳо. Машқро бо тарзи мусобиқа ташкил намоед. Калимаҳоро ба ду гурӯҳи овозҳои [r]ва [p] ҷудо намоед (машқи2). Баъдан шумо онро бо тарзи маъмул гузаронед. 1. Пурсед ва ҷавоб диҳед. Шумо ба хонандагон расми ошхонаро бо ашёи он (дар машқи I, саҳ. 91 тасвир кардашуда) пешниҳод кунед. Ба онҳо фармоед, ки ба расм нигоҳ карда, бо якдигар суҳбат кунанд. Дар ҷараёни фаъолияти худ онҳо савол ва ҷавоби зеринро истифода баранд. Онҳо метавонанд дар ҷавоби худ: 'Where do you see …? 'I see …' ва пайвандакҳои 'at, in, on, next to'-ро низ истифода баранд. 2. Кори гурӯҳии 4 нафара. Хонед ва ҷобаҷо гузоред. Хонандагонро бо расми ошхона (дар вараќи тоза танҳо шакли чоркунҷаро кашед ва 'The kitchen' нависед) ва бо расмҳои ашёе, ки онҳо шинос ҳастанд, таъмин кунед. Шумо ба хонандагон матни) 'In the kitchen' (дар ҳаҷми 4-5 чумла тартиб додашуда) - ро низ тақсим кунед. Онҳо матнро хонда, расми ашёро дар асоси мазмуни матн ҷобаҷо мегузоранд. Гурӯҳҳо кори якдигарро дар муқоиса мебинанд. Матни мазкурро истифода баред.

**The kitchen**

This is a kitchen. I see a pot on the gas-stove. A saucepan and a frying pan are on the table. There is a kettle next to the bowl. A refrigerator is at the wall.

3. Кори гурӯҳӣ. Нигоҳ карда ёбед.Номи ашёи ошхонаро дар тахтаи синф нависед. Хонанда ба назди тахтаи синф баромада, дар асоси имову ишорати ҳамсинфон он ашёро номбар мекунад. 4. Номи ашёро нависед: 1. Is it big. It is in the kitchen. … 2. We boli water using it. … Answer: 1. Refrigerator. 2. Kettle. 5. Хонед ва ҷонишинҳои соҳибиро ёбед (машқи V саҳ. 92). 6a. Ҷойҳои холиро пур кунед. These are … table, knives and forks. This is … … table.
6b. Ба саволҳо ҷавоб диҳед. Whose looking glass are these? Whose cradle is this? Супориши вазифаи хонагӣ: 1. Бо истифодаи калимаҳои: 'hot plate, frying-pan, saucepan, knife, fork and tray' 3 ҷумла нависед. 2. Расми ашёи ошхонаи худ (пиёла, қошуқ, коса ва чойник) - ро кашед.

## LESSON 63. ДАРСИ 63. IN THE KITCHEN

**Салоҳиятҳо:** 4.1.1. 4.2.1. 4.3.1. 4.3.2. 4.4.2. 4.5.2. Дар асоси салоҳиятҳо ва барномаи дарси мазкур мақсадҳои таълимро муқаррар намоед. **Барнома.** Шиносоӣ бо луғати нав. Аз худ намудани қоидаҳои асосии хониш ва тарзи талаффузи овонавишт ва риояи он дар нутқ. Мустаҳкамкунии тарзи истифодаи ҷуфт ва ё алоқамандии овозҳо ва ҳарфҳои серистеъмоли забони англисӣ дар нутқ. Эҷодкорона истифодабурдани 'What are there in your kitchen?' ва ифодаи шинос 'There are a fridge, a kitchen range in my kitchen' ва ҷонишинҳои 'my, your'дар вақти муошират доир ба ашёе, ки дар ошхонаи якдигар вуҷуд дорад.

**Равиши дарс.** Овозҳоро бо калимаҳо мувофиқ кунед. Машқи овозҳо дар калимаҳо. Машқро бо тарзи мусобиқа ташкил намоед. Калимаҳоро ба ду гурӯҳи овозҳои [ts] ва [s] ҷудо намоед (машқи2). Баъдан шумо онро бо тарзи маъмул гузаронед. 1. Нигаред, гӯш кунед ва такрор намоед. Хонандагон кӯшиш кунанд, ки калимаҳоро (strainer, pitcher, slieve, kitchen-range, match,oven) хонанд ва расмҳоро истифода бурда мазмуни онро гӯянд. Сипас аввал шумо тарзи дурусти талаффузи ҳар як калимаро пешниҳод намоед. Сипас аз паси шумо хонандагон дар якҷоягӣ, дар гурӯҳҳои алоҳида, дунафарӣ ва танҳо такрор намоянд. Шумо метавонед азхудкунии мазмуни калимаҳоро санҷед. Тавсия. Шумо калимаи kitchen - range'-ро бо 'синонимаш 'gas-stove фаҳмонед. Расм ва калимаи 'stove'-ро ва калимаи 'oven'-'тасфон'-ро пешниҳод кунед. 2а. Нигаред, гӯш кунед ва такрор намоед. Хонандагонро бо маънои ифодаи нав: 'What are there in your kitchen?'ва ба он савол ҷавобан бо ифодаи 'There are a fridge, a kitchen range in my kitchen' шинос намоед. Ин машқро бо тарзи маъмул пешниҳод намоед. 2б. Машқи пай дар пай. Хонандагон луғатро ва ифодаи: 'What are there in your kitchen?'ва'There are a fridge, a kitchen range in my kitchen'-ро истифода бурда, дар шакли пай дар пай машқ кунанд.
3а.Нигаред ва гӯед (машқи 4).

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| What | are<br>is | there | in the | kitchen? |
| There | | a kettle, a gas-stove<br>a saucepan | | kitchen. |

3b. Кори дунафара. Муколама тартиб диҳед (машқи 5). Ин машқро аввал шумо бо ёрии як хонанда пешниҳод кунед. Сипас хонандагон намунаро машқ кунанд ва дар охир муколамаи худро пешниҳод намоянд. 5. Бозӣ. Гӯш карда ёбед. Хонанда ду намуди ашёро фикр мекунад ва дигарон бо тариқи саволдиҳӣ онро меёбанд. Ба онҳо фармоед, ки ифодаҳои саволии 'Is there a … in your kitchen? Are there … in your kitchen?-ро истифода баранд. Машқро хонандагон бо навбат иҷро мекунанд (машқи 3). Супориши вазифаи хонагӣ: 1. Калимаҳои навро аз ёд кунед. 2. Бо ёрии ифодаҳои 'What are there in your kitchen?' 'Is there a … in your kitchen? Are there … in your kitchen? муколама тартиб диҳед. 3. Ошхонаи худро тасвир намоед.

## LESSON 64. ДАРСИ 64. A BATHROOM

**Салоҳиятҳо:** 4.1.1. 4.3.1. 4.3.3. 4.4.2. 4.5.2. Дар асоси салоҳиятҳо ва барномаи дарси мазкур мақсадҳои таълимро муқаррар намоед. **Барнома.** Шиносоӣ бо луғати нав. Аз худ намудани қоидаҳои асосии хониш ва тарзи талаффузи рамзҳо ва риояи он дар нутқ. Мустаҳкамкунии тарзи истифодаи ҷуфт ё алоқамандии овозҳо ва ҳарфҳои серистеъмоли забони англисӣ дар нутқ. Эҷодкорона истифода бурдани ифодаҳои 'What can you see in the kitchen?' ва I can see …'дар вақти муошират дар бораи ашёҳои хонаи ҳаммоме, ки дар он ҷо дида мешавад.
**Равиши дарс.** Кори гурӯҳӣ. Овозҳоро бо калимаҳо мувофиқ кунед. Калимаҳоро дар варақчаҳои алоҳида навишта, ба гурӯҳҳои хонандагон тақсим кунед. Калимаҳоро ба ду овозҳои [b] ва [ш] ҷудо намоянд ва хонанд. 1. Нигаред, гӯш кунед ва такрор намоед. Калимаҳои нав (bathtub, basket, basin, shampoo, shower) -ро ба хонандагон бо тарзи маъмул пешниҳод намоед. 2а. Кори дунафара. Ишора кунед ва гӯед. Хонандагон дунафарӣ фаъолият намуда тарзи дурусти талаффузи калимаҳоро машқ мекунанд. 2б. Нигаред ва ёбед. Хонанда бо имову ишора ва ҳаракатҳо калимаеро мефаҳмонад, хонандаи дигар он калимаро меёбад. 3а. Нигаред, гӯш кунед ва такрор намоед. Хонандагонро бо маънои ифодаи нав: 'People drink tea with …'шинос намоед. Ин машқро бо тарзи маъмул пешниҳод намоед. 3б. Машқи пай дар пай. Хонандагон луғатро ва ифодаи: **'**What can you see in the bathroom?' ва I can see …'-ро истифода бурда, дар шакли пай дар пай (занҷир) машқ мекунанд. 3с. Пурсед ва ҷавоб диҳед. Хонандагон ифодаи: 'What can you see in **your** bathroom'; 'I can see' ,,, in **our** bathroom' ва калимаҳои навро истифода бурда, байни худ муошират мекунанд. 4а. Хонед ва гӯед. Шеърро бо тарзи маъмул ҳамроҳи хонандагон хонед. Хонандагон мазмуни калимаи 'can'- ро машқ кунанд. 4б. Ба савол ҷавоб диҳед. Хонандагон ба ин савол баъд аз хондани матн ҷавоб диҳанд. What can we take? Супориши вазифаи хонагӣ**.** 1. Расми морро кашед ва дар он калимаҳои навро нависед. 2. Ифодаи навро истифода бурда, муколама тартиб диҳед.
Ҳаммомхона ва ашёи онро тасвир намоед. 5. Бозӣ. Гӯш карда гӯед. Хонандагон бо навбат яке аз ашёи ҳаммомхонаро мегӯянд, дигарон онҳоро шарҳ медиҳанд. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки ифодаи: We can …'-ро истифода баранд.

## LESSON 65. ДАРСИ 65. ' WE WASH WITH THE SOUP AND WATER'

**Салоҳиятҳо:** 4.1.1. 4.3.1. 4.3.3. 4.4.1. 4.5.1. 4.5.2. Дар асоси салоҳиятҳо ва барномаи дарси мазкур мақсадҳои таълимро муқаррар намоед. **Барнома.** Шиносоӣ бо луғати нав. Аз худ намудани қоидаҳои асосии хониш ва тарзи талаффузи рамзҳо ва риояи он дар нутқ. Мустаҳкамкунии тарзи истифодаи ҷуфт ва ё алоқамандии овозҳо ва ҳарфҳои серистеъмоли забони англисӣ дар нутқ. Эҷодкорона истифодабурдани ифодаи 'We wash with the soup and water' ва ифодаҳои шинос дар муошират оид ба ашёи ҳаммомхона ва риояи қоидаҳои гигиенӣ.
**Равиши дарс.** Бозии 'Fly swatter'. Бозиро бо тарзи маъмул ташкил кунед. 1. Нигаред, гӯш кунед ва такрор намоед (машқи II). Калимаҳои нав (sink, soup, soup-dish, sponge, tosqueeze, mirror)-ро ба хонандагон бо тарзи маъмул пешниҳод намоед. 2а. Нигаред, гӯш кунед ва такрор намоед. Машқи овозҳо дар калимаҳо. Ин машқро бо тарзи маъмул ташкил намоед. 2б. Ҳарф ба ҳарф гӯед (машқи 2 саҳ. 96). Бозӣ. Чунин тарзи фаъолияти бозии 'Spelling bee' барои такрор намудани тарзи талаффузи ҳарфҳои калима ва тарзи навишти он калимаро муайян месозад. Шумо калимаро гӯед, сипас ба хонанда ишора кунед, ки ӯ аввалин ҳарфи калимаро номбар кунад ва ҳоказо. 2с. Ишора кунед ва гӯед (машқи 3 саҳ. 97). Хонандагон дунафарӣ фаъолият менамоянд. **Супориши вазифаи хонагӣ.** 1. Ҷойҳои холиро пур кунед (дар китоби дарсӣ пешниҳод гардонида шудааст). 2. Расми морро кашед ва калимаҳоро дар он нависед (машқи III). 3. Шеърро аз ёд кунед ва онро бо ҳаракатҳо пешниҳод кунед. Матни мазкур барои истифода пешниҳод мешавад. We wash our face with the soup. We squeeze the sponge with our hands. We put the soup into the soup-dish.
We wash our hair with shampoo. 3. Матнро хонед ва калимаҳои навро ёбед. 4. Калимаҳои парокандаро ҷобаҷо гузошта, ҷумла созед (машқи IV). 1. we, shampoo, wash, with, hair, our. 2. I, shower, bathroom, take, a,

in, the. 5. Бозӣ. Нигаред ва ёбед (машқи III). Хонанда бо имову ишора ва ҳаракатҳо калимаеро ба рафиқаш мефаҳмонад, хонандаи дигар он калимаро мегӯяд. Эзоҳ: Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки китобҳояшонро пӯшанд. Шумо калимаҳоро дар тахтаи синф пешниҳод кунед.

### LESSON 66. ДАРСИ 66. ' YOU BRUSH YOUR TEETH WITH IT'

**Салоҳиятҳо:** 4.1.1. 4.1.2. 4.2.1. 4.3.1. 4.3.2. Дар асоси салоҳиятҳо ва барномаи дарси мазкур мақсадҳои таълимро муқаррар намоед. **Барнома.** Шиносоӣ бо луғати нав. Аз худ намудани қоидаҳои асосии хониш ва тарзи талаффузи рамзҳо ва риояи он дар нутқ. Мустаҳкамкунии тарзи истифодаи ҷуфт ва ё алоқамандии овозҳо ва ҳарфҳои серистеъмоли забони англисӣ дар нутқ. Истифодаи эҷодкорона ифодаи ' You brush your teeth with it' ва ифодаҳои шинос дар муошират оид ба ашёи ҳаммомхона, мақсади истифодаи онҳо дар муҳити зиндагии ҳамарӯза.

**Равиши дарс.** Диктанти ҳуштаккашӣ.'Wistling dictation'. Гӯш карда нависед. Шумо масалан:'We bathe in it' гӯён мазмуни калимаро диҳед. Хонандагон калимаро нависанд (калимаҳои машқи 3 дарси 65-ро истифода баред). 1. Нигаред, гӯш кунед ва такрор намоед. Шиносоӣ бо калимаҳои навро бо тарзи маъмул ташкил кунед (машқи I). 2а. Нигаред, гӯш кунед ва такрор намоед. Машқи овозҳои [t]; [u:] дар калимаҳо. Ин машқро бо тарзи маъмул ташкил намоед (машқи II). 2б. Ишора кунед ва гӯед (машқи III). Хонандагон дунафарӣ фаъолият менамоянд (машқи II). 2с. Нигаред, гӯш кунед ва такрор намоед.Шумо хонандагонро бо ифодаҳои 'What is this? ва ҷавоби дурусти он 'It's …' шиносоӣ намоед. Чунин намуди фаъолиятро бо тарзи маъмул ташкил намоед. Сипас ба хонандагон фармоед, ки истифодаи ифодаҳоро дар расмҳо ба таври дунафара (машқи I) машқ кунанд. 3. Матнро хонед ва калимаҳои навро ёбед. Эзоҳ: Матни мазкурро истифода бурдан ба мақсади дарс мувофиқ аст. Намунаи матн: I wash my teeth with the brush. I use a toothpaste to wash my teeth. I dry myself with the towel. 4. Ҷавоби мувофиқро нависед( машқи IV).

**Супориши вазифаи хонагӣ:** 1.Расми ашёҳои ҳаммомхонаи худро кашед ва мақсади истифодаи онҳоро нақл кунед (дар китоби дарсӣ пешниҳод шудааст). 2. Расми гулро кашед ва калимаҳоро дар он нависед (машқи I). 3. Ҷойҳои холиро пур кунед. We … …. … with it.

(Дарсро давом диҳед). 5. Кори гурӯҳӣ. Бозӣ. Ишора кунед, пурсед ва ҷавоб диҳед. Шумо тарзи бозиро ба хонандагон пешниҳод кунед, онҳо давом диҳанд. A: What's this? What do you do with it? B: It's a brush. We wash our teeth with it.

### LESSON 67. ДАРСИ 67. 'THIS IS THE WAY I WASH MY HANDS SO EARLY IN THE MORNING'

**Салоҳиятҳо:** 4.1.1. 4.3.1. 4.4.2. 4.5.1. Дар асоси салоҳиятҳо ва барномаи дарси мазкур мақсадҳои таълимро муқаррар намоед. **Барнома.** Шиносоӣ бо луғати нав. Аз худ намудани қоидаҳои асосии хониш ва тарзи талаффузи рамзҳо ва риояи он дар нутқ. Мустаҳкамкунии тарзи истифодаи ҷуфт ва ё алоқамандии овозҳо ва ҳарфҳои серистеъмоли забони англисӣ дар нутқ. Истифодаи эҷодкорона ифодаи " This is the way I wash my hands" ва ифодаҳои шинос дар муошират оид ба ашёи ҳаммомхона, мақсади истифодаи онҳо дар муҳити зиндагии ҳамарӯза..

**Равиши дарс.** Диктанти ҳуштаккашӣ.'Wistling dictation'. Гӯш карда нависед. Шумо масалан: 'We bathe in it' гӯён мазмуни калимаро диҳед. Хонандагон калимаро нависанд (калимаҳои машқи 3 дарси 65-ро истифода баред). 1a. Нигаред, гӯш кунед ва такрор намоед. Шиносоӣ бо калимаҳои навро бо тарзи маъмул ташкил кунед (машқи I, саҳ. 99).Сипас шумо гӯед, хонандагон гӯш карда ишора кунанд. 1b. Корӣ дунафара. Ишора кунед ва гӯед. Хонандагон дунафарӣ фаъолият намуда, тарзи дурусти талаффузи калимаҳоро машқ мекунанд. 2. Нигаред, гӯш кунед ва такрор намоед.Ин машқи калимаҳо муҳим аст. Шумо ба хонандагон : 'Touch your face! (neck, ear, teeth, clothes) гӯён муроҷиат кунед, онҳо иҷро кунанд. 3a. Нигаред, гӯш кунед ва такрор намоед. Шумо хонандагонро бо ифодаҳои: 'This is the way I wash my hands so early in the morning' шиносоӣ намоед. Чунин намуди фаъолиятро бо тарзи маъмул ташкил намоед. 3б. Машқи пай дар пай. Хонандагон луғати машққардашуда ва ифодаи: ' This is the way I wash my hands so early in the morning'-ро дар шакли занҷир (пай дар пай) машқ кунанд. 4a. Ифодаро ёбед. Хонандагон аз матн ифодаро ёфта мехонанд. 4б. Ҷумларо ба охир расонед. This is the … … … … So early in the morning.

**Супориши вазифаи хонагӣ**. 1. Шеърро азёд кунед( машқи II). 2. Расми бананчаҳоро кашед ва калимаҳоро дар он нависед (машқи I). 3. Ҷойҳои холиро пур кунед. This is the way … …. … ... So … in the morning. 4. Мазмуни шеърро бо кашидани расмҳо пешниҳод кунед. 4c. Шеърро бо воситаи ҳаракатҳо дар якҷояги такрор кунед. Агар имконият шавад мазмуни шеърро бо кашидани расмҳо пешниҳод кунанд. Чунин супориш барои иҷро дар хона хеле шавқовар аст.

### LESSON 68. ДАРСИ 68. 'WHAT DO WE USE TO CLEAN THE ROOM?'

**Салоҳиятҳо:** 4.1.2. 4.2.1. 4.3.1. 4.3.2. 4.4.2. 4.5.2. Дар асоси салоҳиятҳо ва барномаи дарси мазкур мақсадҳои таълимро муқаррар намоед. **Барнома.** Шиносоӣ бо луғати нав. Аз худ намудани қоидаҳои асосии хониш ва тарзи талаффузи рамзҳо ва риояи он дар нутқ. Мустаҳкамкунии тарзи истифодаи ҷуфт ва ё алоқамандии овозҳо ва ҳарфҳои серистеъмоли забони англисӣ дар нутқ. Истифодаи эҷодкорона ифодаҳои 'What do we use to clean the room?' 'We use … to clean the room' дар муошират оид ба ашёи ҳаммомхона мақсади истифодаи онҳо барои нигоҳдории тозагӣ дар манзили зист.

**Равиши дарс.** Хонандагон бозии 'Fly swatter'-ро иҷро кунанд (машқи II. саҳ. 101). Тарзи талаффузи дурусти овозҳо дар калимаҳо.Шумо ин машқро бо тарзи маъмул ташкил кунед. 1a. Нигаред, гӯш кунед ва такрор намоед. Шиносоӣ бо калимаҳои навро бо тарзи маъмул ташкил кунед (машқи I, саҳ. 100). Сипас шумо гӯед, хонандагон шунида, ишора кунанд. 1b. Кори ҷуфтӣ. Ишора кунед ва гӯед. Хонандагон дунафарӣ фаъолият намуда тарзи дурусти талаффузи калимаҳоро машқ мекунанд. 2a. Нигаред, гӯш кунед ва такрор намоед. Шумо хонандагонро бо ифодаҳои ' What do we use to clean the room?' 'We use … to clean the room' шиносоӣ намоед. Чунин намуди фаъолиятро бо тарзи маъмул ташкил намоед. 2б. Машқи пай дар пай. Хонандагон луғати машққардашуда ва ифодаи: ' What do we use to clean the room?' 'We use … to clean the room'-ро дар шакли занҷир машқ кунанд. 3. Ҷойҳои холиро пур кунед. Эзоҳ: Ҷумлаҳоро бо чунин тарз пешниҳод намоед: We use … to sweep the floor. We use … to clean the wall. We use … to dust the windows.

**Супориши вазифаи хонагӣ**. 1. Расми калимаҳои навро кашед ва номи онҳоро бо забони англисӣ нависед. 2.Тозагии хонаи худро чӣ хел нигоҳ медоред, нависед. Ифодаи 'We use … to clean the room'-ро истифода карда 3 - 4 ҷумла тартиб диҳед. Дарсро давом диҳед. 4. Ба савол ҷавоб диҳед (машқи I. саҳ. 100). Кори

гурӯҳӣ. Хонандагон ин машқро бо тарзи шифоҳӣ иҷро мекунанд. What do we use to clean the room? We use … to clean the room.

### PROJECT WORK. LESSONS 64-67 OUR BATHROOM.

**Салоҳиятҳо:** 4.1.2. 4.3.1. 4.3.2. 4.4.2. 4.5.2. Дар асоси салоҳиятҳо ва барномаи дарси мазкур мақсадҳои таълимро муқаррар намоед. **Барнома.** Шиносоӣ бо луғати нав. Аз худ намудани қоидаҳои асосии хониш ва тарзи талаффузи рамзҳо ва риояи он дар нутқ. Мустаҳкамкунии тарзи истифодаи ҷуфт ва ё алоқамандии овозҳо ва ҳарфҳои серистеъмоли забони англисӣ дар нутқ. Истифодаи эҷодкорона ифодаҳои азхудкардашуда дар муошират оиди ашёи ҳаммомхона.

**Равиши дарс.** Хонандагон бозии 'Fly swatter'-ро иҷро мекунанд (машқи II. саҳ. 101). Омӯзгор ин машқро бо тарзи маъмул ташкил мекунад. 2. Хонед ва мувофиқ намоед. Омӯзгор калимаҳо ва расмҳоро пешниҳод карда, аз хонандагон хоҳиш мекунад, ки онҳо расмҳоро бо калимаҳо мувофиқ кунанд. (мавзӯи 'Bathroom'). 3. Расми ашёи ҳаммомхонаро кашед ва номи онҳоро нависед**.** 4. Омӯзгор супориш медиҳад, то ки хонандагон ифодаро истифода бурда, дар бораи мақсади истифодаи ашё дар ҳаммомхона нақл кунанд. 5. Хонандагон расми ашёҳое, ки барои нигоҳдории тозагии хона лозим аст, кашанд ва номи онҳоро дар зери расмҳо нависед. Сипас ба саволи мазкур бо 3-4 ҷавоб диҳед**. '**What do we use to clean the room?' Фаъолияти хонандагонро қадр кунед. **Супориши вазифаи хонагӣ**. Машқи 4 ба хонандагон супориш диҳед, ки ҷумлаҳоро бо калимаҳои мувофиқ пурра намоянд. Машқи 5 аз рӯйи расм нақл таёр намоянд.

# РОҲНАМОИ ФАННИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ БАРОИ СИНФИ 4-УМ

## барои омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ


| | |
|---|---|
| Муҳаррир | Ю. Шерматов |
| Мусаҳҳеҳ | М. Саидова |
| Муҳаррири техникӣ | Қ. Саъдуллоев |
| Тарроҳ | Қ. Назаров |

Ба матбаа 28.06.2016 супорида шуд.
Ба чоп 16.08.2016 иҷозат дода шуд. Коғази офсет.
Чопи офсет. Андоза 60х84 1/8. Ҷузъи чопӣ 4,0.
Адади нашр 10000 нусха.
Супориши № 142/2016

Муассисаи нашриявии «Маориф»-и
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734024, ш. Душанбе, кӯчаи Аҳмади Дониш, 50
Тел: 222-14-66
E-mail: najmiddin64@mail.ru

Дар матбааи ҶДММ «Душанбе – Принт» чоп шудааст.